ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

МОДУЛИ

5

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 5

## АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-5 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Фаросат Олимова, Сафарбек Собирзода, Изатулло Раҳимов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| М. Ниёзова, | мутахассиси пешбари шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Ҳ. Ҳалимова, | омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |


Модули мазкур ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик равона шудааст. Ҳадафи асосии он баланд бардоштани самаранокии таълим тавассути муносибати босалоҳият дар таълим ва ташкили муҳити созандаи таълимӣ мебошад.

Модул бо дарназардошти талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсиллот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар он мавзуъҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Аз ҷумла, талаботи нав ба таълими забон ва адабиёти тоҷик дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим, инчунин роҳҳои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои калидӣ дар машғулиятҳои таълимӣ

## Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| | Пешгуфтор ....…………………………........................................................................... | 4 |
| 1 | Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда................................................................... | 5 |
| 2 | Методҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик ........................................................................................................................ | 37 |
| | Адабиёт ва сарчашмаҳо......................................................................................... | 71 |

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити рушди муосири низоми маориф, арзёбӣ на танҳо ченкунандаи натиҷаҳои таълим, балки василаи муассири таҳкими тафаккур ва ҳавасмандии хонандагон маҳсуб меёбад. Модули таълимӣ барои омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик пешбинӣ гардида, имкони фарогирии усулҳои навини арзёбӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълимро доро мебошад.

Яке аз самтҳои муҳимми **арзёбии ташаккулдиҳанда** дар он асос меёбад, ки арзёбӣ бояд дар самти такмил ва ташаккули доимии хонандагон роҳнамо бошад. Мақсад, восита ва муносибатҳои дар ин раванд истифодашаванда, ки муҳити мусоиди омӯзишӣ ва робитаи самаранок миёни омӯзгорон ва хонандагон ба вуҷуд оранд. Арзёбии ташаккулдиҳанда воситаи муҳимми бартарафсозии камбудиҳо, рушди малакаҳо ва эҷоди фазои таълимии созанда маҳсуб мешавад. .

Самти дигар, **методҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ** мафҳуми салоҳиятро на танҳо ҳамчун маҷмуи дониш, балки ҳамчун қобилияти татбиқи онҳо дар амал баррасӣ мекунад. Методҳо ба монанди харитаи мушоҳида, варақаҳои худбаҳодиҳӣ ва санҷишӣ имконият медиҳанд, ки раванди таълим назоратшаванда ва ҳамзамон инъикоскунандаи сатҳи фаҳмишу малакаҳои хонанда бошад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки арзёбӣ ба хонанда нигаронида ва фарогир буда, дар ташаккули тафаккури интиқодӣ нақши муҳим бозад.

Ниҳоят, **дастгирии ҳавасмандӣ тавассути арзёбӣ ва робитаи мутақобила** асоси равобити омӯзгору хонандаро ташкил медиҳад. Арзёбӣ метавонад ҳамчун ангезандаи фаъолият хизмат кунад, агар он ба таври шаффоф, адолатманд ва руҳбаландкунанда амалӣ гардад. Муоширати мутақобила дар раванди арзёбӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки эҳтиёҷ ва қобилияти воқеии хонандагонро дуруст дарк кунанд ва тавассути шариксозии онҳо дар раванди баҳодиҳӣ эҳсоси масъулият ва таваҷҷуҳро бедор намоянд.

Дар ин модул пешниҳод мегардад, ки шунавандагон на танҳо усулҳои арзёбиро фаро гиранд, балки муносибати эҷодию таҳлилгарона нисбат ба арзёбӣ пайдо кунанд, ки дар навбати худ ба рушди касбӣ ва самаранокии таълим мусоидат мекунад.

# МАВЗУИ 1

## Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда

**Чиро донистан муҳим аст?**

Чор принсипи асосии арзёбии ташаккулдиҳанда:

1. **Ба пешрафти шахсии хонанда равона гардида** – рушди инфиродии асл муҳим аст, на дар муқоиса бо дигарон.
2. **Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият** – хонандагон медонанд, ки чӣ талаб карда мешавад ва кори онҳо чӣ гуна арзёбӣ мегардад.
3. **Робитаи мутақобилаи созанда** – шарҳҳо дар фаҳмидани чӣ чиз хуб шуд ва чӣ бояд такмил ёбад, кумак мекунанд.
4. **Ҷалби хонандагон дар раванди арзёбӣ** – тавассути худбаҳодиҳӣ, арзёбии ҳамдигар ва муҳокимаи натиҷаҳо.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Табдил додани ҳадафҳои умумии дарс ба **вазифаҳои таълимие**, ки метавон арзёбӣ кард
- Таҳияи **меъёрҳои равшан ва объективии муваффақият** барои намудҳои гуногуни кор (посухи шифоҳӣ, лоиҳа, кор бо харита)
- Пешниҳоди **робитаи мутақобилаи созанда** бо истифодаи усулҳои гуногун
- Истифодаи воситаҳои худбаҳодиҳӣ ва ба ҳамдигар баҳо додан: варақаҳои санҷишӣ, харитаи пешрафт, варақаҳои хулосабардорӣ

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима:**

- Фарқи арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ дар чист?
- Нақши омӯзгор ва хонанда дар раванди арзёбӣ чӣ гуна тағйир меёбанд?
- Чаро меъёрҳои шаффофи муваффақият муҳиманд? Чӣ тавр онҳоро бо хонандагон муҳокима кардан мумкин аст?
- Робитаи мутақобилаи созанда чӣ гуна ба ҳавасмандӣ ва пешрафти хонанда таъсир мерасонад?
- Чӣ тавр хонандагонро метавон ба раванди арзёбӣ ҷалб кард, то барои онҳо муфид бошад?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед

1. Фарқи арзёбии ташаккулдиҳандаро аз арзёбии анъанавӣ **фаҳмонед**.
2. Аҳаммияти чор принсипи арзёбии ташаккулдиҳандаро барои раванди таълим **шарҳ диҳед**.
3. Мақсади дарсро дар шакле **таҳия кунед**, ки барои хонандагон фаҳмо бошад.
4. Барои арзёбии намудҳои гуногуни фаъолият меъёрҳои возеҳу равшан таҳия намоед.
5. Ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ робитаи мутақобила **пешниҳод кунед.**

## Муқаддима

Арзёбӣ аз баҳогузорӣ афзалтар аст. Он метавонад ба ҳавасмандии хонандагон, муносибати онҳо ба омӯзиш ва ҳатто ба он ки чӣ гуна онҳо қобилият ва имкониятҳои худро мебинанд, таъсир расонад.

Чӣ гуна метавон арзёбиро на танҳо ба сабти натиҷа, балки ба воситаи рушди шахсӣ табдил дод? Ба ҳамин савол арзёбии ташаккулдиҳанда ҷавоб медиҳад.

**Дар машғулияти аввал** шумо мефаҳмед, ки арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ чӣ фарқ дорад ва бо ду принсипи калидии он: – равона будан ба пешрафти шахсии хонанда ва истифодаи меъёрҳои равшану фаҳмои муваффақият шинос мешавед.

Ин идеяҳо нигоҳ ба дарсро тағйир медиҳанд ва ба ҳар хонанда имкон медиҳанд, ки роҳи рушди шахсии худро бубинад.

**Дар машғулияти дуюм** мо ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки чӣ гуна бознигарии созанда дошта бошем ва хонандагонро ба раванди арзёбӣ ҷалб намоем — то онҳо иштирокчиёни фаъол ва огоҳи омӯзиши худ бошанд. Мо усулҳоеро баррасӣ мекунем, ки фикру мулоҳизаро муфид мегардонанд ва ба иштироки хонандагон маънӣ мебахшанд.

**Машғулияти сеюм** — дарси амалӣ аст: шумо худ воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро меозмоед, меъёр, варақаи санҷишӣ ва шаклҳои бознигариро таҳия мекунед, метавонед онҳоро дар кори худ истифода баред.

Ин мавзуъ дар бораи он аст, ки чӣ гуна арзёбиро ба воситаи фаҳмо ва муфид табдил додан мумкин аст — то он ба хонандагон дар омӯзиши огоҳона ва самаранок кумак расонад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Арзёбии ташаккулдиҳанда**– равандест, ки дар он арзёбӣ барои дастгирии омӯзиш истифода мешавад: дастовардҳо ва душвориҳои хонандагон муайян мегарданд ва бознигарӣ барои такмили кор пешниҳод мешавад.

**Арзёбии анъанавӣ** – санҷиши дониш бо мақсади гузоштани баҳо, ки танҳо натиҷаро сабт мекунад ва ба рушди минбаъда таваҷҷуҳ намекунад.

**Меъёрҳои муваффақият** – нишондиҳандаҳои равшан ва фаҳмо, ки иҷрои кор бо онҳо арзёбӣ мешавад; ба хонанда кумак мекунанд фаҳмад, ки аз ӯ чӣ интизорӣ аст.

**Робитаи мутақобила** – шарҳҳои омӯзгор ё ҳамсинфон, ки ҷиҳатҳои мусбати корро нишон дода, тавсияҳои мушаххас барои беҳтар гардидани он пешниҳод мегарданд.

**Худбаҳодиҳӣ** – равандест, ки дар он хонанда худаш сифати кори худро арзёбӣ мекунад ва муайян месозад, ки чӣ хуб шуд ва чӣ бояд такмил ёбад.

**Ба ҳамдигар баҳодиҳӣ**– равандест, ки дар он хонандагон корҳои якдигарро бо меъёрҳои мувофиқ арзёбӣ ва бо фикру мулоҳизаҳои созанда мубодила мекунанд.

**Миқёсҳои пешрафт (Шкалаҳои пешрафт)** – воситаҳое мебошанд, ки ба хонанда имкон медиҳад дастовардҳои худро пайгирӣ ва динамикаи рушди маҳоратҳоро бубинад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**
1. Фарқи арзёбии ташаккулдиҳандаро аз арзёбии анъанавӣ **фаҳмидан**.
2. Аҳамияти чор принсипи арзёбии ташаккулдиҳандаро барои раванди таълим **шарҳ додан.**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Саволҳо барои андешаронӣ:**
- Ба ёд оред, ки вақте шумо хонанда ё донишҷӯ будед, кадом навъи арзёбӣ барои шумо муфидтар буд? Чаро?
- Дар кадом маврид баҳо воқеан кумак мекард, то фаҳмед, ки минбаъд чӣ кор кардан лозим аст? Дар кадом маврид танҳо ҳисси муваффақият ё нокомиро ба вуҷуд меовард?
- Барои шумо «арзёбии одилона» чӣ маъно дорад?

**Шакли кор:**
- Дунафарӣ **як саволеро** интихоб кунед, ки ба назаратон бештар муҳим ё ҷолиб аст.
- Муҳокима кунед, мисолҳо биёред ва ҷавоби мухтасар омода созед, ки омодаед ба гурӯҳ пешниҳод кунед.

**2. «Вазъияти ҳаётӣ»**

Пас аз кори назоратӣ, омӯзгор дафтарҳоро бо баҳоҳо тақсим мекунад ва натиҷаи умумии синфро мухтасар шарҳ медиҳад:

*«Умуман хуб кор кардед, аммо бисёриҳо дар иҷрои супориши 3 хато карданд. Андеша кунед, ки чӣ гуна онҳоро пешгирӣ кардан мумкин аст».*

**Дар гурӯҳҳо муҳокима кунед:**
- Ба назари шумо, омӯзгор чӣ корро хуб анҷом дод?
- Кадом ҷиҳати чунин шакли арзёбӣ барои хонандагон чӣ гуна метавонад муфид бошад?
- Агар шумо хонанда мебудед, ба чунин фикру мулоҳиза чӣ гуна вокуниш нишон медодед?
- Чиро тағйир медодед ё ба омӯзгор чӣ тавсия медодед, то ки арзёбӣ барои хонандагон муфидтар гардад?

**3. Супориш ба гурӯҳҳо: «Арзёбӣ барои рушд»**

| «Арзёбӣ барои рушд» чӣ маъно дорад?<br>*Се аломати* чунин муносибатро нависед: | Он чӣ гуна дар дарс аён мегардад?<br>Мухтасар (2-3-то ҷумла) нависед: |
|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | |

**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилооттии 5.1-ро бодиққат хонед, баъд аз он фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 5.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.1.**

## *1. Мушкилоти арзёбии анъанавӣ*

Арзёбии мактабӣ танҳо баҳогузорӣ нест. *Он ба мо нишон медиҳад, ки мо дар омӯзиш чиро арзишманд мешуморем.* Агар дар дарсҳо асос бахотиргирӣ ва бозгӯйии далелу қоидаҳо бошад, маҳз ҳамин чиз арзёбӣ мегардад. Аммо агар мо хоҳем, ки хонандагон андешаронӣ, таҳлил кардан ва ҳамкориро омӯзанд, пас низоми арзёбӣ бояд маҳз ҳамин ҳадафҳоро ифода намояд.

Одатан баҳои мактабӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекард: **назорати дониш** ва **ҷудокунии хонандагон**. Баҳо нишон медод, ки кадоме «муваффақ» аст, кадоме «миёнахон» ва кадом хонанда «сустхон» аст. Он қадар муҳим набуд, ки кадом низоми баҳогузорӣ, панҷбаллӣ ё даҳбаллӣ, истифода мешавад.

*Хонандагон танҳо баҳоро мебинанд, вале ҷавоб ба саволҳои калидиро намегиранд:* – Ман чиро дуруст анҷом додам? – Дар куҷо ғалат кардам? – Минбаъд чӣ кор бояд кунам?

Як мушкили муҳимми дигар — нақши ғайрифаъоли хонанда аст. Дар низоми анъанавӣ ӯ қариб ки дар раванди арзёбӣ иштирок намекунад:

- *мақсадҳои таълимро намефаҳмад* — онҳоро баъзан ба самъи хонанда мерасонанд ва ҳатто бо ӯ онҳоро муҳокима ҳам намекунанд;
- *пешрафти худро таҳлил намекунад* — малакаҳои худбаҳодиҳиро ташаккул намедиҳад, дастовард ё душвориҳояшро ба назар намегирад;
- *дар арзёбии ҳамдигар иштирок намекунад* — аз муколама ва фикру мулоҳизаи ҳамсинфон маҳрум аст;

Дар натиҷа, баҳо танҳо як қарори берунаи омӯзгор ва як расмиёти ҳисоботӣ мемонад, на воситаи рушди шахсии хонанда.

Бо вуҷуди ин, **нақши ченкунии арзёбӣ муҳим боқӣ мемонад.** Арзёбии ҷамъбастӣ ба саволи «Хонанда чиро омӯхт?» ҷавоб медиҳад. Имтиҳонҳо, корҳои назоратӣ, санҷишҳо ва баҳо дар журнал сатҳи азхудкунии маводро нишон медиҳанд ва барои ҷамъбасти натиҷаҳо заруранд.

Аммо, илова ба ин, як равиши дигар низ вуҷуд дорад — **арзёбии ташаккулдиҳанда**. Он ба раванди омӯзиш ворид аст: ин як амали яквақта нест, балки ***муколамаи доимӣ*** байни хонанда ва омӯзгор, инчунин байни худи хонандагон мебошад. Агар баҳои ҷамъбастӣ ба саволи «Хонанда чӣ омӯхт?» ҷавоб диҳад, арзёбии ташаккулдиҳанда ба саволҳои дигар равона аст: – Хонанда ҳоло дар кадом сатҳ қарор дорад? – Ба куҷо равона аст? – Чӣ ба ӯ кумак мекунад, ки муваффақ гардад?

Ҳамаи ин мушкилот нишон медиҳанд, ки низоми арзёбӣ дар мактаб ниёз ба бознигарӣ дорад. Он бояд на танҳо натиҷаро нишон диҳад, балки ба хонанда дар омӯзиш кумак расонад ва ба омӯзгор имкон диҳад, ки дарсро тавре ба роҳ монад, ки ҳар як кӯдак пеш равад. Ин вазифаро **арзёбии ташаккулдиҳанда** ҳал мекунад — равише, ки баҳоро аз «ҳукми ниҳоӣ» ба **воситаи рушд** табдил медиҳад.

Биёед дида бароем, ки арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ чӣ фарқ дорад ва ба кадом принсипҳо асос ёфтааст.

## *2. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда*

**Принсипҳо** ин асоси ҳамаи равишҳои методӣ мебошанд. Онҳо набояд зиёд бошанд, зеро маҳз принсипҳо самти равишро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, мо танҳо принсипҳои калидиро ҷудо мекунем, ки бе онҳо арзёбии ташаккулдиҳанда фаъолият карда наметавонад. Ин принсипҳо чаҳорчӯбаи равандро муайян мекунанд: онҳо ба омӯзгор кумак мекунанд, ки арзёбиро тавре ба роҳ монад, ки он омӯзишро дастгирӣ кунад, на танҳо натиҷаро сабт намояд.

**1. Равона ба рушди шахсии хонанда**

Арзёбӣ ба дастовардҳои инфиродии хонанда нигаронида шудааст, на ба муқоиса бо дигарон. Натиҷаҳо дар динамика дида мешаванд — муҳим он аст, ки хонанда то куҷо пеш рафтааст, на танҳо он ки хонанда ҳоло чиро медонад.

**2. Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият**

Хонандагон пешакӣ медонанд, ки кори хуб чӣ гуна аст. Меъёрҳо метавонанд якҷоя бо синф таҳия шаванд, то онҳо барои ҳама фаҳмо ва муҳим бошанд.

**3. Бознигарии созандаи доимӣ**

Арзёбӣ бо шарҳҳои мушаххас ҳамроҳ мешавад: чӣ хуб шуд, чӣ бояд такмил ёбад ва чӣ гуна ин корро ба роҳ мондан мумкин аст. Баҳо аз «ҳукм» ба воситаи рушд табдил меёбад.

**4. Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ**

Хонандагон ба арзёбӣ ҷалб мешаванд: корҳои худро таҳлил мекунанд (худсанҷӣ), фикру мулоҳиза мегиранд ва медиҳанд (баҳодиҳии ҳамдигар) ва дар муҳокимаи ҳадафҳо иштирок мекунанд.

## *3. Татбиқи принсипҳо дар дарс*

***Принсипи 1. Ба рушди хонанда нигаронидашуда***

Дар дарс чӣ муҳимтар аст: донистани он ки кадоме беҳтарин аст, ё фаҳмидани он ки ҳар хонанда чӣ гуна пеш меравад? Арзёбии ташаккулдиҳанда роҳи дуюмро интихоб мекунад: он ба пешрафти шахсии хонанда нигаронида шудааст ва кумак мекунад хонанда бубинад, ки чӣ кор карда метавонад, кадом ҷиҳатҳои қавӣ дорад ва дар кадом самтҳо бояд кор кунад.

Омӯзгор на танҳо натиҷа, балки пешрафти хонандаро низ арзёбӣ мекунад, яъне хонанда нисбат ба корҳои қаблӣ то куҷо пеш рафтааст.

**Муҳим:** Дар арзёбии ташаккулдиҳанд пешрафт бештар бо тавсиядиҳӣ, варақаи санҷишӣ ва аз рӯйи муҳокимаҳои муштарак сабт мешавад. Агар баҳо истифода шавад ҳам, муҳим он аст, ки хонанда фаҳмад, ки пушти он чӣ меистад ва кадом қадамҳо ба ӯ кумак мекунанд, ки пеш равад.

Барои он ки ин принсип дар дарс кор кунад, воситаҳое лозиманд, ки пешрафтро намоён созанд ва муколама бо хонандаро таъмин намоянд. Ана ду воситаи калидӣ:

**1. Портфолиои хонанда**

Ин маҷмуи корҳо дар як давраи муайян аст, ки имкон медиҳад рушди хонандаро бинем ва дастовардҳоро муҳокима кунем.

Портфолио — танҳо як маҷмуи корҳо нест, балки як низом бо қоидаҳои мушаххас аст: – чӣ дохил кардан, – чӣ гуна маводҳоро сохторбандӣ кардан, – кадом рубрикаҳоро истифода бурдан, – чӣ гуна натиҷаҳоро муҳокима кардан.

Агар дуруст ташкил шавад, он ба воситаи таҳлили муштарак ва банақшагирии омӯзиши минбаъда табдил меёбад.

**2. Варақаи ҳадафҳои инфиродӣ**

Ин воситаест, ки дар он хонанда ҳадафҳои худро оид ба мавзуъ муайян мекунад ва қадамҳои расидан ба онҳоро тарҳрезӣ менамояд.

**Варақаи инфиродии ҳадафҳо оид ба мавзуи «Матни бадеӣ ва ғояи он»**
**Мехоҳам фаҳмам/дарк кунам:**

- Кадом василаҳоро муаллиф барои ифодаи ғояи асар истифода мебарад.
- Кадом хусусиятҳо барои достон ҳамчун жанри адабӣ хосанд.
- ________________________________ (ҳадафи шахсии худ).

**Мехоҳам таҳлил кунам/муқоиса намоям:**

- Чӣ гуна хислати қаҳрамон дар ҷараёни сужети асар инкишоф меёбад.
- Фарқи ин асар аз асари дигар дар мавзуъ, услуб ё руҳия дар чӣ аст.
- ________________________________ (ҳадафи шахсии худ).

**Мехоҳам эҷод кунам/анҷом диҳам:**

- Тасвир ба лаҳзаи асосӣ бо тавзеҳ.
- Руйнамо дар бораи ғояи асосии асар.
- ________________________________ (ҳадафи шахсии худ).

**Гузариш ба нақшаи амал**. Пас аз муайян кардани ҳадафҳо, хонанда нақша тартиб медиҳад: кадом қадамҳоро бояд андешид, кадом маводро истифода бурд ва дар кадом муҳлат.

**Ҳадаф: Омода кардани муаррифӣ дар бораи ғояи асосии достони «Қишлоқи тиллоӣ»**

| Амал | Захираҳо | Муҳлат | Натиҷаи интизоршаванда |
|---|---|---|---|
| Хондани достон ва ҷудо кардани эпизодҳои калидӣ | Матни асар, қайдҳо, муҳокима дар гурӯҳ | 1 рӯз | Рӯйхати лаҳзаҳои муҳими сюжети асар |
| Муайян кардани образ ва ибораҳое, ки ғояи асосиро ифода мекунанд | Китоби дарсии адабиёт, луғат, машварат бо омӯзгор | 1 рӯз | Интихоби иқтибосҳо ва образҳо |
| Муқоиса бо асари дигар (аз рӯйи мавзуъ ё руҳия) | Матни дуюм, муҳокима дунафарӣ | 1 рӯз | Муқоисаи кӯтоҳ: умумият ва фарқиятҳо |
| Тартиб додани нақшаи руйнамо ва ороиши слайдҳо | Қолаби руйнамо, тасвирҳо, қайдҳо | 1 рӯз | Нусхаи аввалияи муаррифӣ, матн ва унсурҳои визуалӣ |

**Варақаҳои инфиродии ҳадафҳо ва нақшаҳои амал** ба хонанда кумак мекунанд, ки фаҳмад: чӣ кор мекунад ва барои чӣ, инчунин масъулиятро барои омӯзиши худ бар дӯш гирад.

**Тавсияҳои методӣ**

- **Ба хонандагон кумак кунед, ки ҳадафҳоро дар сатҳҳои гуногун тартиб диҳанд:** аз сода («фаҳмидан», «омӯхтан») то эҷод ва таҳлил («муқоиса кардан», «эҷод кардан»).
- **Имкони интихоб диҳед:** хонанда метавонад як ё якчанд ҳадафро интихоб кунад. Формулаи «1+1» хуб кор мекунад (як ҳадаф аз рӯйхати пешниҳодшуда + як ҳадафи шахсии худ).
- **Пешниҳод кунед, ки хонандагон бо ҳадафҳои наздик ба гурӯҳҳо тақсим шаванд**, то якҷоя кор кунанд ва натиҷаҳоро мубодила намоянд.
- **Пешрафтро мунтазам муҳокима кунед:** чӣ кор шудааст, чӣ чиз диққат талаб мекунад ва чӣ гуна нақшаро ислоҳ кардан мумкин аст.

**3. Харитаи пешрафт**

Воситаи визуалии сода, ки ба хонанда кумак мекунад, то дараҷаи азхудкунии маҷмуи маҳоратҳоро дар доираи мавзуъ пайгирӣ намояд.

Намуна: Харитаи пешрафт ба мавзуи «Ашъори Рӯдакӣ»

| Маҳорат / Дониш | Кӯшиш накардам | Кӯшиш дорам | Муваффақ мешавам | Мета вонам |
|---|---|---|---|---|
| 1. Мавзуъ ва ғояи шеърро муайян мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Воситаҳои бадеиро мешиносам ва шарҳ медиҳам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Мазмунро бо замон ва шахсияти Рӯдакӣ пайванд медиҳам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Андешаи шахсии худро дар бораи шеър баён ва асоснок мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Шеърҳои Рӯдакиро бо асари дигар муқоиса мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

Харитаи пешрафт нишон медиҳад, ки чӣ аллакай азхуд шудааст, дар кадом самтҳо бояд боз кор кард ва раванди омӯзишро намоён сохт.

**Шарҳи методӣ**

Хонанда пас аз ҳар супориш ё дарс сатҳи худро қайд мекунад. Омӯзгор на танҳо динамикаи инфиродӣ, балки душвориҳои маъмулро дар гурӯҳ низ мебинад.

Ин имкон медиҳад, ки супоришҳо, шарҳҳо ё суръат ислоҳ карда шаванд, ҳатто роҳҳои инфиродӣ - барои баъзеҳо такмили маҳоратҳои асосӣ, барои дигарон супоришҳои амиқтар ва таҳлилӣ ташкил карда шаванд.

Бо ин роҳ муҳити таълим мутобиқ ба ниёзҳои хонандагон сохта мешавад.

**4. Шкалаи пешрафт**

Ин воситаи худсанҷӣ мебошад, ки ба хонанда кумак мекунад, сатҳи азхудкунии як маҳорат ё саволро арзёбӣ намояд.

**Мавзуъ:** Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» –и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

То кадом андоза ман хуб мефаҳмам ва метавонам шарҳ диҳам

| Сатҳ | Тавсиф |
|---|---|
| **1** | Ман медонам, ки Рӯдакӣ қасидаро дар бораи пирӣ навиштааст, аммо мазмун ва ғояи онро намефаҳмам. |
| **2** | Ман метавонам мазмуни қасидаро нақл кунам ва образҳои асосиро ҷудо намоям, аммо фаҳмидани маънии онҳо бароям душвор аст |
| **3** | Ман мефаҳмам, ки Рӯдакӣ эҳсосотро тавассути воситаҳои бадеӣ ифода мекунад ва метавонам аз матн мисолҳо биёрам. |
| **4** | Ман метавонам ғояи фалсафии қасидаро шарҳ дода, онро бо шарҳи ҳол ва замони Рӯдакӣ пайванд диҳам. |

**Сатҳи худро қайд намо:** ☐ 1 ☐ 2 ☐ 3 ☐ 4

Шкала пас аз омӯзиши маълумотҳои нав ё иҷрои супориш истифода мешавад, то хонанда тавонад ба зудӣ сатҳи худро муайян кунад ва фаҳмад.

**Шарҳи методӣ**

Шкала пас аз омӯзиши маълумотҳои нав ё иҷрои супоришҳо истифода мешавад. Ин усулест, ки хонанда зуд мефаҳмад, ки кадом ҷиҳатҳо ниёз ба такмил доранд ва барои омӯзгор — имкони гирифтани фикру мулоҳиза ва танзими раванди дарс мебошад.

**Хулосабарорӣ**

Принсипи **«Равонасозӣ ба рушди шахсии хонанда»** муносибат ба арзёбиро тағйир медиҳад: акнун арзёбӣ барои дастгирии пешрафти инфиродӣ хизмат мекунад, на барои муқоисаи хонандагон бо якдигар.

Мо инро дар мисоли мавзуи **Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»** нишон додем, то равшан гардад, ки ин воситаҳо чӣ гуна дар якҷоягӣ фаъолият мекунанд:

- **Варақаи инфиродии ҳадафҳо ва нақшаи амал** барои муайян кардани вазифаҳо ва қадамҳои шахсӣ кумак мекунад.
- **Харитаи пешрафт** дараҷаи азхудкунии маҷмуи маҳоратҳоро сабт мекунад.
- **Шкалаи пешрафт** тасвири зуд аз рӯйи маҳоратҳои алоҳидаро медиҳад.
- **Портфолио** — натиҷаҳоро ба система медарорад ва рушди хонандаро намоён месозад.

Ин воситаҳо як давраи ягонаи омӯзишро ташкил медиҳанд: муайянсозии ҳадафҳо → пайгирии динамикӣ → таҳлил → танзими омӯзиш.

Ба сифати ҷамъбаст, дар поён ҷадвали хулосаи воситаҳо оварда шудааст:

**Воситаҳои барои татбиқи принсипи «Равонасозӣ ба рушди шахсии хонанда»**

| | | |
|---|---|---|
| **1. Портфолио** | Интихоби корҳои хонанда дар як давра, ки бо қоидаҳои мувофиқ тартиб дода шудааст | Пешрафти шахсиро намоён мекунад, асос барои муҳокима ва банақшагирӣ мебошад |
| **2. Варақаи инфиродии ҳадафҳо ва нақшаи амал** | Шакл барои муайян кардани ҳадафҳо ва банақшагирии қадамҳо | Ба хонанда кумак мекунад, ки роҳи омӯзишро огоҳона созад, ва ба омӯзгор — ҳадафҳои шахсиро ба назар гирад |
| **3. Харитаи пешрафт** | Ҷадвал/нақша бо сатҳи азхудкунии якчанд маҳорат дар мавзуъ | Динамикаро пайгирӣ мекунад, душвориҳоро ошкор месозад ва омӯзишро танзим мекунад |
| **4. Шкалаи пешрафт** | Шкалаи кӯтоҳ (1–4) барои худбаҳодиҳии маҳорати муайян | Арзёбии фаврӣ медиҳад , ба хонанда дар рефлексия кумак расонида, омӯзгор фаврӣ вокуниш мекунад. |
| **1. Портфолио** | Интихоби корҳои хонанда дар як давра, ки бо қоидаҳои мувофиқ тартиб дода шудааст | Пешрафти шахсиро намоён мекунад, асос барои муҳокима ва банақшагирӣ мебошад |

**Муҳиммият**: ҳамаи воситаҳоро якбора татбиқ кардан шарт нест. Дар ҳар мавзуъ 2–3 унсури калидӣ мавҷуданд — кӯшиш кунед, ки маҳз барои ҳамин унсурҳо харитаи сода ва шкалаи пешрафт тартиб диҳед. Ин дарсро вазнин намекунад, вале таъсири назаррас медиҳад: хонандагон пешрафти худро мебинанд ва шумо маълумот барои танзими чандир ба даст меоред.

**Хулоса:**

**Арзёбии ташаккулдиҳанда**— ин на танҳо ҷамъоварии маълумот, балки **вокуниш ба он** низ мебошад. Омӯзгор **супориш ва суръати корро танзим мекунад**, то хонандагони дучори мушкилотро дастгирӣ намояд ва **фазои рушд** барои онҳое фароҳам созад, ки омодаи иҷрои вазифаҳои мураккабтаранд.

### *Принсипи 2. Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият*

Вақте ки хонанда мефаҳмад, ки ***кор чӣ гуна хуб ҳисобида мешавад** ва **бо кадом нишонаҳо арзёбӣ мегардад,*** ӯ метавонад **ҳадафмандона** ба самти натиҷа ҳаракат кунад. **Меъёрҳои шаффоф** таъсири «пайбарии интизориҳои омӯзгор»-ро кам мекунанд: хонанда пешакӣ медонад, ки **муваффақият чӣ гуна муайян мешавад** ва омӯзгор **асосро** барои бознигарии созанда ба даст меорад.

**1. Муҳокимаи мақсад ва меъёрҳои муваффақият**

Кор бо **мақсади дарс** ва **меъёрҳои муваффақият** — яке аз унсурҳои асосии арзёбии ташаккулдиҳанда мебошад. Ин раванд **омӯзишро пешгӯишаванда** ва **интизориҳоро шаффоф** мегардонад.

**Мақсади дарс,** ин тавсифи натиҷаи дилхоҳ аст: *чиро хонанда метавонад донад ва пас аз анҷоми дарс ё боб ба даст меорад.*

**Намуна. Мавзуъ: «Замонҳои феъл»**

- **Бояд худдорӣ кард аз чунин суханҳо:** «Шинос кардан бо замонҳои феъл». — Ин гуна ибора хеле умумӣ аст ва нишон намедиҳад, ки хонанда бояд чӣ кор карда тавонад.
- **Беҳтар аст:** «Хонанда метавонад замонҳои феълро фарқ кунад, онҳоро дар гуфтор истифода барад ва нақши онҳоро дар расонидани маънӣ шарҳ диҳад».

Ин ҳадаф мушаххас аст, ба натиҷа равона шудааст ва амалҳои воқеии хонандаро тавсиф мекунад.

**Супоришҳои таълимӣ (натиҷаҳои интизоршаванда)** мақсад**ро** мушаххас мекунанд ва нишон медиҳанд, ки хонанда дар қисмҳои алоҳидаи дарс чӣ кор карда метавонад.

| Мақсади дарс | Супоришҳои таълимӣ (натиҷаҳои интизоршаванда) |
|---|---|
| Хонанда метавонад замонҳои феълро фарқ кунад, шакли онҳоро дар матн муайян намояд, дар гуфтори шифоҳӣ ва хаттӣ истифода барад, инчунин маънии шаклҳои замонӣ дар контекстро шарҳ диҳад. | *То охири дарс хонанда метавонад:*<br>Мафҳуми «замони феъл»-ро шарҳ диҳад ва шаклҳои асосии замонро ном барад.<br>Замони ҳозира, гузашта ва ояндаро дар ҷумлаҳо шиносад.<br>Ҷадвале бо намунаҳои феълҳо дар замонҳои гуногун тартиб диҳад.<br>Ҷумлаҳоро аз як замон ба замони дигар табдил диҳад.<br>Матни кӯтоҳе нависад, ки дар он феълҳо дар замонҳои гуногун истифода шудаанд ва шарҳ диҳад, ки чаро маҳз ин шаклҳо интихоб шудаанд. |

Натиҷаҳои интизоршаванда (супоришҳои таълимӣ) барои хонандагон нишондиҳандаҳои фаҳмо мешаванд ва дар асл нақши меъёрҳои муваффақиятро иҷро мекунанд: маҳз тавассути онҳо метавон муайян кард, ки ба мақсади дарс расидаем ё не.

**Тавсияҳои методӣ**

- **Мақсадҳо ва меъёрҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро бо хонандагон муҳокима кунед**. Хонандагон якбора мефаҳманд, ки аз онҳо чӣ чизро интизоранд.
- **Дар ҷараёни дарс ба мақсаҳо баргардед**: якҷоя қайд кунед, ки чӣ чиз аллакай иҷро шудааст ва чӣ ниёз ба такмил дорад.
- Дар охири дарс аз рӯйи меъёрҳо худбаҳодиҳӣ пешниҳод кунед**:** ин ба хонандагон кумак мекунад, ки пешрафти шахсии худро бубинанд ва қадамҳои минбаъдаро муайян намоянд.

**2. Варақаи санҷиши муваффақият**

Рӯйхати талаботи мушаххас барои кор. Хонанда **варақаи санҷиширо барои худбаҳодиҳӣ ва** омӯзгор барои **бозингарии зуд ва мушаххас** истифода мебаранд.

*Намуна. Мавзуъ: «Замонҳои феъл»*

**Супориш:** Омода кардани матни кӯтоҳ (5–7 ҷумла), ки дар он феълҳо дар замони ҳозира, гузашта ва оянда истифода шудаанд.

| Меъёр | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Феълҳои ҳар се замон (ҳозира, гузашта, оянда) истифода шудаанд | ☐ | ☐ |
| 2. Шаклҳои феъл дар ҳар як замон дуруст оварда шудаанд | ☐ | ☐ |
| 3. Шаклҳои феъл бо мазмун алоқаманд шудаанд (масалан, амалҳо дар замонҳои гуногун рух медиҳанд) | ☐ | ☐ |
| 4. Шарҳ дода шудааст, ки чаро маҳз ин шаклҳои замонӣ истифода шудаанд | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

**Варақаи санҷишӣ** ба хонанда кумак мекунад, ки дар иҷрои супориш роҳгум назананд**,** у мебинад, ки маҳз чӣ кор кардан лозим аст ва метавонад кори худро қадам ба қадам санҷад**.**

Барои омӯзгор — ин воситаи бознигарии зуд ва мушаххас мебошад.

Ғайр аз ин, шаффофияти талабот саволҳоро дар бораи одилона будани арзёбӣ кам мекунад: хонанда мефаҳмад, ки маҳз чӣ чиз санҷида мешавад**.**

3. **Рубрика (шкалаи арзёбӣ)**

Ин восита сатҳи иҷрои корро аз ибтидоӣ то сатҳи баланд нишон медиҳад.

Хонанда мебинад, ки ҷавоби сода аз ҷавоби пурра ва босифат **чӣ** фарқ дорад ва омӯзгор метавонад бознигарии объективӣ ва фаҳмо диҳад.

**Мавзуъ: «Замонҳои феъл»**

**Супориш:** Омода кардани баёни шифоҳӣ ё хаттӣ (5–7 ҷумла), ки дар он феълҳо дар замони ҳозира, гузашта ва оянда истифода мешаванд. Шарҳ додан, ки чӣ гуна интихоби замон ба маънии баён таъсир мерасонад

| Сатҳ | Тавсифи иҷрои кор |
|---|---|
| **1 (оғоз, ибтидо)** | Феълҳои ҷудогонаро истифода мекунад, аммо замонҳои онҳоро фарқ намекунад ва нақши онҳоро шарҳ намедиҳад. |
| **2 (асосӣ)** | Замонҳои феълро дуруст ном мебарад ва онҳоро дар ҷумлаҳои сода истифода мекунад, аммо маъниашонро шарҳ намедиҳад. |
| **3 (пешрафта)** | Феълҳоро дар замонҳои гуногун бо огоҳӣ истифода мекунад, шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна онҳо чаҳорчӯбаи замонии амалро инъикос мекунанд. |
| **4 (баланд)** | Феълҳои ҳамаи замонҳоро озодона истифода мекунад, маънии онҳоро шарҳ медиҳад ва матни пайваста бо гузариши мантиқӣ байни замонҳо эҷод мекунад. |

**Шарҳи методӣ**

**Рубрика** арзёбиро фаҳмо ва одилона месозад: хонанда пешакӣ мебинад, ки барои ҳар сатҳ чӣ талаб карда мешавад ва метавонад кори худро мустақилона арзёбӣ кунад.

Омӯзгорро кумак мекунад, ки бознигарии дақиқ диҳад: на танҳо «хуб/бад», *балки чӣ кор дар кадом сатҳ иҷро шудааст* ***ва*** *чӣ бояд беҳтар гардад***.**

**Мо се воситаи калидиро баррасӣ кардем:** муҳокимаи мақсадҳои дарс ва ду воситаҳои амалӣ — варақаи санҷишӣ ва рубрикаи арзёбӣ**.**

Ҳамаи инро мо дар мисоли як мавзуъ нишон додем, то омӯзгор бубинад, ки ин унсурҳо дар якҷояги чӣ гуна кор мекунанд**:** мақсад ва меъёрҳо барои хонандагон шаффоф ва фаҳмо шуда, раванди омӯзиш пешгӯишаванда мегардад.

Муҳим аст, ки фарқи байни варақаи санҷишӣ ва рубрикаро донем:

- **Варақаи санҷишӣ** нишон медиҳад, ки талаботи асосии супориш иҷро шудаанд ё не (ҳа/не) ва барои санҷиши зуд ва бознигарии фаврӣ истифода мешавад. Он

барои хонанда **роҳнамо** аст, кумак мекунад қадам ба қадам ҳамаи қисмҳои супоришро иҷро кунад.

- **Рубрика** сатҳу сифати иҷрои корро, аз сатҳи минималӣ то сатҳи пешрафта, нишон медиҳад.

**Варақаи санҷишӣ** кумак мекунад, ки фаҳмем ҳамаро иҷро кардем ё не, рубрика нишон медиҳад, ки чӣ гуна ва бо кадом сифат иҷро шудааст.

**Чӣ гуна ин воситаҳоро дар дарс ворид созем?**

Варақаи санҷишӣ ва рубрика вақте самаранок анд, ки онҳо қисми раванди дарс шаванд: бо онҳо корро аз авали дарс оғоз мекунем, дар ҷараёни иҷрои супоришҳо ба онҳо бармегардем ва дар охир барои худбаҳодиҳӣ ва муҳокимаи натиҷаҳо истифода мебарем.

**Дар хотир бояд дошт**: **варақаи санҷишӣ ва рубрикаҳо** — воситаҳои гуногунмақсад ва тағйирпазир мебошанд. Онҳоро метавон барои вазифаҳои гуногун таҳия кард: омодасозии ҷавоби шифоҳӣ, санҷиши вазифаи хонагӣ, кор бо харита, ё иҷрои лоиҳаҳои хурд**.** Онҳо метавонанд ниҳоят сода (чанд нуқтаи калидӣ) ё мушкил (бо сатҳҳои гуногун ва тавсифи пурра) бошанд.

***Мисол: Рубрика (миқёси арзёбӣ)*** *— барои лоиҳаи хурд.*

*Мавзуъ: достони «Рустам ва Суҳроб»*

| Меъёр | Сатҳи асосӣ 1–3 хол | Сатҳи миёна 4–6 хол | Сатҳи пешрафта 7–8 хол | Сатҳи баланд 9–10 хол |
|---|---|---|---|---|
| **Пуррагии маълумот** | Ҳодисаҳои ҷудогона дар бораи қаҳрамонҳои асар бе алоқамандӣ номбар шудаанд | Мисол ва иқтибосҳо аз асар оварда шудааст | Шарҳҳои муфассал ва муқоисаҳои образҳои Рустам ва Суҳроб пешниҳод шудаанд. | Хулосаҳо ва умумияти образҳои бадеӣ ва аҳамияти онҳо пешниҳод шудааст. |
| **Истифодаи манбаъҳо** | Такя танҳо ба китоби дарсӣ аст | Китоби дарсӣ + 1 манбаи иловагӣ (мақола) | Якчанд манбаъ истифода шудааст (аз ҷумла интернет) | Манбаъҳои гуногун истифода шудаанд: китоби дарсӣ, интернет, мақолаҳои танқидӣ, шарҳи ҳоли муаллиф |
| **Сохтор ва мантиқ** | Далелҳои ҷудогона ва ҳодисаҳо номбар карда шудаанд. | Сохтори сода мавҷуд аст: муқаддима, рӯйдодҳои асосӣ, хулосаи кӯтоҳ | Сохтори мантиқӣ: аҳамияти лаҳза, равиши воқеаҳо ҳамчун занҷири сабабу оқибатҳо, хулоса. | Таҳлил: муқоисаи тақдири Рустам бо Суҳроб, хулосаи мухтасар дар бораи фоҷиа ва аҳамияти лаҳза (эпизод). |
| **Пешниҳоди натиҷа (рӯйнамоӣ)** | Матн бе ороиш | Тасвирҳои персонажҳои асар ва харитаи рӯйдодҳо | Ҷадвал ё тарҳе барои маънидоду шарҳ илова шудаанд | Маводи инфографика, услуби аёнии дақиқ ба моҳияти лаҳзаи асар оварда шудааст. |

Рубрикаи арзёбӣ ба хонандагон кумак мекунад то фаҳманд, *ки кори одӣ аз кори босифат чӣ фарқ дорад* ва ба омӯзгор бошад – имкон медиҳад, ки арзёбии худро бо далел шарҳ диҳад, масалан:

- **Сатҳи асосӣ: 1–3 хол.** Кор қисман иҷро шудааст: танҳо баъзе унсурҳои супориш инъикос ёфтаанд, дар мазмун ва тарзи пешниҳоди кор камбудиҳои ҷиддӣ дида мешаванд.

- **Сатҳи миёна: 4–6 хол.** Кор ба талаботи асосӣ ҷавобгӯ аст: мавзуъ сатҳӣ кушода шудааст, мисол ва шарҳҳо оварда шудаанд, вале таҳлили амиқ дида намешавад.
- **Сатҳи пешрафта: 7–8 хол.** Кор босифат аст: ҷавоб муфассал, бо мантиқ ва мисолҳои хуб, дида мешавад, ки хонанда маводро коркард кардааст.
- **Сатҳи баланд: 9–10 хол.** Сатҳи баланд: мавзуъ пурра кушода шудааст, таҳлили амиқ, далелҳо, сохтори равшан ва пешниҳоди босифати натиҷа дида мешавад.

**4. Намунаҳои кор (эталонҳо)**

Омӯзгор ба хонандагон намунаи корҳои иҷрошудаи сатҳҳои гуногунро нишон медиҳад ва якҷоя бо онҳо муҳокима мекунад.

**Масалан.** *Супориш: тартиб додани кластер (хӯша) дар мавзуи: «Жанрҳои назм».*

2–3 кори сатҳҳои гуногунро нишон диҳед. Якҷоя бо хонандагон онҳоро муҳокима кунед: «Онҳо чӣ фарқ доранд? Чӣ чиз як корро аз дигаре беҳтар мекунад?»

Нишонаҳои асосиро сабт кунед – ҳамин тавр хонандагон меъёрҳоро бо чашми худ мебинанд. Инчунин, ин лаҳзаи муносибест, ки якҷоя меъёрҳои сифатро муҳокима кунед.

**Шарҳи методӣ**

Омӯзгорони ботаҷриба медонанд: маҷмуаи корҳои хонандагон – манбаи арзишманди таълимӣ аст. Намунаҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки талаботро равшан ва мушаххас дарк кунанд. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон меъёрҳоро на ҳамчун қоидаҳои расмӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаҳои шахсии сифат қабул кунанд.

**5. Якҷоя бо хонандагон тартиб додани меъёрҳо**

Омӯзгор ва хонандагон якҷоя нишонаҳо/меъёрҳои кори худро тартиб медиҳанд.

***Масалан.*** *Омодасозии гузориши шифоҳии гурӯҳӣ дар мавзуи «Жарнҳои назм».*

**Чӣ тавр муҳокимаи меъёрҳоро гузаронем?**

1. **Чорчӯбаро муайян кунед.** Дар оғоз самти лозимаро нишон диҳед: *«Дар гузориш бояд далел, шарҳ ва мисолҳо бошанд.»* Ин ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки дар кадом самт фикр кунанд ва кадом меъёрҳо муҳим хоҳанд буд.
2. **Пешниҳодҳоро ҷамъ кунед.** Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки рӯйхатро пурра кунанд: *«Чӣ чиз гузоришро боз ҳам беҳтар мекунад?».* Ин қадам хонандагонро бештар ҷалб мекунад ва ба онҳо кумак мекунад, ки меъёрҳоро амиқтар дарк кунанд.
3. **Рӯйхати мутаносиб созед.** Рӯйхати ниҳоиро тартиб диҳед. Агар меъёрҳо кам бошанд, саволҳои роҳнамокунанда диҳед; агар зиёд бошанд, онҳоро гурӯҳбандӣ кунед ва 3–4 меъёри калидиро интихоб намоед, то осон дар хотир нигоҳ доштан ва истифода бурдан мумкин бошад.

Таҳияи меъёрҳо бояд зуд ва равшан сурат гирад**:** муҳокимаи кӯтоҳ – рӯйхати меъёрҳо – нишондиҳанда барои иҷрои супориш**.**

**Рӯйхати тахминии меъёрҳо**

1. Жанрҳои асосии шеърӣ номбар шудаанд (на камтар аз се).
2. Намунаҳои асарҳо барои ҳар як жанр оварда шудаанд.
3. Хусусиятҳои фарқкунандаи жанрҳо нишон дода шудаанд (мавзуъ, таркиб, услуб).
4. Шарҳ дода шудааст, ки жанрҳои интихобшуда чӣ гуна эҳсосот, андеша ё ҷаҳонбинии муаллифро инъикос мекунанд.

**Шарҳи методӣ**

Таҳияи якҷояи меъёрҳо бо хонандагон интизориҳоро шаффоф ва фаъолияти хонандагонро бештар мекунад: онҳо мефаҳманд, ки корашон бо кадом нишондиҳандаҳо арзёбӣ мешавад ва масъулияти шахсиро барои натиҷа эҳсос мекунанд. Усулҳо метавонанд гуногун бошанд:

- **чорчӯбаи нишондиҳандаҳо**– омӯзгор унсурҳои калидиро пешниҳод мекунад (минтақаҳо, харита, мисолҳо…), хонандагон онҳоро мушаххас мекунанд.
- **ҷумлаҳои нотамом** – омӯзгор меъёрҳоро ба ҷойҳои холӣ менависад, хонандагон онҳоро пурра мекунанд (масалан: «Номбар кардани намудҳои асосии …»).

- **рӯйхати омехта** – қисми меъёрҳоро омӯзгор медиҳад, қисми дигарро хонандагон тартиб медиҳанд.
- **муҳокимаи рӯйхати тайёр** – хонандагон меъёрҳои пешниҳодшударо муҳокима мекунанд, равшан месозанд ва пешниҳодҳои иловагӣ медиҳанд.

**Муҳиммият**: муҳокима бояд зуд ва равшан гузаронида шавад. Ин ба хонандагон кумак мекунад, ки диққат диҳанд, нишондиҳандаҳои корро дарк намоянд ва ҳавасмандӣ пайдо кунанд**:** онҳо супоришро на танҳо талаботи омӯзгор**,** балки ҳамчун чолиши шахсӣ қабул мекунанд.

Барои он ки имкониятҳои ҳар як воситаи арзёбӣ ва ҷойи онҳо дар кори омӯзгор ба таври возеҳ нишон дода шаванд, ҷадвали ҷамъбастӣ пешниҳод мегардад.

**Воситаҳо барои татбиқи принсипи «Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият»**

| Номгӯйи восита | Тавсифи кӯтоҳ | Барои чӣ истифода мешавад |
|---|---|---|
| **1. Муҳокимаи мақсад ва меъёрҳо** | Музокираи муштараки мақсадҳои дарс ва натиҷаҳои интизоршаванда | Раванди таълимро пешгӯишаванда мекунад, ба хонандагон роҳнамоии равшан медиҳад |
| **2. Варақаи санҷишии муваффақият** | Рӯйхати талаботи асосӣ барои иҷрои супориш (ҳа/не) | Ба хонандагон кумак мекунад, ки пуррагии корро санҷанд; ба омӯзгор имкон медиҳад, ки зуд фикру мулоҳиза ронад. |
| **3. Рубрика (шкалаи арзёбӣ)** | Ҷадвал бо сатҳҳои иҷрои кор аз сатҳи паст то баланд | Сатҳҳои сифатро нишон медиҳад, арзёбиро шаффоф мегардонад |
| **4. Намунаҳои (эталонҳои) кор** | Намунаи супоришҳои иҷрошудаи сатҳҳои гуногун | Самтҳои сифатро нишон медиҳанд, ба муҳокимаи нишонаҳои «корҳои хуб» мусоидат мекунанд |
| **5. Таҳияи муштараки меъёрҳо** | Омӯзгор ва хонандагон якҷоя нишонаҳои кори босифатро муайян мекунанд | Хонандагонро ҳавасманд мекунад. |

**Муҳим аст. А**з қадамҳои хурд оғоз кунед: як ё ду воситае интихоб намоед, ки барои шумо осонтар аст. Масалан, бо хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима кунед ва барои супориши асосӣ як варақаи санҷишии сода таҳия намоед. Вақте ки ин раванд одат мешавад, метавонед рубрика илова кунед, ё намунаҳои корро муҳокима намоед. Оҳиста-оҳиста усулҳоро санҷед ва комбинатсияҳоеро интихоб кунед, ки барои шумо қулай ва самараноканд.

Воситаҳо махсусан дар якҷоягӣ самаранокaнд, масалан:

- **Мақсад ва меъёрҳо + варақаи санҷишӣ:** мақсадҳо натиҷаҳои интизоршавандаро муайян мекунанд, варақаи санҷишӣ ҳамчун роҳнамо амал мекунад — ба хонанда кумак мекунад, ки қадам ба қадам ба сӯйи муваффақият ҳаракат кунад.
- **Мақсад ва меъёрҳо + рубрика:** мақсадҳо самти умумӣ ва рубрика сатҳи сифатро нишон медиҳад ва фаҳмидани роҳҳои беҳтар кардани корро осон мекунад.
- **Таҳияи меъёрҳо + варақаи санҷишӣ**: меъёрҳои якҷоя таҳияшуда нишонаҳои кори худро муайян мекунанд, варақаи санҷишӣ ҳамчун воситаи худбаҳодиҳӣ истифода мешавад.
- **Рубрика + намунаҳо:** рубрика фарқияти байни сатҳҳоро тавсиф мекунад, намунаҳо ин сатҳҳоро намоён ва фаҳмо мегардонанд.

**Хулоса.** Ин усулҳо дар якҷоягӣ ба татбиқи принсипи «Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият» мусоидат мекунанд. Онҳо баҳодиҳиро аз як раванди тахминии «чӣ мехоҳад омӯзгор» ба як раванди фаҳмо ва шаффоф табдил медиҳанд. Хонандагон самтҳои равшани сифатро мебинанд, мефаҳманд, ки чӣ гуна ба муваффақият расанд ва супоришро ҳамчун як даъвати шахсӣ қабул мекунанд. Барои омӯзгор бошад, ин на танҳо воситаи арзёбӣ, балки як воситаи идоракунии таълим: имкони танзими супоришҳо, суръати кор ва сатҳи дастгирӣ вобаста ба ниёз ва имкониятҳои синф мегардад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Арзёбии анъанавӣ** аксар вақт танҳо натиҷаро сабт мекунад ва ба хонанда намефаҳмонад, ки чиро ва чӣ гуна бояд беҳтар кунад, то ба пешрафт ноил гардад.

2. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** арзёбиро ба воситаи дастгирӣ табдил медиҳад: он кумак мекунад, ки хонанда пешрафти шахсии худро бинад, ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои рушди худро дарк кунад.

3. **Принсипи 1: Таъкид ба шахсияти хонанда ва рушди ӯ.** Арзёбӣ дигар ба муқоиса бо дигарон табдил намеёбад: он пешрафти инфиродиро сабт мекунад ва масири шахсии таълимро дастгирӣ менамояд.

4. **Принсипи 2: Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият.** Хонандагон мақсад ва самтҳоро мефаҳманд, ки ба онҳо кумак мекунад, нақшаи амал тартиб диҳанд ва онро бо талаботи супориш мутобиқ созанд.

5. **Меъёрҳои шаффоф** арзёбиро шаффоф, объективӣ ва одилона мегардонанд: ҳар хонанда мефаҳмад, ки чӣ чиз аз ӯ талаб мешавад **ва** мебинад, ки кораш дар кадом асосҳо баҳогузорӣ мешавад**.**

6. **Дар арзёбии ташаккулдиҳанда** омӯзгор роҳнамо аст: ӯ ба хонанда кумак мекунад, ки натиҷаҳоро дарк ва роҳи беҳтарсозии корро тарҳрезӣ намояд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Шумо дар бораи арзёбии анъанавӣ ва ташаккулдиҳанда чӣ чизи нав омӯхтед?

2. Агар лозим шавад, ба ҳамкоратон мазмуни машғулиятро шарҳ диҳед, кадом ғояи калидиро пеш аз ҳама ном мебурдед (2-3-то)? Чаро маҳз ҳаминҳо?

3. Дар ин мавзуъ кадом ҷиҳат барои шумо нофаҳмо монд ё боиси норозигӣ шуд?

4. Кадом принсипи арзёбии ташаккулдиҳанда ба назари шумо осонтар дар амал татбиқ мешавад? Чаро?

5. Кадоме аз се усулро мехоҳед пеш аз ҳама дар кори худ озмоиш кунед? Номбар кунед.

6. Кадом монеаҳо ё душвориҳоро барои татбиқи ин усулҳо дар кори худ мебинед?

7. Чӣ метавонад ба шумо кумак кунад, ки душвориҳои эҳтимолиро паси сар кунед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 5.1

***Як ҷавоби дурустро интихоб кунед***

1. **Арзёбии ташаккулдиҳанда кадом вазифаи асосиро иҷро мекунад?**
   A) Миқдори донишҳои азхудкардаи хонандаро дар охири мавзуъ муайян мекунад.
   B) Имконият фароҳам меорад, ки натиҷаҳои ҳамаи хонандагонро бо ҳам муқоиса кунанд.
   C) Ба хонанда кумак мекунад, ки пешрафт ва қадамҳои минбаъдаи худро фаҳмад.
   D) Танҳо барои баҳогузории ниҳоӣ истифода мешавад.

2. **Моҳияти принсипи «Таваҷҷуҳ ба хонанда ва рушди ӯ» дар чист?**
   A) Муқоисаи кори хонанда бо натиҷаҳои беҳтарини синф.
   B) Назорати пешрафти инфиродии хонанда.
   C) Сабти натиҷаи ниҳоии мавзуъ.
   D) Кам кардани шумораи корҳои санҷишӣ.

3. **Истифодаи меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият чӣ медиҳад?**
   A) Фаҳмиши талабот ба натиҷа аз ҷониби хонандагон.
   B) Содатар шудани омодагӣ ба дарс.
   C) Кам шудани шумораи ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.
   D) Имкони зудтар гузоштани баҳоҳо аз ҷониби омӯзгор.

4. **Чаро меъёрҳои шаффоф арзёбиро одилона мекунанд?**
   A) Зеро омӯзгор метавонад хонандагонро аз нигоҳи худ арзёбӣ кунад.
   B) Зеро ҳар хонанда пешакӣ талабот ва асосҳои арзёбиро медонад.
   C) Зеро онҳо имкон медиҳанд, ки баҳои баландтар гузошта шавад.
   D) Зеро онҳо шумораи шарҳҳо ба корро кам мекунанд.

5. **Арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ чӣ фарқ дорад?**
   A) Танҳо дар охири мавзуъ барои гузоштани баҳо гузаронида мешавад.
   B) Танҳо барои хонандагони қавӣ истифода мешавад.
   C) Тамоман ҷойгузини ҳамаи корҳои назоратӣ мешавад.
   D) Ба рушди хонанда ва дастгирии ӯ равона шудааст.

6. **Нақши омӯзгор дар арзёбии ташаккулдиҳанда чист?**
   A) Назоратчии асосӣ будан, ки натиҷаҳоро сабт мекунад.
   B) Маслиҳатгар будан, ки дар фаҳмидани натиҷаҳо кумак мекунад.
   C) Кам кардани шумораи супоришҳо барои хонандагон.
   D) Танҳо дастгирии онҳое, ки бе хато корро иҷро мекунанд.

7. **Чӣ гуна муносибати хонанда ба кори худ ҳангоми истифодаи меъёрҳои шаффоф тағйир меёбад?**
   A) Хонанда беҳтар талаботро мефаҳмад ва кори худро бо ҳадафҳо муқоиса мекунад.
   B) Хонанда ба хатоҳо ва душвориҳо аҳамият намедиҳад.
   C) Хонанда танҳо ба гирифтани баҳои баланд диққат медиҳад.
   D) Хонанда масъулияти натиҷаро ба омӯзгор мегузорад.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**1.** Фарқи арзёбии ташаккулдиҳандаро аз арзёбии анъанавӣ фаҳмидан.
**2.** Аҳамияти чор принсипи арзёбии ташаккулдиҳандаро барои раванди таълим шарҳ додан.

### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Саволҳо барои андеша:**

- Ба ёд оред, ки оё ягон вақте омӯзгор робитаи мутақобилаи шуморо бознигарӣ намудааст?
- Шумо ба ақидаи он, ки хонанда дар арзёбии кори худ (худбаҳодиҳӣ, арзёбии ҳамдигар) иштирок дошта бошад, чӣ назар доред? Кадом афзалиятҳо ва камбудиҳоро мебинед?

**Шакли кор:**

- Дунафарӣ. – Саволеро интихоб кунед, ки ба назари шумо муҳимтар ё ҷолибтар бошад.
- Муҳокима кунед, бо мисолҳову андешаҳо мубодила намоед, як ҷавоби кӯтоҳ омода созед, онро ба гурӯҳ пешниҳод кунед.

**2. «Вазъият аз ҳаёт»**

Дар ҷараёни дарс, баъди он ки чанд хонанда ба саволҳо дар бораи мавзуъ ҷавоб доданд, омӯзгор ҷамъбаст мекунад:

*«Баъзе аз шумо хуб ҷавоб додед, аммо дар маҷмуъ аксар вақт мафҳумҳоро омехта мекунед. Ин барои фаҳмидани он, ки то чӣ андоза маводро амиқ аз худ кардед, халал мерасонад. Дар оянда бодиққаттар бошед».*

**Муҳокима дар гурӯҳҳо:**

- Ба назари шумо, омӯзгор кадом корро хуб анҷом дод?
- Дар чунин шакли бознигарӣ чӣ метавонад барои хонандагон муфид бошад?
- Агар шумо хонанда мебудед, ба чунин бознигарӣ чӣ гуна вокуниш нишон медодед?
- Чиро иваз мекардед, ё ба омӯзгор тавсия медодед, то бознигарӣ муфидтар гардад?

**3. Супориш барои гурӯҳҳо: «Ҷалби хонандагон дар равандӣ арзёбӣ»**

| | |
|---|---|
| – Шумо андешаи «иштироки хонандагон дар арзёбии кори худ»-ро чӣ гуна мефаҳмед?<br>Ду-се нишонаи чунин муносибатро нависед: | – Ин дар дарс чӣ гуна ба назар мерасад?<br>Мухтасар тавсиф кунед (2-3 ҷумла): |
| 1.<br>2.<br>3. | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 5.2-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 5.2 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.2**

### *3. Татбиқи принсипҳо дар дарс*

***Принсипи 3. Бознигарии созанда (робитаи мутақобила)***

Арзиши асосии арзёбии ташаккулдиҳанда на дар баҳогузорӣ, балки дар бознигарӣ аст, ки ба хонанда кумак мекунад, на танҳо хатоҳоро нишон диҳад, балки натиҷаи худро беҳтар созад. Бознигарии созанда ин муколамаи дастгирикунанда аст, ба хонанда равшан мекунад, ки кадом корҳо аллакай хуб иҷро шудаанд, кадом қисмҳо ба такмил ниёз доранд,чӣ тарз метавон кори худро беҳтар кард.

Бисёр воситаҳое, ки қаблан баррасӣ шуданд (варақаи санҷишӣ, рубрикаҳо, намунаҳои кор ва ғ.) заминаи алоқаи босифатро фароҳам меоранд. Онҳо самтҳои мушаххасро муайян мекунанд, ки омӯзгор ва хонанда метавонанд дар муҳокимаи натиҷа ба онҳо такя кунанд. Аммо маҳз принсипҳои созандагӣ ин самтҳоро ба муколама ва дастгирӣ табдил медиҳанд.

Чунин бознигарӣ бояд:

- **Саривақтӣ** бошад –пас аз иҷрои кор фавран иҷро шавад, зеро мавод дар хотир аст.
- **Мушаххас** бошад – шарҳҳои равшан, мисолҳо ва иқтибос ба меъёрҳоро дар бар гирад: чӣ хуб аст ва чӣ бояд беҳтар шавад.
- **Имконпазир** бошад – қадамҳое пешниҳод кунад, ки хонанда воқеан метавонад иҷро кунад.
- **Мусбат** бошад – аз нуқтаҳои қавии кор оғоз шавад, боварии хонандаро амалӣ созад.

Бо ин роҳ, бознигарӣ арзёбиро ба воситаи рушд табдил медиҳад: шарҳҳоро фаҳмо ва муфид месозад, худи равандро ҳавасмандкунанда мегардонад.

**Воситаҳо барои татбиқи принсипҳо:**

**1. «Чӣ хуб аст – Чӣ бояд беҳтар шавад – Чӣ гуна онро беҳтар кунем»**

Ин як навъ «формулаест», ки омӯзгор ҳангоми шарҳ додан истифода мебарад: аввал нуқтаҳои мусбати кор таъкид мешаванд, баъд ҷойҳое, ки ниёз ба такмил доранд ва дар охир маслиҳати мушаххас пешниҳод мешавад. Ин формула ба хонанда кумак мекунад, ки ба қобилиятҳои худ эътимод дошта бошад ва тавсияҳоро мусбат қабул кунад. Ин формуларо метавон барои шарҳи ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ, вазифаҳои хонагӣ ва лоиҳаҳои хурд истифода бурд.

**2. «Ду нуқтаи мусбат ва як маслиҳат»**

Шакли кӯтоҳи бознигарӣ: аввал ду ҷиҳати мусбати кор таъкид мешаванд, баъд як маслиҳати мушаххас ва имконпазир барои беҳтар кардани кор дода мешавад. Ин усул барои зуд шарҳ додани ҷавобҳои шифоҳӣ, супоришҳои иҷрошуда ё лоиҳаҳои хурд хеле мувофиқ аст.

**3. Ёддоштҳо дар ҳошия**

Шарҳи кӯтоҳ ва дақиқ бевосита дар дафтар, харитаи корӣ ё лоиҳа навишта мешаванд. Онҳо ба хонанда кумак мекунанд, ки зуд дарк кунад, ки кадом қисмҳо ба ислоҳ ниёз доранд ва ҳамчун ишораҳои фаврӣ хизмат мекунанд, ба хонанда маълумоти зиёдатӣ сарборӣ накунанд.

**4. Таҳлили зуд (1–2 дақиқа)**

Муколамаи кӯтоҳ бо хонанда саволҳои одӣ ба монанди «Чӣ чиз хуб шуд? Дар куҷо душворӣ буд? Қадами оянда чӣ аст?»-ро дар бар мегирад. Ин шакл бе он ки вақти зиёд барои таҳлили муфассал сарф шавад, имкон медиҳад, ки кор зуд муҳокима ва амалҳо танзим гарданд.

**5. Шарҳи рақамӣ (онлайн бознигарӣ)**

Видео ё аудиошарҳҳои кӯтоҳ (1–2 дақиқа) тавассути паёмакҳо ё платформаҳои таълимӣ ирсол мешаванд. Онҳо вақтро сарфа мекунанд, бознигариро «фаъол» ва эҳсосӣ сохта, имкон медиҳанд, ки омӯзгор ба саволҳои хонандагон фавран ҷавоб диҳад.

**Усулҳои гуногуни алоқаи бозгашт кумак мекунанд, ки шарҳҳо барои хонанда фаҳмо, саривақтӣ ва муфид бошанд.** Дар ҷадвали зер воситаҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки вобаста ба ҳадаф ва шакли кор — аз шарҳҳои кӯтоҳи шифоҳӣ то тавсияҳои муфассали таҳлилиро метавон истифода бурд.

**Воситаҳо барои татбиқи принсипи «Бознигарии созанда»**

| Восита | Тавсифи кӯтоҳ | Бо кадом мақсад истифода мешавад |
|---|---|---|
| **1. «Чӣ хуб аст – Чӣ бояд беҳтар шавад – Чӣ гуна онро беҳтар кунем»** | Сохтори шарҳи мураттаб: нуқтаҳои қавӣ → минтақаи рушд → маслиҳати мушаххас | Ба хонанда кумак мекунад фаҳмад, ки чӣ корро хуб анҷом медиҳад ва минбаъд бояд чикор кунад |
| **2. «Ду нуқтаи мусбат ва як маслиҳат»** | Шакли кӯтоҳи шарҳ: ду ҷиҳати мусбат ва як маслиҳат | Барои зуд шарҳ додан ба ҷавобҳои шифоҳӣ ва корҳои хаттӣ мувофиқ аст |
| **3. Ёддоштҳо дар ҳошия** | Шарҳи мушаххас дар дафтар, кори лоиҳавӣ | Маслиҳат медиҳанд, ки чӣ бояд ислоҳ шавад, бе он ки сарбории хонандаро зиёд кунанд |
| **4. Таҳлилҳои зуд (1–2 дақиқа)** | Муколамаи кӯтоҳ барои баррасии натиҷа ва банақшагирии қадами навбатӣ | Ба муҳокимаи душвориҳо ва муайян кардани қадамҳои минбаъда мусоидат мекунанд |
| **5. Шарҳи рақамӣ** | Паёмҳои видеоӣ ё аудиоӣ тавассути мессенҷер ва платформаҳо | Вақтро сарфа мекунанд, бознигарии «фаъол» ва дастгиркунанда эҷод мекунанд |

**Хулоса**

Бознигарии созанда раванди таълимро шаффоф ва дастгирикунанда мегардонад. Хонанда на танҳо ғалатҳои худро мебинад, балки муваффақиятҳояшро низ дарк мекунад, мефаҳмад, ки чӣ гуна натиҷаро беҳтар созад ва шарҳро ҳамчун кумак қабул мекунад, на ҳамчун ҷазо. Барои омӯзгор ин воситаи ислоҳи тағйирпазир дар таълим аст: метавонад фавран вазифа, суръат ва шаклҳои корро тағйир диҳад, то ки ҳар як хонандаро дастгирӣ намояд.

***Принсипи 4. Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ***

Қобилияти хонанда барои арзёбии дониш ва малакаҳояш худ аз худ ташаккул намеёбад. Чӣ гуна ба ҳавз надаромада шиновариро метавон омӯхт, ё бе он ки ба майдон бароӣ чӣ гуна метавон футбол бозӣ кард? Ҳамин тавр, то ки хонанда тавонад корҳои худро таҳлил кунад, дастовардҳоро арзёбӣ намояд ва нуқтаҳои рушдро бубинад, ӯ бояд ин амалҳоро дар дарс пайваста тамрин кунад.

Бисёре аз воситаҳое, ки қаблан баррасӣ шуданд — варақаи санҷишӣ, рубрика, намунаи кор, муҳокимаи мақсадҳо аллакай заминаи худбаҳодиҳиро фароҳам меоранд. Дар ин ҷо бошад, таваҷҷӯҳ ба рушди ин маҳорат ҳамчун унсури мустақил равона мешавад.

Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ аз чанд ҷиҳат муфид аст:

- Хонанда меомӯзад, ки ҷиҳатҳои қавии худ ва соҳаҳои ниёзманд ба такмилро муайян кунад.
- Худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар масъулиятро барои натиҷа ташаккул медиҳанд ва фаҳмишро меафзоянд, ки чӣ гуна онро беҳтар кардан мумкин аст.
- Табодули шарҳҳо қобилияти додан ва қабул кардани бознигарии созандаро рушд медиҳад ва ҳамкориро тақвият мебахшад.

Бе иштироки фаъолонаи хонанда, арзёбии ташаккулдиҳанда ба сабти одии натиҷа табдил меёбад ва дигар воситаи пешрафт намешавад.

**Баъзе воситаҳо барои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар:**

**1. Рӯзномаи дубахша**

Восита барои сабти тағйирот дар фаҳмиши мавзуъ: дар аввали дарс хонандагон тасаввуроти худро дар бораи мафҳум ё падидаҳо менависанд, дар охир — онҳоро пас аз кор бо маводи нав дақиқ ё пурра мекунанд.

***Намуна***

| Аввал ман чунин фикр мекардам | Ҳоло фаҳмидам |
|---|---|
| 1. …<br>2. … | 1. …<br>2. …<br>3. … |

**Вариантҳо:**

- *Калимаҳои калидӣ пеш аз дарс — Калимаҳои калидӣ пас аз дарс*
- *Шубҳа доштам — Фаҳмидам*
- *Чӣ гуна буд (хатоҳои ман) — Чӣ гуна бояд бошад (ислоҳҳои ман)*

**Шарҳи методӣ**

Рӯзномаи дубахша ба хонанда кумак мекунад, ки ҳудуди донишҳои худро дарк кунад, динамикаи фаҳмишро бубинад ва саволҳои навро тартиб диҳад. Дар аввали дарс, дар сутуни чап, метавон на танҳо тасаввурот ва мафҳумҳои аввалияро сабт кард, балки ҷавобҳои аввал ба саволҳои мушкил ё ҳалли пешакии супоришҳоро низ навишт.

Муқоисаи навиштаҳои аввала ва ниҳоӣ ба рушди худбадоҳӣ, таҳлили таҷрибаи омӯхташуда ва дарки тағйироти фаҳмиши мавзуъ мусоидат мекунад. Ин шаклро метавон барои рефлексияи инфиродӣ, муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо истифода бурд.

**2. Корти рефлексивӣ**

Воситаи рефлексияи зуд: дар охири дарс хонандагон ба чанд савол ҷавоб медиҳанд ё ҷумлаҳои пешниҳодшударо ба анҷом мерасонанд. Кортҳо метавонанд сода — бо 1–2 савол, ё мукаммал — бо 3 ё зиёда аз он бошанд.

Рефлексия метавонад шифоҳӣ гузаронида шавад, аммо навиштани ҷавобҳо афзалтар аст, зеро ба хонанда имкон медиҳад, ки фикрҳои худро амиқтар андеша кунад ва онҳоро мураттаб пешниҳод намояд.

**Мисоли 1. Ба анҷом расонидани ҷумлаҳо:**

- Имрӯз ман фаҳмидам…
- Барои ман душвортарин ...буд
- Ман мехостам, ки муҳокима кунем/фаҳмам…

**Мисоли 2. Харитаи сода бо 1–2 савол:**

| *Имрӯз барои ман чӣ чиз тааҷубовар буд?* | *Ман чӣ гуна метавонам ин донишҳоро дар ҳаёт истифода намоям* |
|---|---|
| | |

**Мисоли 3. Харитаи стандартӣ бо 3 савол**

| *Ман чӣ чизи нав омӯхтам?* | *Ман ба кадом маҳорат ё дониш соҳиб шудам?* | *Чӣ чиз барои ман нофаҳмо боқӣ монд?* |
|---|---|---|
| | | |

**Намунаҳои тарзи саволгузорӣ:**

- Ба ман чӣ хуб муяссар шуд? Чӣ душвор буд? Чиро мехоҳам беҳтар кунам?
- Ғояи асосии дарс. Саволи ҷолибтарини дарс. Мавқеи ман нисбат ба дарс.
- Дар кадом лаҳза ба мушкилӣ дучор шудам? Оё тавонистам онро паси сар кунам? Дар чунин ҳолат ба ҳамсинфам чӣ маслиҳат медодам?

**Мисоли 4. Харитаи баромад (**саволҳо ва қолаби пуркунӣ бо тартиби мантиқии таҳлили дарс**)**

**Намунаи саволҳо:**

1. Имрӯз ман чӣ чизи нав омӯхтам? (1–2 далел)
2. Кадом қисм барои ман фаҳмотар ва ҷолибтар буд?
3. Чӣ чиз барои ман душворӣ эҷод кард?
4. Оё тавонистам ин душвориро паси сар кунам? Агар ҳа, чӣ гуна?
5. Кадом ғояи дарсро муҳимтарин мешуморам?
6. Чиро ман мехоҳам дар дарси оянда аниқ ё муҳокима кунам?
7. Чӣ гуна метавонам донишҳои имрӯзаро дар амал истифода барам?

| **Савол** | **Ҷавоб** |
|---|---|
| 1. Донишҳои нав | |
| 2. Фаҳмо ва ҷолиб | |
| 3. Мушкилот | |
| 4. Чӣ гуна паси сар кардам | |
| 5. Ғояи асосӣ | |
| 6. Муҳокима/аниқ кардан | |
| 7. Истифода | |

**Шарҳи методӣ**

**Корти рефлексивӣ** ба хонандагон кумак мекунад, ки дастовард, душворӣ ва ниёзҳои худро дарк кунанд ва ба омӯзгор имкон медиҳад, ки динамикаи фаҳмишро бинад ва қадамҳои минбаъдаро тарҳрезӣ намояд**.** Ин раванд маҳоратҳои худбаҳодиҳӣ ва таҳлили таҷрибаи шахсиро рушд медиҳад.

**Вариантҳои истифода:**

1. ***Ҷамъоварӣ ва таҳлили омӯзгор.*** Кортҳо ҷамъоварӣ мешаванд ва барои **тарҳрезии дарсҳои оянда** истифода мегарданд. Дар дарси навбатӣ, омӯзгор **ҷавобҳои асосиро шарҳи кӯтоҳ** медиҳад.
2. ***Хулосабарории хонандагон.*** 3–4 хонанда кортҳоро ҷамъ ва таҳлил мекунанд ва барои дарси оянда доклад дар ҳаҷми **3–5 дақиқа** бо шарҳи умумии ҷавобҳо баромад омода месозанд.

**3. Худбаҳодиҳӣ оид ба мавзуъ**

Восита барои худ**ташхискунӣ.** Хонанда сатҳи дониши худро оид ба унсурҳои калидии мавзуъ арзёбӣ мекунад: чиро медонад ва чӣ ба такрор ниёз дорад.

Худбаҳодиро метавон дар оғоз (барои ташхиси донишҳои ибтидоӣ), миёна (барои пайгирии пешрафт) **в**а дар охири мавзуъ (барои ҷамъбаст ва тарҳрезии такрор) гузаронд.

**Намуна. Худбаҳодиҳӣ дар мавзуи «Роман ҳамчун жанри насрӣ»**

| Мазмуни калидӣ | Медонам | Метавонам ба дигарон фаҳмонам | Бояд такрор кунам |
|---|---|---|---|
| Таърифи жанри «роман» ва хусусиятҳои он | ☐ | ☐ | ☐ |
| Навъҳои асосии роман (иҷтимоӣ, таърихӣ, равонӣ ва ғ.) | ☐ | ☐ | ☐ |
| Сохтори роман: сюжет, композиция, рушди низоъ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Нақши қаҳрамон дар роман ва роҳҳои ошкорсозии он | ☐ | ☐ | ☐ |
| Намунаҳои романи машҳур ва мансубияти жанрии онҳо | ☐ | ☐ | ☐ |
| Чӣ гуна роман замон, андешаҳо ва ҷаҳонбинии муаллифро инъикос мекунад | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

**Худбаҳодиҳӣ** ба хонандагон кумак мекунад, дарк намоянд, ки чӣ чизро аллакай медонанд ва кадом қисмҳо ниёз ба такрор доранд. Барои омӯзгор ин як воситаи зудмуайянкунанда барои ташхис аст, ки:

- **дар оғози мавзуъ** сатҳи донишҳои ибтидоиро нишон медиҳад ва ба тарҳрезии мавод кумак мекунад;
- **дар миёна** пешрафтро пайгирӣ мекунад ва имкони ислоҳи равандро медиҳад;
- **дар охир** тасвири умумии азхудкуниро дода, барои такрор ё омодагӣ ба супоришҳои ҷамъбастӣ кумак мекунад.

**Вариантҳои истифода:**

1. **Омӯзиши ҳамдигар.** Кор дар ҷуфтҳо: хонандагон ба якдигар он нуқтаҳоеро мефаҳмонанд, ки дар онҳо «Метавонам ба дигарон фаҳмонам» қайд шудааст.
2. **Кор дар гурӯҳҳо.** Ба гурӯҳҳо тақсим кардан аз рӯйи мавзуъҳое, ки барои коркарди муштарак душворӣ эҷод мекунанд.
3. **Худташхисӣ**. Инфиродӣ пур кардани ҷадвали худташхисӣ пеш аз санҷиш ё дарси ҷамъбастӣ.

**4. Варақаи санҷишӣ ва шкалаҳои худбаҳодиҳӣ**

Восита барои худташхисӣ: хонанда қайд мекунад, ки кадом корҳоро иҷро кардааст, ё худро аз рӯйи ҷадвал арзёбӣ мекунад. Варақаи санҷишӣ ва ҷадвалҳо барои кор бо харитаҳо, таҳлили омор, иҷрои супоришҳои амалӣ ё мини-лоиҳаҳо метавонанд гуногун бошанд.

**Мисол:** Омонимҳо дар забони тоҷикӣ

**Варақаи санҷишӣ: Дар муҳокима бароятон чиҳо муяссар шуд, ишора кунед (ҳа/не/қисман):**

☐ Ман нуқтаи назари худро бо овардани мисолҳои омонимҳо ва маънои онҳо асоснок кардам.

☐ Ман бодиққат ба андешаҳои дигар иштирокчиён гӯш додам.

☐ Ман саволҳои дақиқкунанда дар бораи маъно ва истифодаи омонимҳо додам.

☐ Ман равшан, дуруст ва боваринок сухан гуфтам.

☐ Агар шарҳи дақиқтаре шунида бошам, мавқеи худро тағйир додам

**Варақаи санҷишӣ**: қайд намо, ки дар мубоҳиса чӣ корҳоро анҷом додед (ҳа/не/қисман):

- Нуқтаи назари худро бо далел ва мисолҳо асоснок кардам.
- Фикри дигаронро бодиққат гӯш кардам.
- Саволҳои дақиқкунанда додам.
- Равшан ва бо эътимод сухан гуфтам.
- Агар далелҳои пешниҳоднамудаи дигарон боварибахштар бошанд, мавқеи худро иваз мекунам.

**Шарҳи методӣ**

Варақаи санҷишӣ ва шкалаҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки кадом корҳо хуб анҷом ёфтанд ва кадом қисмҳои он ниёз ба такмил доранд, дарк кунанд.

Онҳоро метавонанд дар корҳои инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ истифода баранд. Ҳаҷман аз таҳлили харита ва омор то омодасозии гузориш ва лоиҳаҳо, варақаи санҷишӣ ва ҷадвалҳоро ба осонӣ метавон мутобиқ кард.

**5. Арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳо (худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар)**

Хонандагон корҳоро (худ ё ҳамсинфашон) аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ мувофиқшуда арзёбӣ мекунанд. Ин метавонад варақаи санҷишӣ, рубрика ё ҳадафҳои дарс бо нуқтаҳои мушаххас барои санҷиш бошад.

**Масалан:**

- На камтар аз 3 сифатеро, ки ба як исм тааллуқ доранд, мисол овардам;
- Маънои ҳар як сифатро дар мазмун фаҳмонидам;
- Барои ҳар як сифат мисоли ҷумла овардам.

**Шарҳи методӣ:**

Кор бо меъёрҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки корҳои худро бо мақсадҳои супориш муқоиса кунанд, бинанд, ки чӣ иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад.

Арзёбии ҳамдигар ба хонанда меомӯзонад, ки шарҳи пурмазмун дода, корро аз нигоҳи «мутахассис» таҳлил кунад. Ин равишро метавон барои лоиҳа, супориш, таҳлили маълумот ва дигар фаъолиятҳо истифода бурд.

**6. Пурсиши ташаккулдиҳанда**

Шакли санҷиши фаҳмиш, ки **фавран пас аз шарҳи маводи нав** ё **иҷрои супориш** гузаронида мешавад. Омӯзгор саволҳои калидӣ медиҳад, хонандагон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд муҳокима карда, саволҳои худро таҳия мекунанд ва ҳамдигарпурсиро анҷом медиҳанд.

**Мисол:**

**Саволҳо барои муҳокима:**

- __________ ва __________чӣ умумият ё фарқият дорад?
- Хусусиятҳои __________ кадомҳоянд?
- Оид ба __________ мисол биёред.
- Барои арзёбӣ кадом меъёрҳоро истифода мебурдед __________?
- Чӣ гуна метавон __________-ро тасдиқ ё рад кард?

Омӯзгор рӯйхатеро бо 4–6 савол пешниҳод мекунад. Вазифаи хонандагон интихоб кардани 3 савол, таҳия намудани саволҳои иловагӣ дар гурӯҳ ва гузаронидани пурсиши ҳамдигар мебошад.

**Шарҳи методӣ:**

Пурсиши ташаккулдиҳанда на танҳо сатҳи фаҳмишро месанҷад, балки маҳоратҳои саволгузорӣ ва далеловариро рушд медиҳад.

Корҳои дунафарӣ ва гурӯҳӣ равандро ҷолиб месозад ва тарс аз ғалат карданро кам мекунад. Чунин усул махсусан барои мустаҳкамкунии маводи пас аз омӯзиш**и** он самаранок аст.

**7. Усулҳои бознигарии кӯтоҳ**

Маҷмуаи воситаҳои одӣ, ки дар он хонандагон ба якдигар шарҳи кӯтоҳ медиҳанд: нуқтаҳои қавии корро таъкид мекунанд, барои беҳтарсозӣ тавсияҳо пешниҳод мекунанд, ё саволи дақиқкунанда медиҳанд.

| Номи усул | Моҳият | Фоида барои хонанда |
|---|---|---|
| **«Ҷиҳатҳои мусбат ва маслиҳат»** | Як ҷиҳати қавии кор ва як маслиҳат барои беҳтарсозии он | Рушди маҳорат дар бознигарии созанда додан |
| **«Ду ситора ва як хоҳиш»** | Ду шарҳи мусбат ва як тавсия барои такмил | Ташаккули маҳорати ҷудо карда тавонистани нуктаҳои асосӣ ва ҷустуҷӯйи нуқтаҳои рушд |
| **Чӣ чиз хуб аст – Чӣ бояд беҳтар шавад** | Сабти кӯтоҳи ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои такмилшаванда | Рушди маҳорати таҳлил карда тавонистан ва дар шакли кӯтоҳ ифода намудани андеша |
| **Савол ба муаллиф** | Як савол оид ба кори ҳамсинф | Тақвияти маҳорат дар саволгузорӣ ва васеъ намудани нуқтаи назар ба мавзуъ |

**Шарҳи методӣ**

Ин гуна усулҳо фарҳанги бознигарии созандаро ташаккул дода, ба хонандагон кумак мекунанд, ки нуқтаҳои қавӣ ва самтҳои рушдро дар корҳои худ ва дигарон бубинанд ва инчунин маҳорати ифодаи кӯтоҳ ва пурмазмуни андешаҳоро рушд диҳанд.

Онҳоро метавон дар навъҳои гуногуни фаъолият— ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ, лоиҳаҳо, супоришҳои эҷодӣ, дар ҳар марҳила: аз мусаввада то натиҷаҳои ниҳоӣ истифода бурд.

Ҳамаи усулҳои зикршуда, аз корти содаи рефлексӣ то арзёбии ҳамдигар аз рӯйи меъёрҳо — хонандагонро ба раванди арзёбӣ ҷалб ва онро ба раванди муштарак табдил медиҳанд.

Барои он ки ин усулҳоро дар як низом бубинем, дар поён ҷадвали ҷамъбастии воситаҳо оварда мешавад, ки метавон онро барои татбиқи ин принсип истифода намуд.

**Воситаи татбиқи принсипи «Ҷалби хонандагон дар раванди арзёбӣ»**

| Воситаҳо | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсад |
|---|---|---|
| **1. Рӯзномаи дубахша** | Сутуни «То» (дониш/ҷавобҳои ибтидоӣ) ва «Пас» (донишҳои нав, хулосаҳо) | Барои дарки сатҳи дониш ва тағйироти он; дар аввал ва охири дарс/мавзуъ |
| **2. Корти рефлексивӣ** | Ҷавобҳои кӯтоҳ ба саволҳо дар охири дарс («Чӣ хуб шуд? Чӣ душвор буд?») | Барои дарки таҷриба, мушкилот ва тартиб додани саволҳои нав; охири дарс |
| **3. Худбаҳодиҳӣ ба мавзуъ** | Аз рӯйи унсурҳои калидии мавзуъ «Медонам», «Метавонам дигаронро фаҳмонам», «Бояд такрор кунам» қайд кардан | Барои арзёбии пешрафт, танзими таълим ва тарҳрезии такрор; дар аввал, мобайн ва охири мавзуъ |
| **4. Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ** | Арзёбии амалҳо ё натиҷаи кори худ аз рӯйи рӯйхати нуқтаҳо | Барои назорати худ ҳангоми иҷрои супориш; дар раванди кор ва пас аз он |
| **5. Арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳо** | Худбаҳодиҳӣ ё арзёбии ҳамдигар аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ мувофиқшуда | Барои таҳлили натиҷа ва беҳтарсозии кор; дар раванди иҷро ва пас аз он |
| **6. Пурсиши ташаккулдиҳанда** | Саволҳои калидӣ пас аз омӯзиши мавод; муҳокима ва пурсиши ҳамдигар дар ҷуфтҳо/гурӯҳҳо | Барои санҷиши фаҳмиш ва ҷалби хонандагон; фавран пас аз шарҳ ё супориш |
| **7. Усулҳои кӯтоҳи бознигарӣ** | Шарҳи кӯтоҳ ба кор (масалан, «Ҷиҳатҳои мусбат ва маслиҳат», «Ду ситора ва як хоҳиш») | Барои бознигарии зуд ва ислоҳи кор; дар ҳар марҳилаи фаъолият |

**Хулоса.** Ҳамаи ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки арзёбиро аз як раванди расмӣ ба раванди фаъол табдил диҳем, зеро дар он хонанда иштирок мекунад: донишҳои худро сабт менамояд, онҳоро бо мақсадҳо муқоиса мекунад, маслиҳат мегирад ва худашон онро бознигарӣ мекунанд. Ин муносибат арзёбиро пурмазмун месозад, ба рушди маҳоратҳои худтаҳлилӣ ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад ва ба омӯзгор маълумоти саривақтӣ медиҳад, то ки ҳар як хонандаро дастгирӣ намояд.

### *Усулҳои иловагии арзёбии ташаккулдиҳанда*

**1. Бознигарӣ дар дарс**

- **Чароғаки роҳнамо** – кортҳо (ранги сабз — фаҳмидам, зард — савол дорам, сурх — нафаҳмидам).
- **Хулоса дар як ҷумла** – ҳар як хонанда маънои асосии дарсро дар як ҷумла баён мекунад.
- **Аннотатсия дар дунафараҳо** – хонандагон дунафарӣ тавсифи кӯтоҳи мавзуъро менависанд ва ҷавобҳои якдигарро пурра мекунанд.
- **Эссе дар ҳаҷми як дақиқа** – ҷавоби хаттӣ ба саволи калидӣ дар 1–2 дақиқа.
- **Дуруст/Нодуруст** – омӯзгор изҳоротро мехонад, хонандагон зуд ҷавоб медиҳанд.

***2. Арзёбӣ ва такмили корҳо***

- **Нигористон** – корҳо дар деворҳои синф ё тахтаи синф гузошта мешаванд ва хонандагон аз рӯйи меъёрҳо онҳоро шарҳи кӯтоҳ медиҳанд.
- **Мусоҳибаи дунафарӣ** – хонандагон бо навбат ба ҳамдигар савол медиҳанд ва сатҳи фаҳмиши ҳамдигарро месанҷанд.
- **Як савол – як ҷавоб** – ҳар хонанда як саволи асосӣ оид ба мавзуъ менависад ва ба саволи дигарон ҷавоб медиҳад.

***3. Рефлексияи эҳсосӣ ва фазои дарс***

- **Ҳолати рӯҳӣ дар охири дарс** – дар охири дарс хонандагон чеҳраҳоро (смайлик) мегузоранд ё ҳолати худро кӯтоҳ тавсиф мекунанд.

- **Се ҷиҳати мусбӣ ва як ҷиҳати манфӣ** – хонандагон се ҷиҳати мусбати дарс ва як чизе, ки метавонад беҳтар шавад менависанд.
- **Абри эҳсосот** – коллаж/кластер бо калимаҳои калидии эҳсосотӣ аз дарс.

**Хулосабарорӣ**

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** нақши арзёбиро тағйир медиҳад: он дигар танҳо баҳо набуда, балки воситаи рушд мегардад. Асоси ин муносибатро чор принсип ташкил медиҳад:

1. **Равонасозӣ ба рушди шахсии хонанда** – таваҷҷуҳ аз муқоиса бо дигарон ба пешрафти инфиродӣ мегузарад.
2. **Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият** – равандро шаффоф, объективӣ ва одилона месозанд.
3. **Бознигарии созанда** – омӯзгор на танҳо шарҳ, балки роҳҳои беҳтарсозиро нишон медиҳад.
4. **Ҷалби хонандагон дар раванди арзёбӣ** – тавассути худбаҳодиҳӣ, арзёбии ҳамдигар ва муҳокимаи натиҷаҳо.

Ин принсипҳо таълимро пурмазмун ва ҳавасмандкунанда месозанд, арзёбиро ба воситаи дастгирӣ ва рушд табдил медиҳанд.

**Ҷадвали муқоиса: Арзёбии анъанавӣ ва арзёбии ташаккулдиҳанда**

| Меъёр | Арзёбии анъанавӣ | Арзёбии ташаккулдиҳанда |
|---|---|---|
| *Ҳадаф* | Сабти натиҷа ва баҳо гузоштан | Дастгирии таълим, нишон додани пешрафт ва роҳҳои рушд |
| *Таваҷҷуҳ* | Муқоисаи хонанда бо меъёр ё бо дигарон | Пешрафти шахсии хонанда нисбат ба натиҷаҳои қаблӣ |
| *Иштироки хонанда* | Пассивӣ: хонанда танҳо баҳо мегирад | Активӣ: хонанда дар худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар иштирок мекунад |
| *Меъёрҳо* | Аксаран ноаён, танҳо ба омӯзгор маълум | Равшан, фаҳмо ва якҷоя бо хонандагон муҳокима мешаванд |
| *Шакли бознигарӣ* | Баҳо ё шарҳи кӯтоҳ | Бознигарии муфассал: ба чӣ муяссар шуд ва чӣ чиз бояд беҳтар шавад |
| *Вақти гузаронидан* | Одатан пас аз анҷоми мавзуъ ё фаъолият | Дар ҳама марҳилаҳои таълим: пеш, дар раванди кор ва пас аз он |
| *Нақши омӯзгор* | Назоратчӣ, сабткунандаи натиҷа | Роҳнамо, кумакрасон барои беҳтарсозии раванд ва натиҷа |
| *Нақши хонанда* | Баҳо гирифтан | Иштирокчии фаъол дар раванди арзёбӣ |
| *Натиҷа барои хонанда* | Танҳо баҳои худро медонад | Мефаҳмад, ки ба чӣ муяссар шуд, чӣ ба такмил ниёз дорад ва чӣ гуна онро беҳтар кунад |

**Хулоса.** Ҳар як равиш хатарҳои худро дорад. Дар арзёбии анъанавӣ, таваҷҷӯҳ танҳо ба баҳо, бе шарҳ аст, ки метавонад ҳавасмандии хонандаро коҳиш дода, ӯро дар ноогоҳӣ аз пешрафти воқеии худ нигоҳ дорад. Арзёбии ташаккулдиҳанда бошад, агар меъёрҳо норавшан**,** вақти нокофӣ ё бознигарӣ сатҳӣ бошад, метавонад ба як расмият табдил ёбад**,** ки арзиш надорад. Барои пешгирӣ аз ин хатарҳо, муҳим аст, ки арзёбии ташаккулдиҳандаро ба таври системавӣ татбиқ намуда, бо таваҷҷуҳ ба равшании ҳадафҳо, сифати бознигарӣ ва ҷалби фаъолонаи хонандагон ба раванди арзёбӣ диққат диҳем.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Арзёбии ташаккулдиҳанда дар асоси муколама сохта мешавад:** муҳим аст, ки на танҳо натиҷаро сабт кунем, балки ба хонанда кумак намоем, ки фаҳмад чӣ хел ва чӣ гуна метавонад беҳтар шавад.

2. **Принсипи 3. Бознигарии созанда**: шарҳи омӯзгор ва ҳамсинфон бояд мушаххас, саривақтӣ ва ба беҳтарсозии кор равонашуда бошанд.

3. **Бознигарии хуб** на танҳо хатоҳоро нишон медиҳад, балки роҳҳои ислоҳи онҳоро низ пешниҳод карда, ба хонанда кумак мекунад, ки нақшаи рушдро бубинад ва ҳавасмандиро нигоҳ дорад.

4. **Принсипи 4. Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ**: хонанда ба иштирокчии фаъол табдил меёбад агар ӯ корҳои худро арзёбӣ намуда, дар муҳокимаи натиҷаҳо ширкат варзад.

5. **Худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар** маҳоратҳои таҳлил ва муоширати созандаро рушд дода, масъулиятро барои натиҷа ташаккул медиҳанд.

6. **Истифодаи меъёрҳо дар худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар** ба хонандагон кумак мекунад, ки корҳоро ба таври объективӣ таҳлил кунанд, нуқтаҳои қавӣ ва самтҳои рушдро бубинанд, ки ин равандро шаффоф ва ҳавасмандкунанда месозад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Шумо дар бораи нақши бознигарии созанда ва ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ чӣ чизи нав омӯхтед?

2. Кадом ҷиҳати мавзуъ барои шумо нофаҳмо боқӣ монд ё боиси норозигӣ шуд?

3. Кадом усули бознигарӣ барои шумо муфидтар менамояд ва чаро?

4. Кадом се усули худбаҳодиҳиро мехоҳед дар наздиктарин фурсат озмоиш кунед? Чаро маҳз онҳоро?

5. Шумо дар вогузории қисми масъулияти арзёбӣ ба худи хонандагон кадом афзалият ва хатарҳоро мебинед?

6. Кадом монеа ё душвориҳо метавонанд ҳангоми татбиқи усулҳои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар дар синфи шумо пайдо шаванд?

7. Кадом монеаҳо метавонанд ҳангоми истифодаи усулҳои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар дар синфи шумо ба миён оянд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 5.2

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед*

**1. Ҳадафи асосии бознигарии созанда дар чист?**
- A. Нишон додани ҳамаи ғалатҳо, то хонанда онҳоро мустақилона ислоҳ кунад.
- B. Кумак ба хонанда, то фаҳмад, ки чӣ хуб анҷом ёфтааст ва чӣ метавонад беҳтар шавад.
- C. Баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон тавассути таъриф ва дастгирӣ.
- D. Сода кардани раванди баҳогузорӣ барои омӯзгор.

**2. Мазмуни бознигарии созанда бояд чӣ гуна бошад?**
- A. Кӯтоҳ, умумӣ ва ҳавасмандкунанда.
- B. Кӯтоҳ, мусбат ва бо нишон додани муҳлатҳо.
- C. Мушаххас, равшан ва дастурдиҳанда.
- D. Мушаххас, саривақтӣ ва қобили иҷро.

**3. Иштироки хонанда дар раванди арзёбӣ ба ӯ чӣ медиҳад?**
- E. Имкони таъсир ба баҳои ниҳоӣ.
- F. Кам кардани шарҳи омӯзгор.
- G. Дарки дастовардҳои шахсӣ ва минтақаҳои рушд.
- H. Кам кардани шумораи супоришҳои арзёбӣ.

**4. Нақши худбаҳодиҳӣ дар таълим чист?**
- A. Ба хонанда имкон медиҳад, ки аз танқиди омӯзгор канорагирӣ кунад.
- B. Ба хонанда кумак мекунад, ки натиҷаҳои худро таҳлил намояд.
- C. Раванди санҷиши корҳоро барои омӯзгор осон мекунад.
- D. Ҳамаи шаклҳои санҷишро иваз мекунад.

**5. Арзёбии ҳамдигар миёни хонандагон кадом маҳоратҳоро рушд медиҳад?**
- A. Маҳоратҳои ҳамкорӣ ва рақобат байни хонандагон.
- B. Қобилияти баҳс кардан ва ислоҳи ғалатҳо.
- C. Маҳоратҳои таҳлил ва додани шарҳи созанда.
- D. Қобилияти ислоҳи ғалатҳо ва гирифтани баҳои баландтар.

**6. Чаро ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ ҳавасмандиро зиёд мекунад?**
- A. Зеро хонандагон эҳсос мекунанд, ки фикри онҳо ба назар гирифта мешавад.
- B. Зеро онҳо бештар баҳои мусбат мегиранд.
- C. Зеро омӯзгор дигар корҳои онҳоро намесанҷад.
- D. Зеро шумораи супоришҳо кам мешавад.

**7. Чӣ чиз равандро дар худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар шаффоф мекунад?**
- A. Рад кардани баҳо ва гузариш ба шарҳи шифоҳии муфассал.
- B. Кам кардани шарҳ, то ба хонандагон сарборӣ нашаванд.
- C. Истифодаи меъёрҳои мувофиқ ва фаҳмо ҳам барои хонанда ва ҳам барои омӯзгор.
- D. Гузаронидани санҷиш дар охири мавзуъ барои нишон додани натиҷаи умумии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

3. Мақсади дарсро вобаста ба фаҳмиши хонандагон таҳия кардан.
4. Барои арзёбии намудҳои гуногуни фаъолият меъёрҳои равшан ва объективӣ таҳия намудан.
5. Ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ робитаи мутақобилаи созанда гузаронидан.

### КОРИ АМАЛӢ: АЗ МАҚСАД ТО РОБИТАИ МУТАҚОБИЛА

**Кори амалии 1. Баргардони мақсади умумӣ ба мақсадҳои хонандагон ва вазифаҳои таълимӣ**

**Мақсад:** омӯзиши фаркият байни ҳадафи умумӣ ва ҳадафҳои хонанда, мушаххассозии онҳо тавассути супоришҳои таълимӣ, ки натиҷаи интизоршавандаро тавсиф мекунанд.

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

Ба шумо ду варианти кор пешниҳод шудааст:

**Варианти 1.**

Мақсадҳои умумии пешниҳодшуда оид ба мавзуи «Замонҳои феъл»-ро истифода карда, онҳоро ба мисолҳо мутобиқ созед:

1. Мақсади умумиро ба мақсадҳои хонанда табдил диҳед: Кадом дониш ва маҳоратҳоро хонанда пас аз анҷоми дарс соҳиб мешавад?
2. Ҳар як мақсадро тавассути супоришҳои таълимӣ мушаххас кунед: Кадом амалҳоро бояд хонанда иҷро кунад? (масалан: «муқоиса кунад…», «таҳлил намояд…», «дар харита ёбад…»)

**Варианти 2.**

Дилхоҳ мавзуъро интихоб карда, мустақилона барои он мақсадҳо таҳия намоед ва онҳоро тавассути супоришҳои таълимӣ мушаххас намоед.

**Мавзуъ:** Захираҳои обии Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо барои хоҷагии халқ

| Мақсади умумӣ | Мақсади хонанда | Супориши таълимӣ (натиҷаҳои интизоршаванда) |
|---|---|---|
| Шинос кардани хонандагон бо шаклҳои замони гузашта, ҳозира ва ояндаи феъл ва нақши онҳо дар сохтани баёнҳои пайваста | | *То охири дарс хонанда метавонад:*<br>1.<br>2.<br>3.<br>4. |

**Варақаи санҷишӣ барои арзёбии иҷрои супоришҳо**

| *Меъёр* | *Ҳа* | *Не* |
|---|---|---|
| 1. Ҳадди ақал ду мақсади хонанда таҳия шудааст | | |
| 2. Ба ҳар як мақсад супоришҳои таълимӣ/ натиҷаҳои интизоршаванда таҳия карда шудааст | | |
| 3. Супоришҳо/ Натиҷаҳо амал ё маҳоратҳои мушаххаси хонандаро тавсиф мекунанд | | |
| 4. Ҳар як натиҷаро (аз рӯйи ҷавоб ё амали хонанда) метавон санҷид | | |
| 5. Дар натиҷаҳо пешрафт мушоҳида мешавад (аз дониш ба таҳлил ва татбиқ) | | |

## Кори амалии 2. Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ

**Мақсад:** Омӯхтани роҳҳои таҳия намудани **меъёрҳои шаффоф, фаҳмо** ва **объективӣ** барои арзёбии корҳои хонандагон.

**Кори дунафарӣ:**

Дилхоҳ мавзуъ ва намуди фаъолиятро интихоб намоед, ки шумо дар дарсҳо истифода мебаред ва **на камтар аз 3–4 меъёри арзёбӣ** бо **забони дастрас барои хонандагон** таҳия намоед.

**Намунаҳои фаъолият:**

1. Ҷавоби шифоҳӣ ё таҳлили лаҳза аз асар (достон, ҳикоят, ривоят);
2. Қироати ифоданоки шеър ё порчаи назм;
3. Навиштани иншо ё эссе (дар бораи асар ё дар мавзуи озод)
4. Таҳлили образи бадеӣ (тавсифи қаҳрамони асар, муқоисаи қаҳрамонҳо);
5. Навиштани нақли хаттӣ ё шарҳи эҷодии матн;
6. Омодагӣ ва ҳимояи муаррифӣ/маъруза (дар бораи нависанда, дар бораи асар, дар бораи мавзуъ).

**Мавзуъ:**

| **Намуди фаъолият** | **Меъёрҳои арзёбӣ** |
|---|---|
| | 1.<br>2.<br>3.<br>4. |

**Варақаи санҷишӣ барои арзёбии иҷрои супоришҳо**

| *Меъёрҳо* | *Ҳа* | *Не* |
|---|---|---|
| 1. На **камтар аз се меъёр** барои арзёбӣ таҳия шудааст. | | |
| 2. Ҳар як меъёр **бо забони фаҳмо** барои хонандагон таҳия шудааст. | | |
| 3. Меъёрҳо **унсурҳои мушаххас ва муҳимми фаъолиятро** тавсиф мекунанд. | | |
| 4. Аз рӯйи ҳар меъёр **метавон холисона муайян кард**, ки иҷро шудааст ё не. | | |
| 5. Меъёрҳо ба **намуди интихобшудаи фаъолият** (лоиҳа, харита, кластер...) мувофиқанд. | | |
| 6. Меъёрҳоро метавон **барои робитаи мутақобила истифода бурд** (аз рӯйи онҳо ба таври осон маслиҳат додан мумкин аст) | | |

**Кори амалии 3. Таҳияи микёс (шкала)-и пешрафт**

**Мақсад:** омӯхтани таҳияи шкалаи пешрафт барои хонандагон, ки ба онҳо кумак мекунад рушди худро аз рӯи маҳоратҳои мушаххас бубинанд.

**Кори дунафарӣ:**

Дилхоҳ мавзуъ ва намуди фаъолиятро аз фанни худ интихоб карда, барои яке аз маҳоратҳои калидӣ шкалаи пешрафт таҳия намоед.

**Шкала бояд:**

- **сатҳҳои гуногуни азхудкунии маҳоратро тавсиф кунад** (масалан: аз «оғоз» то «пешрафта»);
- **бо забони фаҳмо барои хонандагон** навишта шавад (бидуни сохти мураккаб);
- **амал ё натиҷаҳои мушаххасро инъикос намояд**, ки хонанда тавонад нишон диҳад.

**Саволҳои назоратӣ барои арзёбии супориш:**

1. 3–4 сатҳи пешрафт мавҷуд аст
2. Сатҳаш бо забони фаҳмо барои хонандагон тавсиф шудаанд
3. Ҳар сатҳ амалҳо ё маҳоратҳои мушаххасро инъикос мекунад
4. Динамикаи рушд мушоҳида мешавад (аз сода ба мураккаб)

**Кори амалии 4. Таҳияи «Варақаи санҷишии комёбӣ»**

**Мақсад:** Омӯхтани роҳҳои тартиб додани варақаи санҷиши муваффақият, ки ба хонандагон кумак мекунад, иҷрои унсурҳои калидии супоришро мустақилона пайгирӣ кунанд.

**Супориш барои кор дар гурӯҳҳои се нафара:**

Ягон мавзуъ ва навъи фаъолиятро интихоб кунед (масалан: навиштани иншо ё таҳлили образи бадеӣ) ва варақаи санҷиши комёбиҳоро тартиб диҳед.

- 4–7 нуқтае, ки бояд хонанда барои муваффақ шудан иҷро намояд, тавсиф кунед.
- Онҳоро бо забони сода ва фаҳмо таҳия кунед.
- Варақаи санҷиширо метавон ҳам барои хонанда ва ҳам барои омӯзгор истифода бурд.

**Варақаи санҷишӣ барои омӯзгор:**

| *Меъёрҳо* | *Ҳа* | *Не* |
|---|---|---|
| 1. **Навъи фаъолият муайян шудааст**: кор ё супориши мушаххас интихоб карда шудааст (навиштани иншо ё таҳлили образи бадеӣ ва диг.) | ☐ | ☐ |
| 2. **Шумораи нуқтаҳо**: дар варақаи санҷишӣ барои хонанда на камтар аз 4 нуқта мавҷуд аст | ☐ | ☐ |
| 3. **Забони фаҳмо**: мафҳумҳо бо калимаҳои сода ва фаҳмо навишта шудаанд | ☐ | ☐ |
| 4. **Амали мушаххас**: ҳар як нуқта як амал ё натиҷаи мушаххасро тавсиф мекунад (масалан: барои исботи андешаи худ аз асар мисолҳо оварад) | ☐ | ☐ |
| 5. **Пайдарпайии мантиқӣ**: нуқтаҳо марҳилаҳои иҷрои супоришро инъикос мекунанд ва ба тартиби дуруст ҷойгир шудаанд | ☐ | ☐ |
| 6. **Имкони санҷиш**: ҳар як нуқтаро метавон объективона арзёбӣ кард, иҷро шудааст ё не | ☐ | ☐ |
| 7. **Барои хонанда муфид**: варақаи санҷишӣ ба хонанда кумак мекунад, ки фаҳмад, ки чӣ чиз хуб иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 5. Робитаи мутақобила**

**Мақсад:** Омӯхтани тарзи бознигарӣ, ки ба ҳамкорон кумак мекунад, ҷиҳатҳои мусбии кори худ ва роҳҳои беҳтар кардани онро дарк кунанд.

**Вазифа барои кори дунафарӣ:**

Натиҷаҳое, ки шумо дар корҳои амалии қаблӣ таҳия карда будед (мақсади дарс, меъёрҳои арзёбӣ, шохисҳои пешрафт ё варақаи санҷишӣ), бо ҳамдигар мубодила кунед. Бо риояи принсипҳои зерин бознигарии хаттӣ тартиб диҳед:

1. *Чӣ чиз хуб шуд?* (Ҷиҳатҳои қавии корро мушаххас нишон диҳед)
2. *Чӣ ба такмил ниёз дорад*? (Ҷанбаҳое, ки метавон беҳтар кард, номбар кунед)
3. *Чӣ гуна метавон натиҷаро беҳтар кард?* (Тавсияҳои мушаххас пешниҳод кунед)

**Коре, ки ман арзёбӣ мекунам: ___________________________**

| Тарафҳои қавии кор | Чӣ ба такмил ниёз дорад? | Тавсияҳо барои беҳтар шудани кор |
| --- | --- | --- |
| | | |

**Кори амалии 6. «Интихоби озод»**

**Мақсад:** Омӯхтани истифодаи усулҳои гуногуни бознигарӣ ва интихоби самаранок барои таҷрибаи шахсӣ.

**Вазифа барои кори дунафарӣ:**

1. Ду кори дилхоҳи ҳамкоронро, ки дар корҳои амалии қаблӣ таҳия шудаанд, интихоб кунед (мақсадҳои дарс, меъёрҳои арзёбӣ, шохисҳои пешрафт, варақаи санҷишӣ).
2. Аз чор усули бознигарӣ ду усули гуногунро интихоб кунед.
3. Ба ҳар як кор бо истифода аз усулҳои интихобшуда бознигарии хаттӣ диҳед.
4. Барои худбаҳодиҳӣ варақаи санҷиширо истифода баред.

**Усулҳои робитаи мутақобила:**

1. **«Ҷиҳатҳои мусбӣ ва маслиҳат»**
   – Ҷиҳатҳои мусбӣ: як ҷиҳати қавии кор.
   – Маслиҳат: як пешниҳоди мушаххас барои беҳтар кардани кор.

2. **«Ду ситора ва як орзӯ»**
   – Ситораҳо: ду ҷузъи муваффақи кор.
   – Орзӯ: як пешниҳод, ки чӣ гуна метавон корро беҳтар кард.

3. **«Чӣ чиз хуб аст – чӣ бояд беҳтар шавад»**
   – Чӣ чиз хуб аст: унсурҳои муваффақи корро мухтасар қайд кунед.
   – Чӣ бояд беҳтар шавад: мушаххас нишон диҳед, ки чӣ бояд тағйир ёбад.

4. **«Савол ба муаллиф»**
   – Як саволе, ки ба муаллиф кумак мекунад, ки амиқтар фикр кунад ё корро такмил диҳад.

**Варақаи санҷишӣ: Бознигарии босифат чӣ гуна бояд бошад?**

| *Меъёрҳо* | *Ҳа* | *Не* |
|---|---|---|
| **1. Мушаххас**: ман аз кор намунаи аниқ овардам, на ҷумлаҳои умумӣ. | | |
| **2. Муътадил**: ман ҳам ҷиҳатҳои қавӣ ва ҳам нуктаҳои ниёз ба такмилро нишон додам. | | |
| **3. Бо тавсияҳо**: ман маслиҳатҳои фаҳмо додам, ки чӣ гуна метавон корро беҳтар кард. | | |
| **4. Мусбат**: бознигарӣ руҳбаланд мекунад, қадри шахсро паст намезанад. | | |
| **5. Фаҳмо**: ман бо забони сода навиштам, бе истилоҳҳои зиёдатӣ. | | |

**Кори амалии 7. Худбаҳодиҳии салоҳиятҳои ман дар самти арзёбии ташаккулдиҳанда**

**Мақсад:** Арзёбии донишу маҳоратҳои худ дар самти татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда ва муайян кардани самтҳои рушд.

**Дастурамал:**

Сатҳи худро барои ҳар як маҳорат қайд кунед:

1 – **Ҳануз кӯшиш накардаам**
2 – **Кӯшиш мекунам**
3 – **Муяссар мешавам**
4 – **Метавонам**

| **Маҳорат** | **1** | **2** | **3** | **4** |
|---|---|---|---|---|
| 1. **Мақсади дарсро** тарзе таҳия мекунам, ки натиҷаҳои интизоршавандаро барои хонандагон инъикос мекунанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. **Меъёрҳои** арзёбиро **равшан ва фаҳмо** барои намудҳои гуногуни кор таҳия мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Варақаи санҷишӣ ва шкалаҳои пешрафтро барои худбаҳодиҳии хонандагон истифода мебарам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Усулҳои гуногуни бознигарии созандаро (хаттӣ ва шифоҳӣ) истифода мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Арзёбии мутақобиларо ташкил мекунам, то хонандагон ба якдигар шарҳҳои муфид диҳанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Хонандагонро ба муҳокимаи меъёр ва натиҷаҳои арзёбӣ ҷалб мекунам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Банақшагирии дарсҳоро тавре ба роҳ мемонам, ки **арзёбӣ рушдро дастгирӣ кунад** | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

*Чӣ чизро ман мехоҳам беҳтар кунам:*

.....................................................................................................................................

.....................................................................................................................................

.....................................................................................................................................

.....................................................................................................................................

# МАВЗУИ 2

## Методҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Мазмун ва ҳадафҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтан).
- Имкониятҳои воситаҳо: харитаи мушоҳида, варақаи санҷишӣ (чек-лист), миқёси хударзёбӣ (шкалаи арзёбӣ) барои ташкили робитаи мутақобилаи педагогӣ.
- Фарқгузории арзёбии дониш ва арзёбии маҳорати байнифаннӣ.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Интихоби усулҳои мувофиқ барои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ вобаста ба мақсадҳои дарс.
- Тартиб додани харитаҳои мушоҳида, варақаҳои санҷишӣ барои намудҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ.
- Таҳияи нишондиҳанда ва меъёрҳое, ки ба зоҳиршавии салоҳиятҳо равона шудаанд.
- Таҳлили таҷрибаи худ доир ба арзёбӣ ва муайянсозии самтҳои рушд.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима:**

- Чаро барои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ усулҳои махсус лозиманд?
- Чӣ гуна харитаи мушоҳидаи босифатро аз харитаи расмӣ фарқ кардан мумкин аст?
- Чӣ гуна дар худбаҳодиҳӣ беғаразӣ ва мазмунро таъмин кардан мумкин аст?
- Чӣ гуна хонандаро ба раванди арзёбӣ на ҳамчун назорат, балки ҳамчун қисми таълим ҷалб кардан мумкин аст?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз анҷоми мавзуъ метавонед

1. Чӣ гуна салоҳиятҳои калидӣ дар раванди иҷрои супоришҳои таълимӣ зоҳир шуданро фаҳмед.
2. **Усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро,** ки барои рушди салоҳиятҳои калидӣ мувофиқанд, **муайян кунед.**
3. Зоҳиршавии маҳоратҳои калидиро дар **вазъиятҳои таълимӣ тақвият** бахшед.
4. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои вазъияти мушаххаси таълимӣ **тарҳрезӣ ва мутобиқ созед**.

## Муқаддима

Омӯзгори гиромӣ, оё боре андеша кардаед, ки чӣ гуна метавон маҳорату малакаҳои пинҳонии хонандагонро дар раванди таълим ошкор кард?

Дар шароити кунунӣ, ки таълим ба самти рушди салоҳиятҳо равона шудааст, арзёбии салоҳиятҳои калидӣ, аз қабили тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, муоширaт ва маҳорати омӯхтан ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгор табдил ёфтааст.

Барои дарёфти ин маҳоратҳо, усулҳои гуногуни арзёбӣ истифода мешаванд, ки ҳар кадом хусусият ва самаранокии худро дорад. Масалан, харитаи мушоҳида ба омӯзгор имкон медиҳад, ки рафтор ва фаъолияти хонандаро дар муҳити табиӣ пайгирӣ намояд. Варақаи худбаҳодиҳӣ барои он муҳим аст, ки хонанда малака ва маҳоратҳои худро арзёбӣ кунад, зеро ин раванд ҳисси масъулият ва худшиносиро тақвият мебахшад. Варақаи санҷишӣ бошад, ҳамчун воситаи стандартӣ барои муқоисаи натиҷаҳо ва муайян кардани сатҳи салоҳиятҳо истифода мешавад.

Ин методҳо на танҳо арзёбиро дақиқтар мекунанд, балки ба шумо ҳамчун омӯзгори муосир ёрӣ мерасонанд, ки раванди таълимро мутобиқ ба ниёзҳои инфиродии ҳар як хонанда танзим намоед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Арзёбии ташаккулдиҳанда -** раванди гирифтан ва истифода бурдани бознигарӣ дар ҷараёни таълим, бо мақсади беҳтар фаҳмидани мавод ваислоҳи амалҳои хонанда ва омӯзгор мебошад.

**Бознигарӣ -** маълумот дар бораи сифати иҷрои супориш, ки ба хонанда кумак мекунад фаҳмад: ки чӣ хуб аст ва чӣ чизро чӣ гуна беҳтар кардан мумкин аст.

**Арзёбии ҳамдигар -** равандест, ки дар он хонандагон корҳои якдигарро бо истифода аз меъёрҳои муайян арзёбӣ карда, шарҳҳои созанда пешниҳод менамоянд.

**Худбаҳодиҳӣ -** арзёбии кори худ аз ҷониби хонанда, бо истифода аз меъёрҳои муайян ҷиҳати ошкор кардани тарафҳои қавӣ ва нуктаҳо барои беҳбудӣ.

**Меъёрҳои муваффақият -** нишондодҳои равшан ва фаҳмо, ки бо ёрии онҳо иҷрои супориш ё расидан ба мақсад арзёбӣ шуда, ҳамчун нишондиҳанда ва роҳнамо барои хонандагон хизмат мекунанд.

**Варақаи санҷишӣ** – восита, қадам ё нишондиҳандаҳоест, ки барои назорат кардани иҷрои супориш ва риояи меъёрҳо истифода мешавад.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Чӣ гуна дар раванди иҷрои супоришҳои таълимӣ зоҳир шудани салоҳиятҳои калидиро **фаҳмидан.**
2. **Усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи** барои рушди салоҳиятҳои калидӣ мувофиқро **муайян кардан**.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Ин супориш барои санҷиши дониши шумо нест. Мақсад эҷоди нуқтаи оғоз барои кори минбаъда мебошад.

- Аввал ба ҳар як изҳорот тариқи инфиродӣ бо интихоби «Дуруст» ё «Нодуруст» ҷавоб диҳед.
- Сипас, ҷавобҳои худро дар гурӯҳ муҳокима карда, ба мувофиқат ва фарқият дар андешаҳо диққат диҳед.

| Изҳорот | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Арзёбии ташаккулдиҳанда вақти зиёдро мегирад | | |
| 2. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамон баҳо гузоштан аст | | |
| 3. Меъёрҳои равшан ба хонандагон кумак мекунанд, ки бо огоҳӣ кору фаъолият кунанд | | |
| 4. Арзёбии ташаккулдиҳандаро одатан дар охири дарс истифода мебаранд | | |
| 5. Арзёбии ташаккулдиҳанда дар синфҳои болоӣ хуб натиҷа медиҳад | | |
| 6. Хонанда метавонад дар таҳияи меъёрҳои муваффақият иштирок кунад | | |
| 7. Овеза ва ёддоштҳо сарфи беҳудаи вақтанд, онҳо ба натиҷа таъсир намерасонанд | | |
| 8. Варақаи санҷишӣ (варақаи саволномаҳои санҷишӣ) ба хонанда кумак мекунад, ки кори худро беҳтар назорат кунад | | |
| 9. Арзёбии ташаккулдиҳанда танҳо барои фанҳои гуманитарӣ мувофиқ аст | | |
| 10. Бознигарӣ, агар дар охири омӯзиши мавзуъ дода шавад, самаранок аст | | |
| 11. Арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳатто бе баҳо гузоштан низ истифода бурдан мумкин аст | | |
| 12. Як усули арзёбии ташаккулдиҳандаро метавон барои фанҳои гуногун мутобиқ кард | | |
| 13. Арзёбии ташаккулдиҳанда раванде, ки омӯзгор пурра вазифаи арзёбиро ба хонандагон месупорад | | |
| 14. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба коҳиш додани баҳсҳо ва норозигӣ аз баҳо кумак мекунад | | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 5.3-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 5.3. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.3**

### *1. АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ: АЗ ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМӢ ТО МЕЪЁРҲОИ НАМОЁН*

**Арзёбӣ ҳамеша идомаи раванди таълим ва диди омӯзгор аст: ӯ** ба чӣ таваҷҷуҳ мекунад, чӣ чизро муҳим мешуморад ва чиро дастгирӣ кардан мехоҳад. Масалан, агар хонанда бояд як машқи забониро иҷро кунад — натиҷаи онро арзёбӣ кардан осон аст. Аммо агар вазифа чунин бошад: ташаббус нишон додан, ба созиш расидан дар гурӯҳ ё пешниҳоди як роҳи ғайриодӣ — чӣ бояд кард? Мо наметавонем тафаккури интиқодиро бо ҷадвал чен кунем ва наметавонем объективона сатҳи ҳамкориро бо меъёри даҳбалла дақиқ ҳисоб кунем. Маҳз дар ҳамин ҷо душворӣ пайдо мешавад: арзёбӣ муҳим аст, аммо чӣ гуна на ҳамеша равшан аст.

Пас савол ба миён меояд: инро дар куҷои дарс дидан мумкин аст?

Ҷавобро мо аллакай дар баррасии вазъиятҳои таълимӣ қисман ёфтем. Маҳз он ҷо, дар супоришҳои мушаххас ва ҳамкориҳои воқеӣ салоҳиятҳои калидӣ ҳамчун як қисми раванди воқеии таълим, на ҳамчун «иловаҳои» алоҳида, балки ҳамчун ҷузъи ҳақиқии омӯзиш зуҳур мекунанд.

**Чӣ гуна салоҳиятҳои калидӣ дар вазъияти таълимӣ зуҳур мекунанд?**

Вазъияти таълимӣ — ин танҳо як супориши одӣ дар дарс нест, балки лаҳзаест, ки хонанда бо чизи нав, масъалаи ғайриодӣ, зарурати муҳокимаи як идея, ё гирифтани нақш дар кори гурӯҳӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Маҳз дар чунин лаҳзаҳо равшан мешавад, ки хонанда чӣ гуна фикру чӣ гуна муошират мекунад ва чӣ гуна роҳҳои ҳалли масъаларо меҷӯяд.

Ба ин тартиб, салоҳиятҳои калидӣ дар худи мантиқ ва сохтори вазъияти таълимӣ зуҳур мекунанд:

- **Супоришҳои мушкил ва кушода** тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро фаъол мекунанд;
- **Кор дар ҷуфт ё гурӯҳҳо** ҳамкорӣ ва муоширатро ба ҳаракат меоранд;
- **Рефлексия пас аз иҷрои супориш** имкони нишон додани малакаи омӯзишро фароҳам месозад.

Ин маънои онро дорад, ки ҳар як унсури вазъият аз тарзи баён кардани масъала то усули муҳокима на танҳо ба омӯзиши фан, балки ба рушди 4К+ мусоидат мекунад.

Вазъияти таълимӣ, дар ин маъно, як муҳити махсус тарҳрезишуда аст, ки дар он салоҳиятҳо на танҳо гуфта мешаванд, балки ба амал табдил мееёбанд.

**Чаро муҳим аст, ки ин падидаҳоро аз назар гузаронем?**

Ҳатто агар вазъияти таълимӣ дуруст тарҳрезӣ шуда бошад ҳам, ин кофӣ нест. Муҳим чӣ гуна амалҳои хонандагонро дар он вазъият дидан аст.

Баъзан хонанда як қадами муҳим мегузорад: идеяи нав пешниҳод мекунад, фикри ҳамсинфонашро дақиқ мекунад, роҳи ғайристандартии ҳалли масъаларо меёбад.

Аммо агар ин амал ба назар гирифта нашавад, гӯё вуҷуд надошта бошад он дар раванди дарс нопадид мегардад.

Вазифаи мо ҳамчун омӯзгор — *ин зуҳурҳоро пай бурдану гуфтан аст:*

- «Шумо ду роҳро муқоиса кардед ин тафаккури интиқодӣ аст»
- «Шумо як роҳи дигар пешниҳод кардед ин эҷодкорӣ аст»

Бо ин кор, мо ба хонанда фаҳмонда медиҳем, ки амалҳои ӯ арзиш доранд. Маҳз ҳамин тавр муҳити таълим ба рушди шахсӣ ва салоҳиятҳо мусоидат мекунад.

**Нишондиҳанда ва меъёрҳо барои чӣ лозиманд?**

Барои он ки муҳити таълим воқеан ба рушд мусоидат кунад, барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим нишондиҳандаҳои равшан ва фаҳмо лозим аст. Дар ин ҷо унсурҳои намоёни муҳити таълимӣ кумак мекунанд, салоҳиятҳоро мушаххас ва намоён месозанд.

Яке аз чунин унсурҳо ёддошт ва овезаю лавҳаҳо мебошанд:

## Хонанда (китобхон)-и боғайрат



- **Бо шавқ мехонад** – мехоҳад фаҳмад, ки муаллиф дар бораи чӣ ва барои чӣ сухан мегӯяд.
- **Ба ҷузъиёти матн аҳамият медиҳад:** чӣ гуна муаллиф калимаҳоро интихоб мекунад, ҷумлаҳоро месозад, ҳолатро ифода мекунад.
- Суханҳои дигаронро **гӯш мекунад ва** андешаҳои гуногунро **эҳтиром менамояд.**
- **Аз иштибоҳ кардан наметарсад,** худро таҳлил мекунад.
- **Амиқтар фикр мекунад,** муқоиса мекунад, хулоса мебарорад.
- **Фаҳмонда метавонад,** ки чиро фаҳмидааст ва эҳсос кардааст.

**Мақсад:** *тавре хонад, ки дар бораи бардошт аз матн (ё асар) гуфта тавонад.*

## Хонанда (китобхон)-и беҳавсала



- Бе ягон шавқ мехонад – кӯшиши фаҳмидани онро надорад, ки муаллиф дар бораи чӣ ва барои чӣ сухан мегӯяд.
- Сатҳӣ мехонад – ба ҷузъиёти асар аҳамият намедиҳад, савол намедиҳад.
- Аз матнҳои мураккаб канора меҷӯяд, мекӯшад ҳарчи зудтар хонданро ба анҷом расонад.
- Музокира ва баҳсро дар бораи матни хондашуда дӯст намедорад.
- Ба дигарон гӯш намедиҳад ва ба фикрҳои онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунад.

***Мақсад**: хондан на барои дарк кардан, балки барои зудтар ба охир расонидани матн.*

Овеза (ёддошт)-и «Китобхони боғайрат ва китобхони беҳавсала» дар чанд сатҳ ба кор меояд:

- Хусусиятҳои маънавиро («бо дарки амиқ бихон», «исбот карда тавон») ба амалҳои фаҳмо табдил медиҳад, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда мебинанд ва мефаҳманд.
- Ба қисми муҳити таълим табдил меёбад, ки ҳатто деворҳо низ меомӯзонанд: Ёдрас мекунанд, ки «хонандаи тавоно» будан маънои ҷустуҷӯйи мафҳумҳо, муҳокима кардан ва наҳаросидан аз иштибоҳ дар шарҳ додани матнро дорад.

- Дар бораи комёбиҳо бе фишоровари ва расмият муҳокима меронад. Ин воситаи аёнӣ чӣ медиҳад? Он салоҳиятҳоро аз мафҳумҳои абстрактӣ ба нишондиҳандаҳои зинда табдил медиҳад, ки ҳар рӯз метавон истифода бурд.

**Хулоса**

Арзёбии салоҳиятҳои калидӣ аз он оғоз меёбад, ки ин салоҳиятҳо дар вазъияти таълимӣ ва муҳити омӯзиш ҷой ва шакл пайдо мекунанд. Унсурҳои сода, мисли овезаҳо идеяҳои мураккабро ба дастурамали фаҳмо табдил медиҳанд. Онҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки қадамҳои худро дарк кунанд ва омӯзгорон рушди онҳоро дида, дастгирӣ намоянд.

Маҳз чунин қадамҳои хурд, вале мақсаднок, муҳитро рушддиҳанда месозанд ва арзёбиро пурмазмун ва самаранок мегардонанд.

## *2. АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ: ШАКЛ ВА ВОСИТАҲО*

«Маҳорат дар омӯхтан» дар вазъияти воқеӣ чӣ маъно дорад? «Коммуникатсия (муошират)» дар ҷавоби шифоҳӣ чӣ гуна ба назар мерасад? «Эҷодкорӣ» дар кори лоиҳавӣ аз куҷо оғоз мешавад ва дар куҷо ба поён мерасад, ҳангоми кор бо матн ё дар навиштани иншо? Бе посух ба ин саволҳо, ҳатто воситаҳои технологии пешрафта маънои худро гум мекунанд.

*Варақаи санҷишӣ, варақаҳои мушоҳида, харитаҳои арзёбӣ ва рубрикаҳо* — инҳо танҳо «*когаз барои ҳисобот*» нестанд**.** Онҳо салоҳиятҳоро намоён ва муҳокимашаванда месозанд: барои омӯзгор, чизе, ки одатан аз назар меравад мушоҳида кунад, барои хонанда фаҳмад, ки кадом қадамҳо ӯро ба рушд мебаранд.

Ин воситаҳо муколамаи зиндаи педагогиро иваз намекунанд, баракс дар якҷоягӣ бо он кор мекунад, сифатҳои мураккабро соҳиб гашта, тафаккури интиқодӣ ё эҷодкориро ба амалҳои мушаххас табдил медиҳанд, ки метавон дид, муҳокима ва арзёбӣ намуд.

### *2.1. Тафаккури интиқодӣ: чӣ гуна метавон дид, арзёбӣ кард ва рушд дод*

Дидани зиддиятҳо ва номувофиқатӣ дар шарҳҳои маъмул, пай бурдани он, ки матн якчанд мазмунро дар бар гирифта, калимаҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ дошта, муаллиф барои мулоҳизаронӣ ҷой мегузорад. Дар ҳамин ҳол тафаккури интиқодии рушдёфта зоҳир мешавад. На хоҳиши баҳс кардан бо ҳар гуна андеша, балки дар маҳорати саволгузорӣ ба матн, ҷустуҷӯйи далелҳо ва фаҳмидани он, ки чаро як шарҳу тафсир метавонад амиқтар ё дақиқтар аз дигараш бошад.

Барои он ки ин маҳоратҳо воқеан рушд кунанд**,** муҳим аст, ки онҳо барои омӯзгор тавассути мушоҳида ва барои хонанда тавассути худбаҳодиҳӣ ва муҳокима аён гарданд**.**

**1. Шакли мушоҳида**

**Мақсад:** пай бурдани он, ки хонанда дар дарсҳои адабиёт ва забон чӣ тавр унсурҳои тафаккури интиқодиро зоҳир карда, савол мегузорад, маъниро дақиқ мекунад, тазодҳоро меҷӯяд, хулоса мебарорад.

| Пайдошавии малкаву маҳорат | Ҳа/Не | Намуна |
|---|---|---|
| 1. **Савол мегузорад:** нуктаҳои нофаҳморо дар матн дақиқ мекунад, ба мақсади муаллиф ё рафтори қаҳрамон таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. | | |
| 2. **Муқоиса мекунад:** фарқият ё монандиҳоро дар миёни қаҳрамонҳо, вазъиятҳо ва нуқтаи назарҳо мебинад. | | |
| 3. **Зиддият меёбад:** дар рафтори қаҳрамонҳо, андешаҳои муаллиф, муқоиса ва мухолифатҳои матн. | | |
| 4. **Далел меорад:** фикри худро дар асоси матн, иқтибос ва мазмуни асар шарҳ медиҳад. | | |
| 5. **Хулоса мебарорад:** бардошти худро аз матн баён мекунад ва мефаҳмонад, ки дар ин ҳикоя чиро муҳим мешуморад. | | |

**Таҳлили методӣ: чӣ гуна бо шакли мушоҳида метавон кор кард**

Ба ҷадвал нигаред: он ҳамчун як занҷираи тафаккури интиқодӣ сохта шудааст, аз саволгузорӣ то муқоиса, ошкор кардани зиддиятҳо, далеловарӣ ва дар ниҳоят хулоса кардан.

Муҳим фаҳмидани он аст, ки ҳар як ҳалқаи ин занҷир метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад:

- **Дар забон** – тавассути саволҳо дар бораи маънои калимаҳо, қоидаҳо ва мантиқи шаклҳои забонӣ.
- **Дар адабиёт** – тавассути саволҳо дар бораи нияту мақсадҳои қаҳрамонҳо, андешаҳои муаллиф ва зермазмуни матн.
- **Дар далеловарӣ** – шакли алоҳида: хонанда ба чиҳо такя мекунад (иқтибосҳо, мисолҳо, мазмуни асар).
- **Барои хулосабарорӣ** – мушоҳида кардани на танҳо мавҷудияти хулосаҳои хонандагон, балки дарки амиқи матн аз ҷониби онҳо.

Ҳоло мо ин корро махсус анҷом намедиҳем – то маводи таълимиро бо воситаҳои зиёдатӣ бор накунем. Аммо муҳим аст, дарк кунем, ки ҳар як унсури занҷирро метавон ба шакли мушоҳида ё рубрикаи алоҳида табдил диҳем.

*Истифодаи рубрика, ин воситаи сатҳи дигар аст.* Онҳо барои мушоҳидаи одӣ нестанд, балки барои дидан ва арзёбӣ намудани сатҳҳои зуҳури маҳорат аз мудати кутоҳтарин то пешрафт мебошанд, ки дар бораи инҳо дертар суҳбат мекунем.

Шаклҳои мушоҳида, на танҳо барои омӯзгор муҳим аст. Маҳз аз ҳамин сабаб қадами навбатӣ варақаи санҷишӣ барои хонандагон аст, ки бо ҳамин мантиқ таҳия шудааст. Он ба хонандагон кумак мекунад, ки раванди андешаронии худро оинасон бинанд ва он барои худбаҳодиҳӣ, арзёбии ҳамдигар ва муҳокима дар синф асос мешавад,.

**2. Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ: «Чӣ гуна ман – интиқодӣ фикр кардам?»**

*Он чиро, ки дар дарс анҷом додед аломат гузоред. Агар хоҳед – намуна илова намоед.*

| **Ман интиқодӣ фикр мекардам, вақте ки...** | Ҳа | Мехоҳам санҷам | Масалан |
|---|---|---|---|
| **Савол мегузошт:** кӯшиш мекард фаҳмад, ки чаро қаҳрамон чунин рафтор кард ё мақсади муаллиф аз чӣ иборат буд. | | | |
| **Маълумотро муқоиса мекард:** пай мебурд, ки қаҳрамонҳо, матнҳо ё андешаҳои ҳамсинфон чӣ монандӣ ё фарқ доранд. | | | |
| **Номувофиқатиро меёфт:** зиддиятҳоро дар рафтори қаҳрамонҳо, дар матн ё дар андешаҳои гуногун мушоҳида мекард. | | | |
| **Посухи худро шарҳ медод:** иқтибосҳо, мисолҳо аз матн меовард, то фикри худро исбот кунад. | | | |
| **Хулоса мебаровард:** баён мекард, ки аз ин ҳикоя чӣ фаҳмид ва он ба ӯ чӣ омӯхт. | | | |

***Чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст:***

**Таввачуҳ намо:**

- Баъди дарс пурра кунед: аз уҳдаи иҷрои чӣ баромадӣ ва чиро дафъаи дигар санҷидан мехоҳӣ.
- Бо ҳамсинфатон муҳокима кунед: ҷавобҳоро муқоиса кунед ва бо мисолҳо мубодила намоед.
- Як банди дигар илова кунед: **боз** чиҳо барои бо интиқод фикр рондан ёрӣ мерасонанд?

**Шарҳи методӣ барои омӯзгор**

- Муҳокимаи варақаи санҷишӣ дар дунафараҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки амалҳои худро дарк кунанд ва ба ҳамдигар додани бознигариро омӯзанд.
- Пешниҳоди «илова кардани ақидаи шахсӣ» маърифатро рушд медиҳад – хонандагон тавсиф медиҳанд, ки «тафаккури интиқодӣ» барои онҳо чӣ аҳамият дорад.

**Муҳиммӣ**: варақаи санҷиширо ҳамчун воситаи арзёбии расмӣ истифода набаред, балки ҳамчун воситаи гуфтугӯ ва таҳлили муштарак истифода кунед.

Ба ҳар ҳол, варақаи санҷишӣро метавон на танҳо барои худбаҳодиҳӣ, балки барои мавзуи мушаххаси дарс низ таҳия кард.

Ин гуна воситаҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки пайдарпайии амалҳоро нигоҳ доранд ва ба омӯзгор то бубинад, хонандагон чӣ гуна маводро таҳлил мекунанд.

**3. Варақаи санҷишӣ барои супориши мушаххас аз фанни адабиёти тоҷик**

***Мавзуъ:*** Калимаҳо ва ибораҳои ёрирасон – синфи 8

***Мақсад:*** Дарки он, ки чӣ гуна калима ва ифодаҳо ба алоқаманд кардани андешаҳо ёрӣ мерасонанд ва матнро фаҳмову шавқовар мегардонанд.

| Корҳое, ки бояд анҷом дода шаванд | Қайд кардан (✓) |
|---|---|
| 1. Матнро пурра хонед ва ба зери калимаҳое, ки ҷумлаҳоро ба ҳам мепайванданд ва мазмуни онҳоро дақиқтар мекунанд, хат кашед. | |
| 2. Андеша кунед, ки матни мазкурро кӣ навиштааст ва он дар кадом вақту замон эҷод шудааст. | |
| 3. Фикри асосиро (ё 2–3 ғояи муҳимро) муайян намоед. | |
| 4. Калима ё ифодаҳоеро пайдо кунед, ки андеша, эҳсосот ё дақиқсозии муаллифро нишон медиҳанд. | |
| 5. 1–2 ифодаеро ишора кунед, ки дар матнҳои дигар онҳоро дучор шудан мумкин аст. | |
| 6. Муқоиса кунед: чӣ гуна ин калимаҳо дар ин ҷо ё масалан, дар китобҳои дарсӣ/матнҳои дигар истифода шудаанд | |
| 7. Хулоса бароред: чӣ гуна ин калимаҳо нутқро алоқанок ва ифоданок мекунанд. | |

Ҳамин тавр, варақаи санҷишӣ метавонанд ҳам умумӣ бошанд ва ҳам махсус барои вазифаҳои мушаххаси дарс «танзим» шаванд — ҳарду шакл равандҳои фикриро нишон медиҳанд.

**Шарҳи методӣ**

Чунин варақаи санҷишӣ (чек-лист ) ба хонанда кумак мекунад, ки сохтори корро нигоҳ дорад (ӯ дар иҷрои супориш «раҳгум намезанад») ва тафаккури интиқодиашро рушд диҳад — яъне, маҳорати муқоиса кардани матнҳо, пай бурдани зиддиятҳо, ёфтани робитаҳои маъноӣ ва баровардани хулосаҳо.

Онро метавон дар дарс, ҳангоми кори дунафарӣ ё ҳамчун вазифаи хонагӣ истифода бурд. Варақаҳои санҷиширо бо вазифаҳои гуногун мутобиқ кардан осон аст: таҳлили матни бадеӣ, омодагӣ ба ҷавоби шифоҳӣ ё навиштани иншо. Варақа онҳоро ба воситаи универсалӣ барои дарсҳои забон ва адабиёт табдил медиҳад.

4. **Рубрика (харитаи сатҳҳо)**

*Рубрика — ин «зинаи намоёни рушди маҳорат» аст.* Ин восита кумак мекунад, бубинем, ки маҳорат аз ибтидоӣ то сатҳи баланд дар кадом сатҳ зоҳир мешавад. Рубрика меъёрҳоро барои омӯзгор ва хонанда равшан месозад. Ба шарофати он, метавон динамикаи рушди хонандаро мушоҳида кард ва қадамҳои мушаххасро барои пешрафти минбаъда муҳокима намуд, махсусан дар ҳолатҳое, ки арзёбӣ кардани маҳорати андешаронӣ, далеловарӣ ва ифодаи дақиқи фикрҳо муҳим аст.

Рубрикаҳо метавонанд гуногун бошанд: баъзеашон як маҳоратро пурра тавсиф (маҷмуи малакаҳо) ва баъзеи дигарашон як унсури муҳимро арзёбӣ мекунанд. Биёед аз як мисоли сода оғоз кунем: чӣ гуна хонанда далел меорад.

**Рубрика: Сохтани далел**

| Зина | Хонанда чӣ гуна далел месозад |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | Андешаи шахсиро бе асос мефаҳмонад («ман ҳамин тавр фикр мекунам», «дар матн ҳамин хел навишта шудааст»), намефаҳмонад, ки чаро ин дуруст аст |
| **Асосӣ** | Як изҳоротро мефаҳмонад ва *як далели сода* (намуна ё мисол) меорад, вале шарҳ намедиҳад, ки чаро онро интихоб кард. |
| **Пешрафта** | Андешаи худро бо якчанд намуна аз матн тақвият медиҳад ва мефаҳмонад, ки ин мисолҳо чӣ гуна мақсади муаллифро ошкор мекунанд. |
| **Баланд** | Далели қатъии муфассал меорад: фишурдаи матнро баён мекунад, ба матн, мазмуни он, сабки муаллиф пайваста такя мекунад, далелҳоро ба таври мантиқӣ мепайвандад ва хулоса мебарорад. |

**Шарҳи методӣ**

Ин рубрика дар ҳолате муфид аст, ки лозим аст ба рушди як маҳорати мушаххас диққат дода шавад. Он ба омӯзгор кумак мекунад, зуд фаҳмад, ки хонанда танҳо андешаи шахсиро баён мекунад, ё метавонад онро бо фактҳо ва мантиқ асоснок намояд.

Рубрика метавонад барои ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ ва худбаҳодиҳии хонандагон истифода шавад (масалан: «То чӣ андоза ман тавонистам андешаи худро асоснок кунам?»).

**Рубрика: Харитаи сатҳҳои тафаккури интиқодӣ**

Тафаккури интиқодӣ — ин танҳо як малака нест, балки маҷмуи маҳоратҳоест, ки ба таври муштарак амал карда, якдигарро тақвият мебахшанд.

Рубрикаи дар поён овардашуда кумак мекунад, ки ин параметрҳоро дар динамика аз сатҳи ибтидоӣ то сатҳи пешрафта бубинем.

Он ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда.раванди рушди тафаккурро намоён ва фаҳмо месозад . Ин намуна метавонад бо нишондиҳандаҳои дигар низ пурра карда шавад, масалан, маҳорати кор бо фарзияҳо, зиддиятҳо ё таҳлили сарчашмаҳо.

| Нишондиҳанда | Сатҳи ибтидоӣ | Сатҳи асосӣ | Сатҳи пешрафта | Сатҳи баланд |
|---|---|---|---|---|
| **Муқоисаи иттилоот** | Ба фарқиятҳои манбаъҳо аҳамият намедиҳад; танҳо як манбаъро истифода мебарад | Фактҳои алоҳидаро муқоиса мекунад, аммо бе таҳлили амиқ | Манбаъҳоро (харита, матн, андешаҳо) ба таври системавӣ муқоиса мекунад; фарқият ва монандиҳоро муайян месозад | Манбаъҳоро таҳлил мекунад, сабабҳои фарқиятҳоро шарҳ медиҳад, хулосаҳои асоснок меорад |
| **Саволҳои пешниҳодшуда** | Савол намедиҳад; матнро сатҳӣ дарк мекунад. | Саволҳои сода медиҳад («Кӣ аст?», «Чӣ воқеа шуд?») | Саволҳое омода мекунад, ки барои фаҳмидани мақсаду ғоя ва сабку услуби муаллиф ёрӣ мерасонанд. | Саволҳое мегузорад, ки хусусияти таҳқиқӣ дошта, берун аз чаҳорчӯбаи матн ҳастанд (дар бораи мазмун, замон, мавқеи муаллиф) . |
| **Муҳокимаи мавқеъ** | Бе шарҳ ҷавоб медиҳад; «чӣ тавре навишта шудааст…» ё «чӣ тавре гуфтанд…» | Ба таври сода шарҳ медиҳад (дар асоси далелҳо равшан) | Мавқеи худро бо мисол ва маълумотҳо аз манбаъҳо асоснок мекунад | Далелҳоро бо такя ба якчанд манбаъ месозад, занҷираи мантиқии исботро ташкил медиҳад |
| **Хулоса ва ҷамъбаст** | Хулосаҳо намебарорад, танҳо мазмунро нақл мекунад. | Сатҳӣ хулоса мекунад (бе таҳлили сабабҳо) | Хулосаҳои шахсиро дар асоси таҳлили иттилоот баён мекунад | Умумисозии амиқ мекунад, маълумоти гуногунро мепайвандад, ғояҳои дурнамодор пешниҳод мекунад |

**Шарҳи методӣ**

Ин рубрика вақте муфид аст, ки тафаккури интиқодӣ ҳамчун як малакаи комил зоҳир шавад. Рубрикаи мазкур барои қайд кардани он ёрӣ мерасонад, ки хонанда чӣ гуна бо матн кор мекунад, оё нуқтаҳои назарҳоро мушоҳида менамояд, оё саволҳои амиқ доир ба мазмун медиҳад, оё андешаи худро асоснок карда метавонад, хулосаҳо пешниҳод менамояд.

**Рубрикаро метавон бо роҳҳои гуногун истифода кард:**

- **Барои мушоҳида дар дарс:** қайд кардан, ки чӣ гуна хонандагон андеша мекунанд, савол медиҳанд, фикри худро баён ва асоснок мекунан
- **Барои муҳокима:** ба хонандагон «зинаи рушд»-ро нишон додан, то онҳо фаҳманд, ки байни нақли одӣ ва фаҳмиши мустақили матн фарқ дар чист.
- **Барои худбаҳодиҳӣ**: ба хонандагон имконият додан, ки худашон муайян кунанд, ки дар кадом сатҳ қарор доранд ва муҳокима намоянд, ки чӣ ба онҳо кумак мекунад, то ҷавоб ё иншои худро амиқтар ва дақиқтар созанд.

**Муҳим:** Рубрика барои гузоштани баҳо нест, балки барои фаҳмидани он аст, ки тафаккур чӣ гуна рушд мекунад ва чӣ гуна метавон қадами навбатиро гузошт.

**5. Саволҳои рефлексивӣ**

Рефлексия лаҳзаест, ки хонанда дарк мекунад, ки чӣ кор кард, чӣ омӯхт ва чӣ чизро метавонад беҳтар кунад. Саволҳои сода пас аз иҷрои супориш ё дарс ба хонанда кумак мекунанд, ки кори худро аз берун бинад. Ин гуна восита на танҳо тафаккури интиқодӣ, балки маҳорати омӯзишро низ рушд медиҳад, зеро хонанда на танҳо натиҷа, балки раванди хониш, навишт ва таҳлили матнро низ мушоҳида мекунад.

**Намунаи саволҳои рефлексивӣ:**

- Чӣ чизи навро ҳангоми муқоисаи рафтор ва хислати қаҳрамонҳо пай бурдам?
- Ба матн чӣ гуна саволҳо гузоштам ва онҳо ба ман дар фаҳмидани чӣ кумак карданд?
- Дар куҷо номувофиқатиро пай бурдам ва чӣ гуна онҳоро шарҳ додам?
- Чӣ таҳлил ё иншои имрӯзаи маро беҳтар аз пештар кард?
- Дар бораи қаҳрамонҳо, забон ё ғояи асар чиро фаҳмидам, ки қаблан пай набурда будам?

**Шарҳи методӣ**

Саволҳои рефлексивиро дар анҷоми дарс ҳангоми муҳокимаи матн, пас аз навиштани иншо ё таҳлили асар додан беҳтар аст. Онҳо барои мустаҳкам кардани маҳоратҳои нав кумак карда, маҳорати мутолиаи амиқ, додани саволҳо ва баён кардани андешаи шахсиро рушд медиҳанд.

Муҳим аст: рӯйхати саволҳо якранг зарур нест. Онро мувофиқи мавзуъ ва супоришҳои мушаххас метавон васеъ ё тағйир дод, бо ҷалби худи хонандагон ба таҳияи «саволҳои хонанда» ё «саволҳо ба муаллиф».

**6. Ёддошт ва овезаю лавҳаҳо**

<table>
<tr><th colspan="2">ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ<br>*Савол диҳед – Зиддиятро ёбед – Санҷед*</th></tr>
<tr><td>ШАХСЕ, КИ АВВАЛ АНДЕША МЕКУНАД</td><td>ШАХСЕ, КИ БАРОИ ФИКР КАРДАН ҒАЙРАТЕ НАДОРАД</td></tr>
<tr><td>• **Бодиққат мутолиа мекунад**: на танҳо сюжети асосиро, балки зерматн, оҳанги гуфтор ва интихоби калимаҳоро меҷӯяд.<br>• **Савол медиҳад**: Чаро қаҳрамон чунин гуфт? Барои чӣ муаллиф ин калимаро интихоб кард?<br>• **Худро месанҷад**: далелҳоро дар матн меҷӯяд, дақиқ мекунад, ки кадомаш ҳақиқат асту кадомаш фарзия аст.<br>• **Андешаҳояшро дақиқ баён мекунад**: мисолҳо меорад, шарҳ медиҳад, ки чаро чунин андеша дорад.<br>• **Қадри суханро медонад**: баҳси беҳуда намекунад, меҷӯяд, ки куҷо ҳақиқат асту куҷо ногуфтаҳо ҳаст<br>• **Ба дигарон гӯш мекунад**: медонад, ки мазмуни матнро метавон ба роҳҳои гуногун дарк кард.</td><td>• Гумон мекунад, ки **асос** танҳо **нақли матн** аст.<br>• Зуд, **бе дарки маъно** мехонад, гумон мекунад, ки бе ин ҳам ҳама чиз фаҳмо аст.<br>• **Ба ҳама чӣ бовар мекунад,** «дар китоб ҳамин тавр навишта шудааст», «дар матн ҳамин гуна омадааст».<br>• **Бисёр, вале норавшан** мегӯяд ва аз умумигӯӣ мекунад: «шояд», «ана ҳамин гуна».<br>• Ё **баҳси беҳуда** мекунад ё **хомӯшӣ** ихтиёр менамояд, то иштибоҳе накунад.<br>• Андешаҳои дигаронро ба эътибор намегирад: муҳокима кардан намехоҳад.</td></tr>
<tr><td colspan="2">***Калимаҳо бештар аз он чӣ, ки ба назар мерасад, метавонанд пинҳон кунанд. Хондан, яъне андеша кардан аст.***</td></tr>
</table>

**Барои чӣ ин ёддошт лозим аст?**

Ин овезаро метавон барои ороиши синф ва ҳамчун маводи тақсимотӣ барои хонандагон истифода бурд, дар ҳар ду ҳолат он ҳамчун воситаи рушди тафаккур, нутқ ва дарки маъно ба кор меравад.

Он кумак мекунад, ки тафаккури интиқодӣ аз як маҳорати абстрактӣ ба маҷмуи амалҳои мушаххас табдил ёбад — амалҳое, ки ҳам омӯзгор мебинад ва ҳам хонанда.

Ин як воситаи «нарми» арзёбӣ аст, на барои баҳогузорӣ, балки барои дидани он, ки чӣ гуна хонанда меандешад, сухан меронад ва ҳамроҳаш якҷоя муҳокима кардан аст.

**Чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст:**

- Дар ҷои намоён овезон кардан — то ба хонандагон меъёрҳоро ёдрас кунад
- Ҳамчун нуқтаи муҳокима**:** «Шумо имрӯз ҳангоми навиштани иншо ё таҳлили матн дар паҳлуи кӣ будед, дар назди шахсе, ки андешаҳояш қавӣ ё заиф аст?»
- Дар рефлексия истифода бурдан: хонандагон худ қайд кунанд**,** ки кадоме аз қадамҳои «қавӣ»-ро ҳангоми хониш, навиштан ё муҳокимаи матн анҷом доданд

Дар маҷмуъ**,** ёддошт идеяҳои мураккабро ба **роҳнамоҳои сода ва фаҳмо** табдил медиҳад ва онҳоро қисми **муҳити таълим** месозад. Он рушди тафаккури интиқодиро тавассути калима, матн ва нутқ дастгирӣ карда, барои ташкили фазои синф мусоидат мекунад, ки дар он хониш бо дарки маъно, гуфтори дуруст ва андешаи равшан арзиши умумӣ маҳсуб меёбанд.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳои арзёбии салоҳият: Тафаккури интиқодӣ**

| Ном | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| **Варақаи мушоҳида** | Ҷадвал бо рӯйхати **амалҳои мушоҳидашаванда** (ба матн савол медиҳад, зиддиятҳоро меҷӯяд, андешаҳоро муқоиса мекунад, маънои калимаҳоро дақиқ месозад ва ғ.) | **Барои омӯзгор:** дидани он, ки хонанда чӣ тавр малакаҳои забонӣ ва нутқи худро ҳангоми таҳлили матн ва тартиб додани далелҳо истифода мебарад. |
| **Варақаи санҷишӣ барои хонандагон** | **Рӯйхати амалҳои мушаххас** дар қолаби «Ман…», ки хонанда пас аз хондан, навиштан ва муҳокима қайд мекунад. | Барои **худбаҳодиҳӣ**; Кумак мекунад фаҳмем, ки хонанда чӣ тавр мутолиа кардааст, андеша рондааст ва мулоҳизаҳояшро баён намудааст; мумкин аст дар ҷуфт ё гурӯҳ истифода шавад. |
| **Варақаи санҷишӣ барои супоришҳои мушаххас** | **Рӯйхати фаъолиятҳои қадам ба қадам** ё меъёрҳо барои иҷрои супориши мушаххас (масалан, таҳлили лаҳзаҳои асар, кор бо матн, муқоисаи фаъолиятҳои нутқ) | Барои **коркарди марҳила ба марҳила**: ба хонандагон кумак мекунад, ки сохтор ва талаботи супоришро нигоҳ доранд |
| **Рубрикаи як маҳорат** | **«Зинаи рушд»** барои як маҳорат (масалан, чӣ гуна далел овардан ё ба матн савол гузоштан) аз сатҳи ибтидоӣ то баланд | **Барои арзёбии дақиқ**: муҳокимаи маҳорати мушаххас, инчунин барои рушди минбаъдаи хонанда. |
| **Рубрикаи мукаммал** | **Харитаи муфассали сатҳҳо**, ки якчанд маҳоратҳои марбутро тавсиф мекунад (таҳлил, далеловарӣ, хулосабарорӣ…) | Барои **арзёбии маҷмуии** инкишофи нутқ ва банақшагирии кор бо забон ва дарки матн |
| **Саволҳои рефлексивӣ** | Гирдоварии саволҳо барои **таҳлили фаъолиятҳои худ** пас аз хониш, навиштан ва муҳокима | Барои **дарки раванд:** ба хонанда дар фаҳмидани он кумак мерасонад, ки чӣ гуна фикр мекард ва чиро омӯхт. |
| **Ёдошт / Овеза** | **Роҳнамоҳои намоён:** нишонаҳои «шахсе, ки фикри «қавӣ» ё «заиф» дорад, ба амалҳои фаҳмо табдилёфта | Барои **худбаҳодиҳӣ, муҳокима ва ташаккули фарҳанги фикрронӣ** ва далеловарӣ дар дарс |

***2.2. Тафаккури эҷодӣ: чӣ гуна онро метавон дид, арзёбӣ кард ва рушд дод***

«**Эҷодкорӣ** — ин амиқ кофтан, бо диққат нигаристан, ислоҳи ғалатҳо, бо гурба суҳбат кардан, ғӯта ба умқ задан, гузаштан аз деворҳо, тобон кардани офтоб, сохтани қасрҳо дар рег, истиқболи оянда». *(П. Торренс)*

Ин суханон рамзӣ гуфта шуда бошанд ҳам, вале моҳиятро хеле дақиқ инъикос мекунанд: эҷодкорӣ — маҳорати бештар дидан нисбат ба он мазмунест, ки дар сатҳи матн қарор дорад ё назар ба шарҳи маъмулии он, озмудани он чизҳое, ки ба назари дигарон ғайриимкон менамоянд.

**Эҷодкорӣ ё тафаккури эҷодӣ** — равандест, ки барои пайдо кардани мазмунҳои нав, эҷод кардани идеяҳои асил, мушоҳидаи алоқаи ғайриодии калима ва рӯйдодҳо ёрӣ мерасонад. Ин маҳорати дидани забон, матн ва ҷаҳон дар партави нав аст, пайвастани чизҳои одӣ дар шаклҳои ғайриодӣ.

**Эҷодкорӣ** мафҳуми васеъ аст: он тавонмандии эҷодии инсонро дар бар мегирад, ки на танҳо дар тафаккур, балки дар нутқ, тахайюлот, тарзҳои баёну ифода ва бунёди маънӣ зоҳир мешавад.

Барои рушд додан ва арзёбии ин малака, донистани таркиби он муҳим аст чӣ тафаккурро воқеан эҷодӣ месозад, чӣ гуна «навоварӣ» дар калима, матн ва нутқи хонанда аён мешавад. Танҳо дар ин сурат метавон воситаҳои самараноки мушоҳида, арзёбӣ ва рушди эҷодкориро дар дарсҳои забон ва адабиёт бунёд кард.

**Тавсифи тафаккури эҷодӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Чӣ гуна зоҳир мешавад |
|---|---|
| **Ҳассосият ба мушкилот** | • Ихтилофот, тазодҳоро дар матн мушоҳида мекунад, саволҳои ғайриодӣ медиҳад; мавзуъро дақиқ мекунад ва ғояи асарро ба тарзи худ баён менамояд. |
| **Зуд фикр кардан (тезкорӣ)** | • Якчанд тафсир ё ғояҳо пешниҳод мекунад; зуд гунаҳои сарлавҳаҳо, образҳо ва воситаҳои ифодаи бадеиро мeёбад. |
| **Тағйирпазирӣ** | • Самти мушоҳидаро иваз мекунад, роҳҳои гуногуни тафсирро меозмояд; далелҳоро муқоиса мекунад ва шаклҳои гуногуни нутқро истифода мебарад. |
| **Мутобиқшавӣ** | • Матнҳо, мушоҳидаҳо ва тасаввуроти фарҳангиро ба ҳам мепайвандад; ғояҳоро аз асарҳо ё вазъиятҳои дигар ба мазмуни нав мегузаронад. |
| **Асолат** | • Муқоисаҳои ғайриодӣ, истиораву маҷоз ва образҳои нав эҷод мекунад; дар иншо, эссе ё муҳокима ифодаҳои таъсирбахш ва ғояҳои ғайриқолабиро истифода мебарад. |
| **Мустақилият** | • Нуқтаи назари худро нисбат ба матн ё забони муаллиф ҳимоя мекунад; онро бо далел асоснок мекунад ва ҳамзамон барои муколама омода мешавад. |

Ин нишондиҳандаҳо танҳо тавсифи назариявӣ нестанд. Онҳо кумак мекунанд, ки эҷодкорӣ ҳамчун маҷмуи амалҳои мушаххас ва мушоҳидашаванда ба назар расанд.

Маҳз дар асоси ҳамин нишондиҳандаҳо, воситаҳои зерин: шакли мушоҳида барои омӯзгор ва оина варақаи санҷишӣ барои хонанда таҳия шудаанд.

Аз ҷиҳати сохтор, онҳо ба он воситаҳое монанданд, ки мо аллакай барои тафаккури интиқодӣ истифода бурдем, барои омӯзгор осон аст, ки онҳоро азхуд кунад ва ба дарсҳо ворид намояд. Аммо акнун онҳо махсус барои хусусиятҳои тафаккури эҷодӣ танзим шудаанд, ки ин онҳоро барои мушоҳида, муҳокима ва худбаҳодиҳӣ хеле мувофиқ месозад.

**1. Варақаи мушоҳида**

**Мақсад:** мушоҳида кардан, ки хонанда дар дарс тафаккури эҷодиро чӣ гуна нишон медиҳад: мушкилоти навро мебинад, идеяҳо эҷод мекунад, тағйирпазирӣ ва аслӣ буданро нишон медиҳад?

| Пайдо шудани маҳорат | Ҳа/Не | Мисол |
|---|---|---|
| • **Мушоҳида мекунад ва мушкилотро баён мекунад**: саволҳо, зиддиятҳо ё маъниҳои пинҳониро мебинад, ки дигарон пай набурдаанд. | | |
| • **Идеяҳо эҷод мекунад**: чанд роҳ пешниҳод мекунад, ки фикри асосии матнро бо калимаҳо, мисолҳо, иқтибосҳо ё тасвирҳо баён кунад. | | |
| • **Маълумотро якҷоя мекунад**: маводро бо матнҳои гуногун, мушоҳидаҳои зиндагӣ, намунаҳои фарҳангӣ ё забонӣ мепайвандад. | | |
| • **Тавсифу маҷозҳоро истифода мебарад**: фикрро тавассути муқоисаҳо, калимаҳои таъсирбахш ё ҳикояҳои кӯтоҳ мерасонад. | | |
| • **Равишҳои ғайриодиро пешниҳод мекунад**: роҳи ғайрианъанавии таҳлил, навиштани иншо ё ҷавоби шифоҳиро меёбад. | | |
| • **Андешаҳои худро такмил медиҳад**: ба фикри худ бармегардад, онро дақиқтар ва равшантар мекунад, сохтори матнро беҳтар месозад. | | |
| • **Андешаҳои дигаронро инкишоф медиҳад**: пешниҳодҳои ҳамсинфонро илова мекунад ё аз нав фикр мекунад, то онҳоро ҷолибтар гардонад. | | |

2. **Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ: «Чӣ гуна ман эҷодкорӣ нишон додам?»**

*Он корҳоеро, ки дар дарс анҷом додед бо аломат (✓) ишора кунед. Агар хоҳед — намунаҳо илова намоед.*

| Ман вақте эҷодкорона фикр мекардам, ки… | Ҳа | Мехоҳам санҷам | Намуна |
|---|---|---|---|
| 1. **Саволе ё мушкилоти аҷоиб** ёфтам, ки пештар дар борааш касе фикр намекард. | | | |
| 2. **Якчанд идеяи гуногун пешниҳод кардам**, дар фикри авалла наистодам | | | |
| 3. Маълумотро аз **манбаъҳои гуногун** (матн, мисолҳои ҳаётӣ, мушоҳида, иқтибос) **алоқаманд кардам**. | | | |
| 4. Андешаамро ба воситаи тасвир, муқоиса ва ташбеҳ **фаҳмондам.** | | | |
| 5. **Роҳи ғайриодии** иҷрои супориш ё пешниҳоди натиҷаро фикр кардам | | | |
| 6. **Идеяи худро пешниҳод** ва **такмил** додам, онро равшану возеҳтар кардам | | | |
| 7. Андешаи ҳамсинфамро **пурра карда, такмил додам.** | | | |

**Андеша кунед:**

- Кадом идеяи ман шавқовар ва ғайриодӣ буд?
- Дигаронро гӯш карда, чӣ чизи нав омӯхтам?
- Дафъаи дигар чиро мехоҳам санҷам?

**Шарҳи методӣ**

Ин воситаҳо кумак мекунанд, ки *тафаккури эҷодӣ— ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда аён гардад***.** Онҳо нишон медиҳанд, ки хонанда на танҳо супоришро иҷро мекунад, балки чӣ гуна маҳз бо калима, тасвир ва идея кор мекунад,

**Чӣ гуна бо варақаи мушоҳида бояд кор кард:**

- Ҳангоми муҳокима, навиштани иншо, таҳлили матн ё кори лоиҳавӣ истифода баред, зоҳиршавии мушаххаси эҷодкориро қайд кунед.
- Кӯшиш накунед, ки ҳамаи бандҳоро якбора пур кунед: 2–3 меъёри калидиро интихоб намоед, ки дар марҳилаи ҳозира муҳимманд.
- Якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед, нишон диҳед, ки кадом амалро ҳамчун равиши эҷодкорӣ ҳисоб кардед: тасвири аҷиб, тафсири ғайриодӣ, калима ё услуби нав.

**Чӣ гуна бо варақаи санҷишӣ кор кардан:**

- Онро дар охири супориш пешниҳод кунед, хонандагон амалҳои худро қайд мекунанд ва мисолҳоро дар корҳои ҷуфтӣ ё гурӯҳӣ табодул мекунанд
- Онро ҳамчун воситаи пайгирии рушд истифода карда, ба он баъдтар баргардед, то тағйиротро дар тафаккури эҷодӣ ва нутқи ифоданок мушоҳида кунед.
- Ба хонандагони синфҳои болоӣ пешниҳод кунед, ки варақаи санҷиширо пур кунанд, ин сатҳи маърифатнокӣ, ҳисси забономӯзӣ ва масъулиятро барои сифати ифодаи фикр рушд медиҳад.

**3. Варақаи санҷишӣ барои супориши мушаххас**

***Мавзуъ*:** Мазмуни достони «Қишлоқи тиллоӣ»-и Мирсаид Миршакар

**Мақсад:** Эҷод кардани роҳҳои ғайрианъанавии фаҳмондани сюжети адабӣ ва маънои он.

**Супориш:** Биядешед, ки чӣ гуна сужети **достони «Қишлоқи тиллоӣ»**-и Мирсаид Миршакарро тавассути **аналогия** (муқоиса бо чизи шинос, вазъияти зиндагӣ) ва **бозӣ** (масалан, кортҳо бо қаҳрамонон ва амалҳои онҳо, бозии «баъд чӣ шуд?») фаҳмондан мумкин аст.

☑ **Варақаи санҷишӣ: Чӣ гуна ман сужети достонро эҷодкорона фаҳмондам**

| Чӣ кор кардам? | Ҳа | Не | Қисман |
|---|---|---|---|
| 1. Шеърро хонда, рӯйдодҳои асосиро ҷудо кардам. | | | |
| 2. Андешидам, ки чӣ гуна шарҳро барои ҳамсинфон шавқовару фаҳмо созам. | | | |
| 3. Роҳи эҷодии шарҳдиҳиро фикр кардам (қиёс, бозӣ, тасвир). | | | |
| 4. Калимаҳои равшан, тасвир ва мисолҳои ҷолиброро истифода бурдам. | | | |
| 5. Ба дигарон кумак кардам, то эҳсосот ва маънии шеърро дарк кунанд. | | | |
| 6. Санҷидам: оё барои шунаванда ё бинандаи шарҳҳо ҳама чиз фаҳмо аст. | | | |
| 7. Андешидам, ки кадом қисм беҳтар шуд ва чӣ чизро метавон беҳтар кард. | | | |

**Рефлексия:**

- Кадом идеяи ман ҷолибтарин буд?
- Чӣ ба ман кумак кард, ки фаҳмондани мавзуъ фаҳмотар шавад?
- Чиро мехоҳам дафъаи дигар беҳтар кунам?

Ин варақаи санҷишӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки на танҳо мазмуни достонро нақл кунанд, балки онро ба таври эҷодӣ бозбинӣ ва роҳҳои нави баён кардани сюжету маъниро ҷустуҷӯ кунанд. Барои омӯзгор ин воситаи қулайи нишондиҳандаи он аст, ки эҷодкорӣ дар нутқ, забон ва фаҳмиши матн чӣ гуна зоҳир мешавад.

**Шарҳи методӣ**

**Чӣ гуна бояд истифода бурд:**

- Пеш аз оғози кор онро ба хонандагон пешниҳод кунед, то онҳо меъёрҳои иҷрои муваффақро дарк кунанд.
- Ҳангоми иҷрои супориш — барои санҷиши миёнаи идея ва равандҳо истифода баред
- Дар охири дарс худбаҳодиҳӣ ва муҳокимаи гурӯҳӣ пешниҳод кунед: ба чӣ муваффақ шудед ва чӣ чизро метавон такмил дод.

**4. Рубрика: Зинаи рушди тафаккури эҷодӣ**

**Мақсад:** дидани он, ки хонанда чӣ гуна эҷодкориро дар кор бо матн, дар нутқаш, андешаҳояш нишон медиҳад ва дар кадом самт бояд пеш равад.

| Сатҳ | Зуҳури эҷодкорӣ |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | – Вазифаро сатҳӣ мефаҳмад, саволҳои аниқкунанда доир ба мавзуъ ва матн намедиҳад<br>– Танҳо як идея, аксаран стандартӣ пешниҳод мекунад<br>– Ба як тарзи ифодаи фикр такя мекунад, фикрашро тағйир намедиҳад |
| **Асосӣ** | – Метавонад якчанд идея пешниҳод кунад, баъзан аз тасвирҳо ё муқоиса истифода мебарад<br>– Кӯшиш мекунад гунаҳои дигари баён кардани фикрро пешниҳод кунад<br>– Мавқеи худро эҳтиёткорона гуфта, баён кардани андешаи шахсиашро меомӯзад |
| **Пешрафта** | – Ба таври системавӣ якчанд идеяҳои гуногун ва муносибатҳоро ба матн эҷод мекунад.<br>– Маълумотро аз манбаъҳои гуногун (матнҳо, мисолҳои ҳаётӣ) алоқаманд мекунад<br>– Метавонад ақидаҳои худро такмил ва беҳтар созад, нутқашро ифоданок кунад.<br>– Идеяҳои худро бо далелҳо ҳифз мекунад |
| **Баланд** | – Мушкилот ва саволу идеяҳои ба мавзуъ ё матн алоқамандро ба таври возеҳ баён мекунад<br>– Бо истифода аз манбаъҳои гуногун ва роҳҳои ифода қарорҳои аслӣ ва ғайристандартӣ эҷод мекунад<br>– Идеяҳои дигаронро рушд медиҳад ва такмил мекунад,<br>– Ба муқобили ақидаҳои шахшуда баҳс карда, дар чизҳои маъмулӣ ҷиҳатҳои ғайриодиро мушоҳида мекунад. |

Ин рубрика барои ба зудӣ муайян кардан кумак мекунад, ки **хонанда эҷодро дар кадом сатҳ:** дар нутқ, таҳлили матн ё андешаҳои шахсӣ **нишон медиҳад**. Шакли кӯтоҳ дорад, вале аз нақли сода то эҷоди навиштаҳои нав ва қарорҳои аҷиброфаро мегирад.

**Шарҳи методӣ**

**Инро чӣ гуна бояд истифода бурд:**

- **Барои мушоҳида:** қайд кунед, ки хонанда чӣ гуна тафаккури эҷодиро ҳангоми хониш, навиштани матн ё муҳокимаи он нишон медиҳад (мухтасар, на муфассал).
- **Барои худбаҳодиҳӣ:** хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд худ муайян кунанд, ки дар кадом сатҳ кор мекунанд ва мақсад гузоранд, ки минбаъд кадом корро меозмоянд.
- **Барои муҳокима:** ҳамчун баҳона барои суҳбат истифода баред: «Сатҳи пешрафта аз сатҳи асосӣ бо чӣ фарқ мекунад? Чӣ чиз барои пеш рафтан кумак мекунад? »

Маслиҳат: Рубрикаро ба таври мақсаднок бомаром пас аз супоришҳои эҷодӣ (иншо, эссе, шарҳи матн) истифода баред. Саволи «Ту худро аз рӯйи ин зинаҳо чӣ гуна арзёбӣ мекунӣ?» ба хонанда кумак мекунад, ки на танҳо натиҷа, балки **раванди рушдро дар тафаккур ва нутқи худ** бубинад.

**5. Саволҳои рефлексивӣ**

Рефлексия ба хонанда кумак мекунад, ки на танҳо як фикрро эҷод кунад, балки фаҳмад, ки он чӣ гуна ба вуҷуд омад, чӣ чиз мусоидат кард ва чӣ халал расонд. Чунин андешаронӣ маҳорати мушоҳидаи раванди эҷодии шахсӣ ва такмили онро рушд медиҳад.

**Намунаи саволҳо барои муҳокима:**

- Кадом идеяи ман имрӯз ҷолиб ва ғайричашмдошт буд? Чаро?
- Чӣ ба ман кумак кард, ки роҳи нави ҳалро пайдо кунам?
- Чӣ ба ман халал расонд, ки фикр кунам? Чӣ гуна бо он мубориза бурдам?
- Идеяи киро ман такмил ё рушд додам?
- Чӣ корро мехоҳам дар дафъаи оянда дигар хел санҷам?

**Чаро ин муҳим аст:**

- Хонанда на танҳо натиҷаро мебинад, балки меомӯзад, ки чӣ гуна фикр ва эҷод мекунад.
- Одати таҳлил ва такмили амалҳои эҷодӣ ташаккул меёбад
- Саволҳо нуқтаи оғоз барои *муҳокима дар гурӯҳҳо* мегарданд.

**6. Ёддоштҳо, овезаҳо**

| **ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ**<br>*Назари нав – Мутаҳид намудани гуногуниҳо – Бо ҷуръат озмудан* | |
|---|---|
| ЭҶОДКОРИ ҚАВӢ | ЭҶОДКОРИ ЗАИФ |
| • Мушкилот ва саволҳоро дар матн ва забон **мушоҳида мекунад**, **ки дигарон пай намебаранд:** калимҳои ғайриодӣ, тасвирҳо, оҳанги гуфтор.<br>• **Якчанд идеяҳои** гуногун пешниҳод мекунад – чӣ тавр фаҳмидан лозим ё ба тарзи худ нақл бояд кард.<br>• Тасвирҳо, **ташбеҳҳо ва муқоиса, бозиҳоро** истифода мебарад – бо тарзи шавқовар мефаҳмонад<br>• Маълумотро **аз манбаъҳои гуногун** –матн, мушоҳидаҳо, сужетҳои шинос, китоб ва филмҳо гирифта, бо ҳам алоқаманд мекунад<br>• Идеяҳои худро **такмил дода, беҳтар мекунад**, аз тағйири нақшаи аввал намеҳаросад.<br>• **Идеяҳои дигаронро такмил ва инкишоф медиҳад –** илова мекунад, дақиқ месозад, гунаҳои навро пешниҳод мекунад.<br>• Омода аст ба муқобили **андешаҳои қолабӣ баҳс кунад** ва роҳҳои ногаҳониро ҷустуҷӯ намояд | • **Матнро** тавре, ки ҳаст қабул мекунад, **савол намедиҳад**<br>• Дар **андешаи нахустин** қарор гирифта, гунаҳои дигарро намеҷӯяд.<br>• Танҳо суханони дигаронро **бе иловаи назари шахсӣ** такрор мекунад.<br>• Танҳо аз **маълумоти мавҷудаи китоби дарсӣ** истифода мебарад<br>• **Аз иваз кардани идеяи худ меҳаросад,** ҳатто вақте мебинад, ки онро беҳтар кардан мумкин аст<br>• **Ба дигарон гӯш намедиҳад**, пешниҳодҳоро рад мекунад<br>• Ақидааш «Беҳтараш чун ҳамеша амал кунам, назар ба оне, ки чизи наврро санҷам» |
| ***Эҷодкорӣ аз он ҷо огоз меёбад, ки ту тасмим мегирӣ фикрро ба таври дигар идома диҳӣ.*** | |

**Ин восита чӣ фоида дорад?**

Ин восита ба хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт барои дарк кардани он, ки тафаккури эҷодиро чӣ гуна бояд ба кор бурд, кумак мекунад:

- **Эҷодро аён месозад**: даъватҳои абстрактиро ба мушаххас бармегардонад, масалан, «Эҷодкор бош!».
- **Имкони баёни андеша дар суҳбат**: омӯзгор ва хонандагон метавонанд муҳокима кунанд, ки кадом нишондиҳандаҳои тафаккури эҷодӣ дар иншо, посухи шифоҳӣ ва муҳокимаи матн зоҳир шуданд.
- **Ба худбаҳодиҳӣ** ва муҳокимаи гурӯҳӣ **роҳнамоӣ мекунад**: кумак мекунад бубинанд, ки чӣ корҳо аллакай хуб иҷро мешаванд, чиро ба тарзи нав озмудан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, ин ёддошт мафҳуми абстрактии «эҷод»-ро ба нишондиҳандаи равшан ва дастрас табдил медиҳад. Он на танҳо тавассути супоришҳо, балки тавассути фазои синф ба вуҷуд меояд, фазое, ки дар он ҷустуҷӯйи нав, ғайриодӣ андешидан ва озмоиш кардан истисно нест, балки қисми табиии дарс аст.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳо барои арзёбии салоҳиятҳо: Тафаккури интиқодӣ**

| Восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| **Шакли мушоҳида** | Ҷадвали мухтасар барои сабти зоҳиршавии эҷодкорӣ аз ҷониби хонанда (идеяҳои нав, образҳо, интиқоли дониш...) | Кумак мекунад, ки омӯзгор амалҳои мушаххаси хонандаро **мушоҳида ва қайд намояд.** |
| **Варақаи санҷишӣ барои худсанҷӣ** | Варақаи худбаҳодиҳӣ бо ибораҳои сода ва фаҳмо, ки дар он хонанда кӯшишу иҷрои корашро қайд мекунад. | Маҳорати **таҳлил кардани кори худро** рушд медиҳад ва барои беҳбудии он мақсад мегузорад. |
| **Варақаи санҷишӣ барои супориш** | Рӯйхати қадам ба қадами амалҳо барои иҷрои супоришҳои эҷодӣ (иншо, таҳлили матн, кори лоиҳавӣ) | Кумак мекунад, ки хонанда **кори худро тибқи сохтор ба нақша гирад** ва дар марҳилаҳои раванди эҷодӣ раҳгум назанад. |
| **Рубрика** | Миқёси мухтасари сатҳҳои эҷодӣ: аз идеяҳои маъмулӣ то қарорҳои дараҷаи олӣ ва муносибатҳои нав (ҳалли аслӣ, кор бо таззодҳо) | Барои арзёбии пешрафт ва мақсад гузоштан **нишондиҳандаҳои фаҳмо** медиҳад. |
| **Саволҳои рефлексивӣ** | Маҷмуи саволҳо барои мулоҳизаронӣ пас аз иҷрои супориш | Ба хонандагон кумак мекунад, ки раванди тавлиди идеяҳоро **дарк кунанд**, то ки барои эҷод ба онҳо на халал, балки ёрӣ расонад |
| **Ёддошт / Овеза** | Овеза/аёният бо аломатҳои қавӣ ва заифи эҷодкорӣ | Тафаккури эҷодиро **аёнӣ ва муҳокимашаванда** менамояд, дар синф роҳнамоии доимӣ ба вуҷуд меорад. |

**Шарҳ**. Ин воситаҳо қисми муҳити таълимӣ мегарданд. Онҳо кумак мекунанд, ки эҷодкорӣ аз як мафҳуми муҷаррад ба амалҳои мушаххас табдил ёбад — амалҳоеро, ки метавон мушоҳида кард, муҳокима намуд ва тадриҷан дар иншо, ҷавоби шифоҳӣ, кори лоиҳаӣ ё баҳс дар атрофи матн рушд дод.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Вазъияти таълимии дуруст тарҳрезишуда** ба муҳити табиие табдил меёбад, ки дар он **тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар амал зоҳир мешаванд.**

2. **Ин ду навъи тафаккур ба таври муштарак амал мекунанд**: тафаккури интиқодӣ барои таҳлилу санҷиш ёрӣ медиҳад, тафаккури эҷодӣ барои ҷустуҷӯйи идея ва тасмимҳои нав.

3. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** — раванди фикррониро ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда аён ва фаҳмову возеҳ мегардонад.

4. **Бояд аз воситаҳои сода оғоз карда** шавад— ёддоштҳо, лавҳаю овезаҳо ва варақаҳои кӯтоҳи санҷишӣ бо такя ба **2–3 меъёри калидӣ.**

5. **Самаранокӣ танҳо дар ҳолати истифодаи мунтазами воситаҳо** ва муҳокима бо хонандагон, ки чиро ва чӣ тавр онҳо аз уҳдаи иҷрои супориш баромаданд**, ба даст меоянд**.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Аз дарси имрӯза чӣ  шуморо ба ҳайрат овард?
2. Кадом идея ё усул бештар таваҷҷуҳи шуморо ҷалб кард? Чаро?
3. Кадом идея ё мисол дар шумо шубҳа ба вуҷуд меорад?
4. Кадом усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ ҳамзамон мусоидат мекунанд?
5. Чаро муҳим аст, ки супоришҳо барои хонандагон фаҳмо бошанд ва меъёрҳои муваффақият равшан муайян шуда бошанд?
6. Кадом ғалат ё душвориҳо дар дарс бештар монеаи рушди тафаккури интиқодӣ ё эҷодӣ мешаванд?
7. Ба назари шумо, кадом ду усули арзёбии ташаккулдиҳанда беҳтар аз ҳама рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро пайгирӣ мекунанд? Чаро маҳз ҳаминҳо?
8. Аз воситаҳои пешниҳодшуда, кадомашро шумо осонтар метавонед дар дарси худ татбиқ кунед? Аз чӣ оғоз мекардед? Чаро?
9. Чӣ ба шумо кумак мекунад, ки боварӣ ҳосил кунед, ки усули интихобшуда дар синфи шумо воқеан кор мекунад?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 5.3**

*Ҷавоби дурустро интихоб кунед*

1. **Чӣ гуна рубрика метавонад ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ мусоидат кунад?**
   A. Сохтори иҷрои супоришро ташкил мекунад ва дар пайдо кардани роҳҳои ҳалли масъала кумак мерасонад.
   B. Кумак мекунад, ки сатҳи иҷрои супориш фаҳмида шавад ва қадамҳои беҳбудӣ муайян гарданд.
   C. Шумораи роҳҳои имконпазирро маҳдуд ва ҳамчун роҳнамо барои амалҳо хизмат мекунад.
   D. Ниёз ба бознигариро аз байн мебарад, зеро талабот равшан аст.

2. **Истифодаи варақаи санҷишӣ барои супориши мушаххас чӣ гуна ба кори хонандагон таъсир мерасонад?**
   A. Кумак мекунад, ки қадамҳои калидӣ ва меъёрҳои иҷро намоён гардад.
   B. Ниёз ба дастурҳои омӯзгорро пурра аз байн мебарад.
   C. Иҷрои супоришро сусттар ва марҳилавӣ мекунад.
   D. Ниёз ба қабули қарорҳои мустақилро дар хонандагон кам мекунад.

3. **Чӣ гуна овеза ва ёддоштҳо метавонанд тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро дастгирӣ кунанд?**
   A. Дар хотир нигоҳдории истилоҳ ва далелҳои марбут ба ин маҳоратҳоро осон мекунанд.
   B. Амалҳои интизоршавандаро визуалӣ ва маҳоратҳоро намоён месозанд.
   C. Метавонанд ҷойи шарҳҳои шифоҳии омӯзгор ё дастурҳоро иваз кунанд.
   D. Интихоби хонандаро маҳдуд мегардонад, зеро роҳҳои фаъолиятро собит мекунанд.

4. **Чаро муҳим аст, ки меъёрҳои муваффақият равшан ва фаҳмо бошанд?**
   A. То хонандагон ба муваффақият расанд ва баҳои баланд гиранд.
   B. То хонандагон кори худро бо мақсадҳо муқоиса кунанд ва фаҳманд, ки чиро беҳтар кардан лозим аст.
   C. То шумораи саволҳо дар раванди кор кам гардад.
   D. То раванди санҷиши корҳо барои омӯзгор осон шавад ва худбаҳодиҳии хонанда фаъол гардад.

5. **Арзёбии ташаккулдиҳанда чӣ гуна метавона ба рушди ҳар ду навъи тафаккур баробар мусоидат кунад?**
   A. Омӯзгор ба хонандагон доимо баҳо медиҳад, то сатҳи худро донанд.
   B. Супоришҳо марҳилаҳои таҳлил, интихоб ва асосноккуниро дар бар мегирад.
   C. Ниёз ба шарҳи маводро дар дарс аз байн мебарад.
   D. Супоришҳоро сода мекунад, то ҳамаи хонандагон тавонанд онҳоро иҷро кунанд.

6. **Чаро дар охири дарс саволҳои рефлексивӣ истифода бурдан лозим аст?**
   A. То санҷем, ки хонандагон маводро дар хотир нигоҳ доштанд ё не.
   B. То хонандагон таҷрибаи худ ва тарзи корро таҳлил кунанд.
   C. То вақти ҷамъбасти дарс камтар сарф шавад.
   D. То хонандагон имкони таҳияи супоришҳои навро пайдо кунанд.

7. **Чаро бояд аз воситаҳои содаи арзёбии ташаккулдиҳанда оғоз кард?**
   A. То натиҷаҳоро зудтар бинем ва ба хонандагон бори зиёд надиҳем.
   B. То пурра аз шаклҳои мураккаби назорати дониш даст кашем.
   C. То ниёз ба омӯзиши усулҳои нав аз байн равад.
   D. То хонандагон тавонад супоришро бо осонӣ иҷро кунанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Вазъияти таълимӣ чист ва барои чӣ он дар дарсҳои забон ва адабиёт лозим аст.
2. Тавсифи сохтори вазъияти таълимии сода ва бисёрсатҳа.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Ин на санҷиши тестӣ ва на санҷиши донишҳо мебошад. Мақсад муайян кардани тасаввуроти кунунии шумо ва бедор кардани таваҷҷуҳ ба мавзуъ аст.

– Аввал инфиродӣ ба ҳар як изҳорот ҷавоб диҳед: «Дуруст» ё «Нодуруст».
– Сипас дар гурӯҳ муҳокима кунед**:** муайян намоед, ки ба кадом бандҳо андешаҳои шумо мувофиқанд ва дар кадом фарқ мекунанд**.**

| Ақидаҳо | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Муоширати хуб дар дарс: вақте, ки якчанд хонанда баробар гап мезананд. | | |
| 2. Агар хонанда гӯш кунад, вале гап назанад, ӯ ҳам дар муошират иштирок мекунад. | | |
| 3. Ба таври хаттӣ баён кардани андешаҳо низ як шакли муошират аст. | | |
| 4. Ҳар қадар ки омӯзгор дар дарс камтар гап занад, ҳамон қадар сифати муошират дар синф баландтар аст. | | |
| 5. Ҳамкорӣ вақте аст, ки ҳама як вазифаро иҷро мекунанд, вале ҳар кас мувофиқи суръати худ. | | |
| 6. Агар дар гурӯҳ сарвар бошад, ҳамкорӣ дигар баробар нест. | | |
| 7. Ҳамкорӣ бештар дар кори гурӯҳӣ зоҳир мешавад, дар кори дунафарӣ камтар. | | |
| 8. Дар кори якҷоя нисбат ба натиҷаи ниҳоӣ, раванд муҳимтар аст. | | |
| 9. Қобилияти омӯзиш тавоноии ёд гирифтани маълумот аст. | | |
| 10. Агар хонанда худаш кори худро арзёбӣ кунад, ӯ аллакай «омӯхтанро меомӯзад». | | |
| 11. Рефлексия бештар барои такрори мавзуъ мувофиқ аст, на барои рушди қобилияти омӯзиш. | | |
| 12. Банақшагирии кор ва тақсим кардани вақт қисми қобилияти омӯзиш аст. | | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 5.4-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 5.4 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.4**

### *2.3. Ҳамкорӣ ва муошират: чӣ гуна онҳоро метавон дид, арзёбӣ кард ва рушд дод*

Вақте ки мо дар бораи арзёбии салоҳиятҳои калидӣ сухан мегӯем, бештар эҳсоси чизи абстрактӣ ва душворфаҳм пайдо мешавад. Масалан, агар хонанда савол диҳад — ин танҳо фаъолият аст ё аллакай нишонаи салоҳияти иртиботӣ? Идеяеро дунафара муҳокима кунанд, ин гуфтугӯи одӣ аст ё қадаме ба сӯйи ҳамкорӣ?

Дар ҳамин ҷо мо ба саволи аввалини муҳим мерасем: салоҳиятҳои калидӣ, ин сифати абстрактӣ ё амалҳои воқеии хонандагон мебошанд, ки метавон онҳоро дар дарс мушоҳида ва сабт кард?

Агар мо онҳоро ҳамчун маҷмуи маҳорат ва амалҳои мушаххас бубинем, пас дар куҷо метавонем онҳоро ба осонӣ мушоҳида кунем?

- **Ҳамкорӣ** дар кори ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ, супоришҳои лоиҳавӣ ва муҳокимаҳои муштарак намоён мешавад.
- **Муошират ё коммуникатсия** вақте зоҳир мешавад, ки хонанда фикрҳои худро равшан баён мекунад, ба дигарон гӯш медиҳад, саволҳои дақиқ медиҳад ва дар ҳолати баҳс ба созиш мерасад. Масалан, ҳангоми таҳлили шеър хонанда мефаҳмад, ки муаллиф чиро дар назар дорад, ё бо ҳамсинфаш маъниҳои гуногуни як ибораро муҳокима мекунад.
- **Маҳорати омӯзиш** он вақт дида мешавад, ки хонанда барои худ ҳадаф мегузорад, худро месанҷад, хулоса мебарорад ва амалҳои худро ислоҳ мекунад.

Аммо як нуктаи муҳим вуҷуд дорад: фақат хонандагонро ба гурӯҳ ё дунафараҳо ҷудо кардан кофӣ нест. Аз як тараф, ин дуруст аст, зеро вазъиятҳои таълимӣ, супоришҳои муштарак ва муҳокимаҳо шароити зоҳиршавии ин маҳоратҳоро фароҳам меоранд. Аз тарафи дигар, худи мавҷудияти чунин корҳо ҳануз кафолати рушди салоҳиятҳо нест.

Агар хонандагон дар гурӯҳ нишинанд ва чизеро муҳокима кунанд — оё ин воқеан маҳорати ҳамкорӣ, коммуникативӣ ё омӯзиш аст?

Аз ин рӯ, пеш аз он ки дар бораи арзёбии ин салоҳиятҳо сухан гӯем, бояд мувофиқа кунем, ки мо чӣ чизро мушоҳида мекунем: Кадом амалҳо нишон медиҳанд, ки хонанда ҳамкорӣ мекунад, вориди коммуникатсия мешавад ё меомӯзад?

Муҳим аст, ки на танҳо худи амал, балки сифати онро низ ба назар гирем. Мо на танҳо «далел»-ро мебинем, балки дараҷаи ташаккулёбӣ, умқ ва устувории маҳоратро арзёбӣ мекунем. Танҳо пас аз ин метавон қарор кард, ки чӣ гуна онро сабт ва муҳокима кунем.

Дар ин ҷо ба кумак воситаҳои сода ва дар дарс ҷойгиршаванда — варақаҳои санҷишӣ, ёддоштҳо, варақаҳои мушоҳида меоянд. Онҳо кумак мекунанд, ки зуҳур ва устувории маҳорат дида шавад, бо хонандагон муҳокима гардад ва раванди арзёбӣ як қисми табиии дарси хониш, навиштан ё таҳлили матн гардад.

**1. Намуна варақаи мушоҳида**

***Мақсад:*** *мушоҳида кардани он, ки тарзи ҳамкорӣ ва муоширати хонандагон дар раванди хониши муштарак, муҳокимаи матн ё* омодасозии ҷавоби шифоҳӣ/хаттӣ *чӣ гуна мегузарад.*

| Ташаккулёбии маҳорат | Ҳа / Не | Намуна |
|---|---|---|
| 1. Хонанда дигаронро гӯш карда, сухани онҳоро намебурад | | |
| 2. Идеяҳои худро баён карда, ақидаи худро доир ба матн ва супориш мегӯяд. | | |
| 3. Муколамаро дастгирӣ мекунад, саволҳои дақиқ медиҳад, такроран мепурсад, маънои калима ё ибораро шарҳ медиҳад | | |
| 4. Пешниҳодҳои худро бо овардани матн, иқтибосҳо асоснок мекунад, интихоби калимаҳоро шарҳ медиҳад. | | |
| 5. Барои фаҳмондан воситаҳои гуногунро истифода мебарад (намуна аз матн, нақша, расм, ҷадвал ва ғ.) | | |
| 6. Ба созиш мерасад, ақидаи дигаронро ба назар мегирад, барои роҳи умумии ҳалро ёфтани кумак мекунад | | |
| 7. Ба фарҳанги муошират риоя мекунад: муомилаи хуш, арзи эҳтиром, оҳанги гуфтор, набуридани сухани ҳамсуҳбат. | | |
| 8. Қисми кори худро иҷро карда, барои равнақ додани мавзуи гуфтугӯ гурӯҳро дастгирӣ мекунад | | |

**2. Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ: «Ман дар гурӯҳ чӣ гуна кор кардам ва муошират намудам?»**

*Он чизеро, ки шумо дар дарс анҷом додед, бо аломат ишора кунед. Метавонед намуна ҳам илова намоед.*

| Ман ҳамкорӣ ва муошират кардам, вақте ки… | Ҳа | Баъзан | Не | Намуна |
|---|---|---|---|---|
| 1. Ба дигарон гӯш кардам ва суханашонро набуридам. | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 2. Андешаҳои худро оид ба матн ё мавзуъ пешниҳод кардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 3. Агар чизе нофаҳмо бошад, саволҳо медодам. | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 4. Барои фаҳмондани андешаи худ мисолҳо ё иқтибосҳо овардам. | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 5. Аз нақша, расм ё мисолҳо аз матн барои фаҳмондани идея истифода кардам. | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 6. Ба гурӯҳ дар ёфтани роҳи умумӣ ё созиш кумак кардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 7. Эҳтиромро ба ҷо оварда, сухани касеро набуридам, бо риояи одоб ва оромона сухан гуфтам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 8. Қисми кори худро иҷро кардам ва ҳангоми зарурат ба дигарон кумак кардам | ☐ | ☐ | ☐ | |

**Шарҳи методӣ**

**Шакли мушоҳида ва варақаи санҷишӣ чун «оина» таҳия шудаанд,** омӯзгор ва хонанда барои тавсифи рафтор як тарзи баёнро истифода мебаранд. Ин равандро барои ҳамаи иштирокчиён шаффоф ва фаҳмо мегардонад.

**Варақаҳои санҷишӣ бояд дар дастони хонандагон бошанд** – онҳо ба пайгирии пешрафт кумак мекунанд, имкон медиҳанд, ки мунтазам ба онҳо баргарданд, баррасӣ кунанд, ки чӣ хуб анҷом ёфт ва дар кадом самтҳо бояд кор кард. Онҳоро метавон ҳамчун қисми худбаҳодиҳӣ ё барои робитаи мутақобила дар анҷоми дарс истифода бурд.

**Истифодаи ҳамаи унсурҳо якбора шарт нест.** Дар як дарс кофист, ки ба 2–3 ҳолати мушаххас диққат дода шавад – онҳоро дар аввали кор муҳокима карда, дар охири дарс баррасӣ намоем.

**Воситаҳои пешниҳодшуда ба раванди дарс ҳамроҳ шудаанд** – онҳо ба ташкили кори гурӯҳӣ мусоидат мекунанд, хонандагонро ба ҳамкорӣ равона месозанд ва имкон медиҳанд, ки на танҳо натиҷа, балки раванди ҳамкорӣ муҳокима шавад.

**Дар ин варақа ҳамкорӣ ва муошират якҷоя оварда шудаанд**, зеро дар дарсҳо ин малакаҳо ба ҳам пайвастаанд: ҳамкориро бе муошират ва муоширатро бе ҳамкорӣ тасаввур кардан мушкил аст. Аз ҳамин сабаб онҳо якҷоя пешниҳод шудаанд.

**3. Шакли арзёбии корҳои гурӯҳӣ (Худбаҳодиҳӣ / Арзёбии ҳамдигар)**

Ин воситаҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки кори гурӯҳиро арзёбӣ намоянд. Шакл метавонад барои худбаҳодиҳӣ ё арзёбии ҳамдигар истифода шавад.

| Кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунед: | Намудҳои ҷавобҳо | Ҷавоб |
|---|---|---|
| *1. Ҳама аъзоёни гурӯҳ дар кор иштирок карданд?* | А) Ҳа, ҳама баробар кор карданд | ☐ |
| | Б) Асосан як-ду нафар кор карданд | ☐ |
| | В) Баъзеҳо бештар ва баъзеҳо камтар иштирок карданд | ☐ |
| *2.То чӣ андоза дустона кор кардед?* | А) Дӯстона, бе мунозира кор кардем, низоъ набуд | ☐ |
| | Б) Баҳсҳо буданд, вале мо бо ҳам созиш кардем. | ☐ |
| | В) Ба мувофиқа расидан душвор буд | ☐ |
| *3. Муошират дар гурӯҳ чӣ гуна гузашт?* | А) Оид ба мавзуъ гап задем, далел овардем | ☐ |
| | Б) Баъзан суханони якдигарро мебуридем, аз мавзуъ дур мешудем | ☐ |
| | В) Далелҳо қариб набуданд, гӯш кардан мушкил буд | ☐ |
| *4. Ба шумо натиҷаи кори гурӯҳатон писанд омад?* | А) Ҳа, ҳама хуб шуд | ☐ |
| | Б) Писанд аст, вале метавонист беҳтар шавад | ☐ |
| | В) Не, начандон натиҷа писанд омад. | ☐ |
| *5.Мавқеи худро дар кори гурӯҳӣ арзёбӣ намоед* | А) Ман фаъолона иштирок кардам, ба гурӯҳ ёрӣ расондам | ☐ |
| | Б) Ман дар муҳокима иштирок кардам, вале мебоист бештар кумакам мерасид | ☐ |
| | В) Аксарият бе ман корро иҷро карданд. | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Барои аз худбаҳодиҳӣ ба арзёбии ҳамдигар гузаштан кофист, ки ҳар бандро дар гурӯҳ якҷоя муҳокима кунед. Ибораҳоро метавон бетағйир гузошт. Муҳим он аст, ки ҷавобҳоро якҷоя муҳокима кунед.

Ҳамин тавр, ҳар ду як хел кор мекунад:

- ҳамчун худбаҳодиҳӣ, агар ҳар як хонанда онро инфиродӣ пур кунад;
- ҳамчун арзёбии ҳамдигар, агар гурӯҳ якҷоя ҷавоб диҳад.

Ин вақтро сарфа ва таъсирро ба омӯзгор кам мекунад, хонандагон фикрҳои худро баён кардан, ба мувофиқа расидан ва аз берун дидани равандро меомӯзанд. Ғайр аз ин, маҳоратҳои муҳим– эътибор ва масъулиятро дар назди дигарон рушд медиҳад.

**4. Варақаи худбаҳодиҳии рефлексивии кори дунафарӣ**

Ин восита ба хонанда кумак мекунад, то фикр кунанд, ки кори дунафарӣ тавассути ба анҷом расонидани ибораҳои кушода чӣ гуна гузашт:

1. Дар гурӯҳӣ мо барои ман муҳим буд, ки ...
2. Ҳангоми кор барои ман душвор буд...
3. Ман фикр мекунам, ки тавонистам...

***Чӣ дар фаъолияти ҳамкор ба ман писанд омад:*** .......................................................................................................................................................................................................................................

**Чиро дар фаъолияти оянда беҳтар кардан мумкин аст:** .......................................................................................................................................................................................................................

**5. Варақаи арзёбии кори дунафарӣ**

*Ин восита ба хонанда кумак мекунад, ки саҳми ҳамкориро дар кори муштарак арзёбӣ кунад:*

***Ман кори ҳамсинфамро чӣ гуна арзёбӣ мекунам?***

| *Ҳангоми кори дунафара, ӯ...* | Ҳа | Баъзан | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Ба ман бодиққат гӯш медод ва суханҳои маро намебурид | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Саволҳои аниққунанда медод | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Идеяҳои худро шарҳ медод, далел меовард, | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Диққати худро ба ҷои дигар ҷалб намекард, мекӯшид супоришро то охир иҷро кунад | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Андешаи маро қадр мекард, дар бораи ҳар мавзуи майда - чуйда баҳс намекард | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Хушмуомила буд, кӯшиш мекард нуқтаи назари маро фаҳмад | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

**Худбаҳодиҳии рефлексивӣ ва арзёбии ҳамдигар дар дунафараҳо** ба хонандагон кумак мекунад, дарк кунанд, ки ҳамкорӣ ва муошират ҳангоми иҷрои супориш чӣ гуна гузаштааст ва барои фаъолияти самаранок чӣ мусоидат кардааст.

Ҳар ду шакли маҳоратҳо назорат ба раванди кор, бознигарии эҳтиромона, сӯҳбатҳои самаранок ва марбут ба мавзуъро рушд медиҳанд.

**Худбаҳодиҳӣ бо истифода аз ҷумлаҳои нотамом** («Ман тавонистам, ки.... », «Ба ман душвор ин буд, ки ...») ба хонанда имкон медиҳад, ки таҷрибаи шахсии худро баён кунад, ба чӣ муваффақ шуд, чӣ душвор буд, чиро фаҳмид. Ин раванд рефлексияи дохилиро ташаккул медиҳад ва масъулиятро барои иштироки шахсӣ тақвият мебахшад.

**Арзёбии ҳамдигар** ба хонанда меомӯзад, ки робитаи мутақобилаи дурустро ба роҳ монад, амалҳои ҳамсинфашро мушоҳида кунад, бо эҳтиром андешаашро оромона изҳор намояд. Ин гуна варақаҳо кумак мекунанд, ки ба баъзе фаъолиятҳое, ки пештар аз назар дур буданд, эътибор дода шавад: маҳорати гӯш кардан, шарҳ додан, маслиҳат кардан, корро то ба охир расондан.

**6. Ёддоштҳо, овезаҳо**

<table>
<tr><th colspan="2">ҲАМКОРӢ ва МУОШИРАТ<br>*Гӯш кардан – Ба мувофиқа расидан – Якҷоя кор кардан*</th></tr>
<tr><td>ЧУНИН КОР КАРДАН ОСОН АСТ</td><td>ИН ТАВР ДУШВОР АСТ</td></tr>
<tr><td>• Идеяҳои худро баён мекунем ва ба дигарон имкони сухан гуфтан медиҳем<br>• Дар бораи нақшҳо ва қоидаҳо ба мувофиқа мерасем<br>• Бо хушмуомилагӣ баҳс мекунем ва мефаҳмонем, ки дар чӣ розӣ нестем<br>• Бодиққат гӯш мекунем ва дубора мепурсем, то ки дуруст фаҳмем<br>• Ба гурӯҳ кумак мекунем, ки ба ҳадаф наздик шавад<br>• Агар чизе дуруст нашавад, роҳи ҳаллашро меҷӯем<br>• Онҳоро, ки аз раванд дур мондаанд, дубора ҷалб мекунем<br>• Андешаи дигаронро эҳтиром мекунем, аз ихтилофи назар намеранҷем</td><td>• Хомӯш меистем ё бе мақсад гап мезанем, гӯш намекунем<br>• Ҳамаро ба тариқи худ мекунем, бе мувофиқа бо дигарон<br>• Сухани дигаронро мебурем, баҳс мекунем ё якбора хомӯш мешавем<br>• Ба дигарон гӯш намекунем, чизеро дақиқ намепурсем ё вонамуд мекунем, ки чизеро нашунидем<br>• Суҳбатро ба самти дигар мебарем ё аз кор канорагирӣ мекунем<br>• Танқид мекунем, вале тарзи иҷрои беҳтарро пешниҳод намекунем<br>• Онҳоеро, ки қафо мондаанд, нодида мегирем<br>• Ба идеяҳои пешниҳодшуда писханд мезанем ё беэътиноӣ мекунем</td></tr>
<tr><td colspan="2">***Агар якҷоя бошед – мушкилӣ нест. Вақте ки ҳар кас танҳо барои худ ҷавоб мегӯяд - мушкил аст.***</td></tr>
</table>

**Барои чӣ ин восита аҳамият дорад?**

**Овеза ва ёддоштҳо** яке аз роҳҳои осон ва боэътимоди намоиш додани ҳамкорӣ ва муошират дар синф мебошанд. Мавҷудияти доимии онҳо дар синф ба хонандагон қоидаҳои асосии ҳамкориро ёдрас мекунад ва забони умумии муоширатро миёни хонандагону омӯзгорон ба вуҷуд меорад.

Истифодаи онҳо имконият медиҳад:

- Ба хонандагон фаҳмонем, ки «якҷоя кор кардан» ва «самаранок муошират кардан» чӣ маъно дорад
- Самтнамоии равшан барои худбаҳодиҳӣ ва муҳокимаи гурӯҳӣ пешниҳод кунем
- Арзиши эҳтиром, ҳамкорӣ ва муоширатро дар фаъолияти ҳаррӯза мустаҳкам намоем.

**7. Рубрика: Зинаи рушди маҳоратҳо — «Ҳамкорӣ ва муошират»**

**Мақсад:** Муайян кардан, ки хонанда дар кадом сатҳ ҳамкорию муошират ва тарҳрезӣ намудани роҳҳои рушди минбаъдаро нишон медиҳад.

| Сатҳ | Зоҳир шудани нишонаҳои ҳамкорӣ ва муошират |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | Корро расмӣ иҷро мекунад: аҳёнан сухан меронад, идеяи кам пешниҳод мекунад, дигаронро гӯш намекунад, ташаббус нишон намедиҳад, метавонад фикри ҳамкоронро нодида гирад |
| **Асосӣ** | Қисми кори худро иҷро мекунад, кӯшиш мекунад гӯш кунад, дар муҳокима иштирок ва кумак мекунад, ки ба мувофиқа расанд, вале кам савол медиҳад ё идеяи дигаронро инкишоф медиҳад |
| **Пешрафта** | Фаъолона иштирок мекунад: фикрҳои худро равшан баён мекунад, андешаи дигаронро эҳтиром мекунад, таклифу пешниҳодҳо мекунад, ба гурӯҳ кумак мекунад, ки нофаҳмиҳоро барҳам диҳанд. |
| **Баланд** | Муоширатро ташкил мекунад: гурӯҳро ба сӯйи мақсад роҳнамоӣ мекунад, ба идеяи дигарон гӯш мекунад ва онҳоро инкишоф медиҳад, саволҳои дақиқкунанда медиҳад, фазои кушода ва эҳтиромомезро нигоҳ медорад |

Рубрикаи мазкур барои фаҳмидани он, ки ҳамкорӣ дар амал чӣ гуна ба назар мерасад, кумак мекунад, масалан, тавассути рафторҳои мушаххаси мушоҳидашаванда: иштирок кардан, гӯш кардан, далел овардан, дастгирӣ. Ифодаҳо кӯтоҳ ва фаҳмоянд, бинобар ин онро ҳам барои мушоҳида ва ҳам барои худбаҳодиҳӣ метавон истифода бурд.

**Шарҳи методӣ**

Рубрика метавонад ҳамчун воситаи мушоҳида барои омӯзгор ва ҳамчун роҳнамо барои худбаҳодиҳӣ ва арзёбии якдигари хонандагон истифода шавад.

Дар дарс рубрика ёрӣ мерасонад, ки:

- мафҳуми «ҳамкорӣ» бо хонандагон муҳокима карда шавад;
- такя кардан ба 1–2 нишонаҳои мушаххас (масалан: оё мо ҳамдигарро гӯш мекунем? оё далел меорем?)
- пайгирии пешрафт бе истифодаи баҳои расмӣ .

Тавсия дода мешавад, ки рубрикаи маҳдуд истифода шавад – танҳо ба 1–2 нишона дар як дарс, то ки ба омӯзгор ва хонандагон аз ҳад зиёд сарборӣ нашаванд.

Рубрикаро метавон дар шакли чопшуда, ҳамчун овеза ё дар муҳокима пас аз кори гурӯҳӣ истифода бурд. Муҳим он аст, ки рубрика на танҳо барои ҷамъбасти натиҷаҳо, балки барои мушоҳидаи раванди рушд кумак кунад. Барои дастгирии мунтазами ҳамкорӣ ва муошират муҳим аст, ки ин маҳоратҳоро на ҳамчун лаҳзаҳои ҷудогона**,** балки ҳамчун қисми муҳити умумии таълимӣ бубинем. Вақте ки ҳамкорӣ ба як меъёри табиии дарс табдил меёбад, хонандагон онро меомӯзанд. Он гоҳ онҳо дарк мекунанд, ки «ҳамкорӣ кардан», «гӯш кардан», «ба мувофиқа расидан» чӣ маъно дорад.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳо: Ҳамкорӣ ва Муошират**

| Восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| **Шакли мушоҳида** | Ҷадвал барои сабти нишонаҳои ҳамкорӣ ва муошират аз ҷониби омӯзгор | Кумак мекунад, ки омӯзгор маҳоратҳои калидиро дар ҷараёни дарс мушоҳида кунад |
| **Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ** | Рӯйхати амалҳо барои арзёбии маҳоратҳои ҳамкорӣ ва муошират | Маҳоратҳои худтаҳлилкунӣ ва дарки саҳми шахсиро дар кори гурӯҳӣ рушд медиҳад |
| **Шакли арзёбии кори гурӯҳӣ** (худбаҳодиҳӣ / арзёбии ҳамдигар) | Маҷмуи саволҳо барои таҳлили иштирок, ҳамкорӣ ва натиҷаи кори гурӯҳӣ | Барои саҳми ҳар як хонандаро дидан, динамикаи гурӯҳро муҳокима кардан ва таҳлил намудан кумак мекунад |
| **Варақаи худбаҳодиҳии кори дунафарӣ** | Варақа бо ҷумлаҳои нотамом барои рефлексия пас аз кори дунафарӣ | Кумак мекунад, ки хонанда саҳми худро дар кори якҷоя дарк кунад, мушкилӣ ва дастовардҳоро муайян созад |
| **Варақаи баҳодиҳии кори дунафарӣ** | Саволҳое, ки барои арзёбии ҳамдигар дар кори дунафарӣ истифода мешаванд | Фарҳанги робитаи мутақобила ва муомилаи эҳиромонаро рушд медиҳад. |
| **Рубрика** | Шкалаи зинаҳои ҳамкорӣ ва муошират – аз ибтидоӣ то сатҳи баланди рушд | Дастури возеҳу равшан медиҳад, пешрафтро пайгирӣ мекунад ва барои гузоштани мақсадҳои рушд кумак мерасонад |
| **Ёддошт / Овеза** | Роҳнамои аёнӣ: намунаҳои рафтори қавӣ ва заиф дар гурӯҳ | Малакаҳоро фаҳмо ва аёнӣ менамояд, фарҳанги ҳамкорӣ ва муошırати боэҳтиромонаро ташаккул медиҳад. |

Воситаҳои пешниҳодшуда қисми муҳимми сохтори зиндаи дарс мебошанд. Онҳо кумак мекунанд, ки ҳамкорӣ ва муошират аз як мафҳуми умумӣ ба амалҳои мушаххас табдил ёбанд — амалҳое, ки метавон мушоҳида, дастгирӣ намуд ва якҷоя бо хонандагон муҳокима кард. Ин асосест барои ташаккули муҳите, ки дар он кори якҷоя ба як амали омӯзишии огоҳона табдил меёбад.

Роҳи беҳтарини истифодаи шаклҳои сода ва ҳамаҷониба дар раванди таълим:

1. **Ба раванд диққат медиҳанд:** муҳим на танҳо он чизет, ки ба даст омад, балки чӣ гуна хонанда ба он расид
2. **Якҷоя масъуланд:** ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда дар фаҳмидан ва муҳокимаи кори якҷоя иштирок мекунанд
3. **Осон истифода мешаванд ва такрор меёбанд:** восита ба дарс сарборӣ намешавад, балки як қисми таҷрибаи доимӣ мегардад.

Ба таври одӣ оғоз кунед. Қадами аввал ва боэътимод насби овеза дар синф ё тақсим кардани ёддошт: чӣ гуна якҷоя кор кардан, чӣ гуна гӯш кардан ва ба мувофиқа расидан мебошад.

Ба ин шакл як варақаи санҷишӣ ё худбаҳодиҳӣ илова кунед. Вақте хонандагон ба ин ёддоштҳо одат мекунанд, метавон ба воситаҳои амиқтар– рубрикаҳо, варақаҳои мушоҳида ва рефлексия гузашт.

### *2.4. Маҳорати омӯхтан*

**Маҳорати омӯхтан** ин қобилияти идора кардани раванди таълимии худ мебошад: мақсад гузоштан, қадамҳоро тарҳрезӣ кардан, пешрафтро пайгирӣ кардан, натиҷаҳоро таҳлил кардан ва дар ҳолати зарурӣ равишро тағйир додан.

Дар дарс ин малака вақте зоҳир мешавад, ки хонанда дарк мекунад, ки барои чӣ супоришро иҷро мекунад, амалҳои худро таҳлил карда, шарҳ дода метавонад, ки чиро омӯхтааст.

Барои рушди маҳорати омӯхтан муҳим аст, ки раванди омӯзиш аёнӣ, фаҳмо ва муҳокимашаванда бошад.

Барои ин воситаҳои одӣ ба кор меоянд, ки на таҳо барои сабт кардани натиҷа, балки барои андешидани раванди кори худ низ кумак мерасонанд.

**Варақаи санҷишӣ:** «Ман имрӯз чӣ гуна кор кардам»

*Он чизеро, ки ту дар дарс анҷом додӣ, бо аломат ишора кун.*

| *Ман имрӯз:* | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Фаҳмидам, ки барои чӣ супоришро иҷро мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Мақсад гузоштам: *чиро фаҳмидан ё анҷом додан мехоҳам* | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Нақшаи корро фикр кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришро мувофиқи нақша иҷро кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Натиҷаро санҷидам ва ғалатҳоро ислоҳ кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Андеш намудам, ки *чӣ омӯхтам ва дар дафъаи оянда чӣ гуна беҳтар кор мекунам* | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Варақаи санҷиширо метавон дар охири дарс ё ҳамчун вазифаи хонагӣ истифода бурд, то хонанда раванди кори худро андешаронӣ кунад. Он ба бошуурона сохтани раванди таълим кумак мекунад: хонанда мефаҳмад, ки на танҳо иҷрои супориш муҳим аст, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна онро иҷро кардааст. Истифодаи ҳамаи бандҳо шарт нест, 2–3 банди асосиро интихоб кунед, кофист, то диққат ба қадамҳои мушаххас равона шавад.

**Саволҳои рефлексивӣ / Корти хулосабарорӣ**

1. Чаро ман ин супоришро иҷро кардам?
2. Иҷрои кадом қисми кор ба ман беҳтар муяссар шуд?
3. Кадом қисм душвортар буд?
4. Ман чӣ омӯхтам (маҳорати нав)?
5. Дафъаи оянда корро чӣ гуна дигар хел анҷом медиҳам?
6. Дар куҷо ниёз ба кумак дорам?

***Шарҳи методӣ:*** ин рӯйхатро ба осонӣ метавон ба шакли корти хулосабарорӣ мутобиқ кард. Барои ин кофист 2–3 саволеро интихоб намуд, ки ба мақсадҳои дарси мушаххас бештар мувофиқанд. Ин усул ба зуд анҷомёбӣ ва самараноки дарс мусоидат мекунад ва дар ин ҳолат унсури рефлексия ҳифз мешавад.

**3. Ёддоштҳо, овезаҳо**

| **МАҲОРАТИ ОМӮХТАН**<br>*Фаҳмидан – Банақшагирӣ –Ба мақсад расидан* | |
|---|---|
| РОҲИ ОСОНИ ОМӮХТАН | РОҲИ ДУШВОРИ ОМӮХТАН |
| • Медонам, ки **барои чӣ** супоришро иҷро мекунам<br>• Мақсад мегузорам: *«Чиро мехоҳам фаҳмам ё анҷом диҳам»*<br>• Фикр мекунам, ки чӣ гуна кор мекунам: нақша, қадамҳо, вақт<br>• Худро месанҷам ва ғалатҳоро ислоҳ мекунам<br>• Хулоса мебарорам: *«Чиро омӯхтам? Чӣ гуна беҳтар кор мекунам?»*<br>• Агар дармондам, кумак мепурсам ва онро истифода мебарам<br>• Метавонам ба **дигарон фаҳмонам** ё барои фаҳмидан ёрӣ диҳам. | • Чунин мекунам «барои он, ки гуфтанд»<br>• Дар бораи мақсад ва натиҷа фикр намекунам<br>• Бе нақша ва чӣ гунае, ки пеш омад кор мекунам<br>• Худро намесанҷам ва ғалатҳоро ислоҳ намекунам<br>• Андеша намекунам, ки чӣ ба даст омад<br>• Аз савол додан ва кумак пурсидан канорагирӣ мекунам<br>• Фикр мекунам, ки омӯзиш танҳо дар дарс аст, на дар зиндагӣ<br>• Фаҳмонидан ва ба дигарон кумак карда наметавонам |
| ***Омӯхтан — яъне донистани ҳадаф, роҳ ва мазмуни омӯзиш.*** | |

**Ба ҷойи хулоса: қадамҳои хурд — роҳи бузург**

Арзёбии салоҳиятҳои калидӣ, тавони дидан, муҳокима кардан ва рушд додани он фаъолиятҳое мебошад, ки воқеан муҳимманд, ба монанди чӣ гуна хонанда фикру ҳамкорӣ мекунад, кӯшиш намуда, меомӯзад.

Метавонем ба таври осон чунин оғоз кунем: як варақаи санҷишии фаҳмо, як ёддошт, як саволи рефлексивӣ. Муҳим он аст, ки ин фаъолият кор кунад ва қисми дарс бошад.

**Дар хотир доштан муҳим аст:**

- **Содагӣ аз ҳама муҳимтар аст**: беҳтар аст, ки як воситае кор фармуда шавад, назар ба низоми мураккаби истифоданашаванда беҳтар аст.
- **Амалҳоро шарҳ медиҳем, на тавсиф мекунем**: «ӯ се саволи аниқ дод» ё «ба гурӯҳ дар расидан ба мувофиқа кумак кард».
- **Хонандагонро ҷалб мекунем**: худбаҳодиҳӣ ва муҳокима малакаҳоро фаҳмотар ва бошуурона мегардонанд.

Ҳамин тавр, қадам ба қадам муҳите ба вуҷуд меояд, ки дар он на танҳо натиҷа, балки роҳи расидан ба он низ қадр карда мешавад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муошират ва ҳамкорӣ** дар **вазъиятҳои воқеии таълимӣ** зоҳир мешаванд — вақте ки супоришҳо муҳокимаи муштарак, тақсим кардани нақшҳо ва ҷустуҷӯйи ҳалли умумиро талаб мекунанд.
2. **Қобилияти омӯзиш** — ин на танҳо иҷрои супоришҳо, балки тавони банақшагирии огоҳона**,** арзёбӣ ва ислоҳи кори худ аст.
3. **Арзёбии ташаккулдиҳанда ин салоҳиятҳоро намоён мекунад** — варақаи санҷишӣ, рубрика, шаклҳои мушоҳида ва харитаҳои баромад на танҳо натиҷаро, инчунин раванди корро сабт мекунанд**,**
4. **Аз воситаҳои сода** ёддошт, овеза, варақаи санҷишии кӯтоҳ **оғоз бояд кард**; тадриҷан метавон ба шаклҳои мураккаб гузашт, аз ҷумла **худбаҳодиҳӣ ва арзёбии мутақобила.**
5. **Самаранокӣ** вақте ба вуҷуд меояд, ки арзёбӣ мунтазам ва бо муҳокимаи муштарак бо хонандагон сурат гирад, муҳим аст, ки усулҳо системавӣ истифода шаванд, маънӣ ва меъёрҳо муҳокима шаванд ва баъзан такя ба 2–3 нишонаҳои калидӣ кофист.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Имрӯз барои шумо чӣ нав буд ё шуморо ба андеша водор кард?
2. Кадом усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда беҳтар нишон медиҳанд, ки хонандагон чӣ гуна муошират ва ҳамкорӣ мекунанд?
3. Кадом супоришҳои шумо аллакай ба рушди ин малакаҳо мусоидат мекунанд?
4. Чиро каме тағйир додан мумкин аст, то ҳамкорӣ бошуурона гардад?
5. Кадом 2–3 воситаи дар дарс истифодашударо аввал санҷидан мехоҳед? Чаро маҳз онҳоро?
6. Чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст, ки восита воқеан ба хонандагон барои ҳамкории муштарак беҳтар ёрӣ мерасонад?
7. Чӣ бояд кард, то хонандагон ба якдигар пешниҳоди робитаи мутақобилаи муфид ва боэҳтиромро омӯзанд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳӣ 5.4

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед*

**1. Варақаи санҷишӣ барои кори гурӯҳӣ чӣ гуна метавонад ба рушди ҳамкорӣ мусоидат кунад?**
A. Супоришро сода мекунад, то ҳамаи иштирокчиён тавонанд онро иҷро кунанд.
B. Кумак мекунад, ки нақшҳо тақсим шаванд ва иҷрои қадамҳо назорат гардад.
C. Ниёз ба муҳокимаи байни хонандагонро аз байн мебарад.
D. Масъулияти шахсии иштирокчиёнро барои натиҷа аз байн мебарад.

**2. Саволҳои рефлексивӣ чӣ гуна ба рушди маҳорати омӯхтан мусоидат мекунанд?**
A. Имкон медиҳанд, ки раванди кор таҳлил шавад, на танҳо натиҷа.
B. Таҳлили супоришро тавассути саволҳои гуногун осон мекунанд.
C. Ниёз ба санҷиши донишро аз байн мебаранд.
D. Интихоби роҳҳои иҷрои супоришро маҳдуд мекунанд.

**3. Чаро муфид аст, ки мақсад ва натиҷаҳои интизоршавандаро дар аввали дарс бо хонандагон муҳокима кунем?**
A. То вақти шарҳи маводи нав камтар сарф шавад.
B. То хонандагон фаҳманд ва тавонанд кори худро нақшагирӣ кунанд.
C. То баҳогузорӣ объективӣ гардад.
D. То шумораи савол ва супоришҳои таълимӣ кам гардад.

**4. Чаро тақсим кардани нақшҳо дар гурӯҳ бояд сабт карда шавад?**
A. То кор зудтар ба анҷом расад.
B. То иштироки ҳамаи аъзо таъмин гардад.
C. То супоришҳо такрор нашаванд.
D. То аъзои фаъол арзёбӣ шаванд.

**5. Овеза ва ёддоштҳо чӣ гуна ба ташаккули салоҳияти муошират мусоидат мекунанд?**
A. Қоидаҳои муоширатро визуалӣ мекунанд.
B. Ҷойи дастурҳои шифоҳии омӯзгорро мегиранд.
C. Ҷавобҳои тайёрро пешниҳод мекунанд.
D. Шаклҳои муоширатро маҳдуд мекунанд.

**6. Худбаҳодиҳии мунтазам чӣ гуна ба маҳорати омӯхтан таъсир мерасонад?**
A. Вобастагиро аз арзёбии беруна зиёд мекунад.
B. Имкон медиҳад, ки пешрафт пайгирӣ шавад.
C. Супоришҳоро тавассути ишораҳо осон мекунад.
D. Ҷойи фикру мулоҳизаи омӯзгорро мегирад.

# МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

**3.** Таҳлили вазъиятҳои таълимӣ бо назардошти меъёрҳои муайяншуда

**4.** Таҳияи вазъиятҳои таълимӣ бо дарназардошти салоҳиятҳои калидӣ ва мураккабии сатҳ

## КОРИ АМАЛӢ: АЗ ТАҲЛИЛ ТО ТАРҲРЕЗӢ

**Кори амалии 1. Таҳияи мақсади дарс**

**Мақсад:** омӯхтани роҳҳои тақвияти тафаккури интиқодӣ дар супоришҳо, ғанӣ гардонидани онҳо бо унсурҳои эҷодкорӣ ва шинос намудани хонандагон бо мақсадҳои дарс тавассути арзёбии ташаккулдиҳанда.

Мавзуъ: «Образи зан дар адабиёти тоҷик дар асри XX»

Омӯзгор хонандагонро дар гурӯҳҳо муттаҳид кард. Ҳар як гурӯҳ вазифадор буд:

- Пораеро аз асар (масалан, аз повести Садриддин Айнӣ ё шеъри Лоиқ Шералӣ) бихонад;
- Фикри асосиро дар бораи образи зан муайян кунад ва бо суханони худ баён намояд;
- 2–3 хулоса дар бораи нақши зан дар ададбиёт ва ҷомеаи ҳамон замон тартиб диҳад;
- Барои пурсишу посух бо гурӯҳҳои дигар се саволӣ омода кунад.

**Натиҷа:** Гурӯҳҳо тавонистанд ғояи асосиро муҳокима кунанд, хулосаҳои муҳимро бароранд, аммо барои гузаронидани пурсишу посух вақт нарасид. Баъзе хонандагон хоҳиши идома додани муҳокимаро дар дарси оянда изҳор карданд, махсусан дар мавриди фаҳмиши муосири образи зан

**Супоришҳо барои гурӯҳҳо:**

1. **Кадом супориш ва саволҳо дар ин вазъияти таълимӣ аллакай ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд?** Чиро илова мекардед, то онро боз ҳам тақвият диҳед?
2. **Як варианти супориши хонагӣ пешниҳод намоед,** ки мавзуъро фаро ва унсурҳои эҷодкориро дар бар гирад.
3. **Бо назардошти муҳтавои дарс,** мақсадҳоро ба таври натиҷаҳои интизоршаванда тартиб диҳед (хонанда то охири дарс бояд чиро донад, фаҳмад ва чиро тавонад).
4. **Як усулро аз рӯйхат интихоб кунед,** ки бо ёрии он метавон мақсадҳоро дар аввали дарс бо хонандагон муҳокима кард.

**Усули интихобшударо таҳия кунед:**

- **номи усул**
- **тавсифи кӯтоҳи 2–3 қадам** – чӣ гуна онро мегузаронед
- **намунаи шакл ё маводи тасвирӣ,** ки истифода мебаред

**Намунаҳо.**

**«Зинаи муваффақият / Миқёси пешрафт»** – ба хонандагон пешниҳод кунед, ки то дар кадом зинаи донистани мавзуъ қарор доштанро қайд кунанд.

**«Савол ба дарс»** – дарсро бо 2–3 саволе оғоз намоед, ки хонандагон то охири дарс ба онҳо ҷавоб дода тавонанд.

**«Нақша дар 3 қадам»** – дар тахтаи синф се амали асосиро нависед, ки барои ба мақсад расидан бояд иҷро кард.

**«Чиро ман метавонам?»** –мақсадҳоро тавассути маҳорат таҳия кунед: «Пас аз анҷоми дарс ман метавонам…».

**«Хатсайри дарс»** – марҳилаҳои дарс ва натиҷаҳои интизоршавандаро ба шакли ҷадвал ё нақша тасвир кунед.

**Кори амалии 2: Тарҳрезии воситаҳои арзёбӣ барои як мавзуи мушаххаси дарс**

**Мақсад:** омӯхтани тарзи пайдо кардан ва тақвият бахшидани унсурҳои тафаккури интиқодӣ дар супоришҳои таълимӣ, инчунин тарҳрезии воситаҳои одии бознигарӣ барои як дарси мушаххас.

**Мавзуъ: Хусусиятҳои муқоисавии синонимҳо ва антонимҳо дар забони тоҷикӣ.**

Дар дарс хонандагон дар гурӯҳҳо бо матнҳо ва луғатҳо кор карданд. Ҳар як гурӯҳ вазифадор буд, ки ду ҷуфти калимаро омӯзад:

**Синонимҳо:** «зебо» – «хушрӯ»

**Антонимҳо:** «равшан» – «торик»

Хонандагон муайян карданд:

- Маънои ҳар як калимаро
- Мазмуне, ки калима дар он истифода мешавад (ҷустуҷӯйи мисолҳо дар матни бадеӣ ё гуфтугӯйи рӯзмарра)
- Ранги эҳсосӣ ва мансубияти услубии калимаҳо
- Фарқиятҳои эҳтимолӣ дар истифода

Пас аз анҷоми кор, гурӯҳҳо хулосаҳои худро пешниҳод карданд ва дар синф муҳокимаи умумӣ баргузор шуд: якҷоя ҷуфти калимаҳоро муқоиса карданд, монандиҳо ва фарқиятҳоро ҷудо намуданд, ҷавобҳоро дақиқ ва пурра карданд. Омӯзгор дар тахта меъёрҳои муқоиса ва мисолҳоро аз нутқ сабт намуд.

**Супоришҳо барои омӯзгорон**

**1. Таҳлили тафаккури интиқодӣ дар раванди дарс**

- Кадом супориш ва саволҳо дар ин вазъият аллакай ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд?
- Кадом саволу супоришҳоро метавон илова кард, то тафаккури интиқодӣ боз ҳам пурзӯр гардад?

**Кумак**: аз хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ—таҳлил карда тавонистани маълумот, муайян кардани робитаҳо, асоснок кардани хулосаҳо, истифодаи далелҳо барои шарҳи падидаҳо истифода баред.

**Намунаи феълҳои амал**: муқоиса намо, шарҳ деҳ, арзёбӣ кун, интихоб кун, асоснок кун, пешниҳод кун.

**2. Нақшаи бозингарӣ бо хонандагон**

- Андеша кунед, ки дар охири дарс чӣ гуна метавонед бозингарӣ кунед (дар бораи он ки чӣ омӯхтанд ва чӣ чизро ҳанӯз бояд фаҳманд).
- Барои муҳокимаи шифоҳӣ ё «кортҳои баромад» 2–3 саволи рефлексивӣ пешниҳод кунед.

Бовар ҳосил кунед, ки ин саволҳо на танҳо хулосаи дарсро ҷамъбаст мекунанд, балки тафаккури интиқодиро фаъол месозанд.

**3. Таҳияи варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳии кори гурӯҳӣ**

- Вобаста ба супориши дарс як варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳии кори гурӯҳӣ таҳия намоед.
- Яке аз бандҳо ҳамчун намуна дода шудааст, боқимондаро илова намоед:

| **Имрӯз ман …** | **Ҳа** | **Қисман** | **Не** |
|---|---|---|---|
| 1. Ду ҷумларо аз рӯйи ин меъёрҳо муқоиса намудам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. | ☐ | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 3. Аз идея – ба амал**

**Мақсад:** интихоб ва тақсим кардани муфидтарин восита ва усулҳо аз мавзуъҳои 1 ва 2-и модули 4, ки метавон дар дарсҳои оянда истифода бурд.

**Супоришҳои инфиродӣ:**

1. Ба маводи мавзуъҳои 4.1 ва 4.2. нигаред
2. Он усулҳое, ки ба шумо писанд омаданд, қайд кунед.
3. Онҳоро ба се категория ҷудо намоед. Дар ҳар категория 2–3 усул ё воситаро нависед:
   - **Фардо месанҷам** – қадамҳои сода, ки метавонед фавран татбиқ кард.
   - **Баъдтар истифода мебарам** – он чизҳое, ки омодагӣ ё мутобиқсозӣ талаб мекунанд.
   - **Лозим мешавад**– андешаҳои муфид барои оянда.

| **Фардо месанҷам** | **Баъдтар истифода мебарам** | **Лозим мешавад** |
|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. |

Ҷадвалро пур кунед. Баъдан 1–2 усулро интихоб намоед ва ба ҳамкорон шарҳ диҳед, ки чаро маҳз онҳоро интихоб кардед.

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013.
3. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
4. Чаҳорчубаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025.
5. Мухторӣ Қ., Сафин Д. В., Кабиров Н., Садруддинов Х. ва дигарон. Воситаҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018.
6. Бобизода Ғ., Зиёӣ Х., Акобиров Ш., Исоев К., Байзоев А., Алиев А. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ).-Душанбе, 2020.
7. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206 тасдиқ карда шудааст.
8. Третьяков П.И. и др. Технологии модульного обучения в школе. - М., 1997.
9. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
10. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
11. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.